**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**
**КАФЕДРАИ СОТСИОЛОГИЯИ ФАКУЛТЕТИ ФАЛСАФА**

***Бо ҳуқуқи дастнавис***

**УДК: 159.9 (575.3)**
**ББК: 88.5**
**С- 21**

**ЭЛМУРОДОВА ДАВЛАТБӢ АНВАРОВНА**

# МАСЪАЛАҲОИ МОДАРӢ ДАР ОИЛАҲОИ НОПУРРАИ ҶОМЕАИ МУОСИРИ ТОҶИКИСТОН

# ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050100 – Сотсиология (6D050104 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ)

**Роҳбари илмӣ:** Узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илми сотсиология, профессори кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шоисматуллоев Шоназар

**ДУШАНБЕ – 2023**

# МУНДАРИЧА

**Муқаддима ............................................................................................3**
**Боби 1. Асосҳои назариявӣ-методологии омӯзиши оилаҳои нопурра ........21**
1.1.Тавсифи назариявии мафҳумҳои «модарӣ» ва «оилаи нопурра» дар илмҳои ҷомеашиносӣ.........................................................................21
1.2.Омилҳои иҷтимоӣ ва мадании ташаккулёбии оилаҳои нопурра.....46
1.3.Масъалаҳои модарӣ дар оилаҳои нопурраи муосир ........................72
**Боби 2. Шароити зиндагии модарони танҳо дар Тоҷикистони муосир......89**
2.1.Хусусиятҳои иҷтимоии зиндагонии модарони танҳо ва рафтори стратегии онҳо дар ҳолатҳои мушкили зиндагӣ....................................89
2.2.Равандҳои иҷтимоишавии кӯдакон дар оилаҳои нопурраи Тоҷикистон.........................................................................................103
2.3.Сиёсати иҷтимоии давлат нисбати модарӣ дар оилаҳои нопурраи Тоҷикистон.........................................................................................116
**Хулоса.....................................................................................................143**
**Рӯйхати адабиёт.......................................................................................155**

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Тағйирёбии муносибатҳои иҷтимоӣ, паҳншавии арзишҳои асосии раванди ҷаҳонишавӣ ва ташаккулёбии воситаҳои замонавии иртиботӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон бевосита ва ё бавосита пайдоиши муносибатҳои нави оилавӣ мусоидат намуда, ба сохтори анъанавии оила ҳамчун институти иҷтимоӣ таъсири худро мерасонанд. Махсусан, дар муносибатҳои анъанавии байни зану мард, робитаҳои волидайн ва фарзандон, арзишҳо ва анъанаҳои оилавӣ ва сохтори иҷтимоии оилаҳои анъанавии Тоҷикистон дигаргуниҳои назаррасро мушоҳида намудан мумкин аст.

Дар баробари дигаргуниҳои мусбати оилавӣ, мисли боло рафтани мақоми иҷтимоии зан дар оила, иштироки занон дар баровардани қарорҳои муҳими оилавӣ, беҳтар гаштани сатҳи худмуайянкунии касбии занону духтарон дар оила, махсусан, таҳсилоти занон ва омӯзиши касбу ҳунарҳо, муносибаҳои нисбатан ошкоро ва озоди занону мардон, ба инобат гирифтани фикру андешаи занону духтарон ҳангоми барпо намудани оила, ҳифзи ҳуқуқҳои занон ҳангоми зӯроварии оилавӣ, зиёд шудани оилаҳои замонавию нуклеарӣ ва ғайраҳо як қатор падидаҳои номатлуб низ ба назар мерасанд.

Бо таъсири омилҳои беруна, махсусан, паҳнгардии фарҳанги бегона ба муносибатҳои оилавӣ хатарҳои ҷиддӣ таҳдид менамоянд, махсусан, муносибатҳои оилавӣ устувории худро аз даст медиҳанд, ҳолатҳои қатъ гаштани ақди никоҳҳо ва ҷудошавии ҳамсарон босуръат зиёд мегарданд, каҷрафториҳо дар оила боло рафта, таълиму тарбияи оилавӣ заиф мегардад, шумораи оилаҳои нопурра ва модарони танҳо меафзоянд. Чунин падидаҳои номатлуби боис гаштаанд, ки институти оила вазифаҳои анъанавии худро, мисли танзими муносибатҳои зану мард, иҷтимоишавӣ (сотсиализатсия)-и насли наврас, масъулияти

тарафайни аъзоёни оила дар пеш бурдани зиндагӣ ва дигар вазифаҳои асосиро дар сатҳи зарурӣ иҷро карда наметавонад.

Яке аз падидаҳои оилавие, ки солҳои охир дар Тоҷикистон ботадриҷ паҳн мегардад, зиёд шудани шумораи модарони танҳо ва оилаҳои нопурра мебошад. Вақте ки оила нопурра мегардад, як қисми вазифаҳои асосии худро дар сатҳи кофӣ ба анҷом расонида наметавонад. Меҳвари асосии оилаҳои нопурраро модарони танҳо ва фарзандони онҳо ташкил медиҳанд. Мувофиқи мушоҳидаҳо ва таҷрибаҳои дастрас пас аз қатъ гардидани ақди никоҳ фарзандон ба тарбияи модарони танҳо мемонанд ва оилаи нопурра пайдо мегардад. Дар Тоҷикистон оилаҳои нопуррае, ки дар меҳвари он падарон ва фарзандон қарор доранд, хело кам ба мушоҳида мерасанд.

Модарони танҳо дар оилаҳои нопурра ба як қатор масъалаҳои мураккаб рӯ ба рӯ мегарданд, зеро онҳо маҷбуранд, ки дар танҳоӣ масъулияти таълиму тарбияи фарзандонро ба уҳдаи худ гиранд, ҳамзамон барои таъминоти иқтисодии оила ва фарзандон баробари мардон ба кори берун аз оила машғул шаванд. Аз таҳлили натиҷаҳои таҳқиқотҳои сотсиологӣ маълум мегардад, ки аксарияти модарони танҳо пас аз ҷудо шудан аз шавҳарони худ касбу ҳунар ва малакаҳои касбии зарурӣ надоранд, ҳуқуқу озодиҳо ва имтиёзҳои қонунии хешро намедонанд. Онҳо ба шароити нави ҳаёти худ зуд мутобиқ шуда натавониста, ба ҳолати ногувори равонӣ ва вазъи мушкили ҳаётӣ гирифтор мегарданд.

Албатта, модарони танҳое кам нестанд, ки дар соҳаҳои гуногуни ҳаёту фаъолият ба бомуваффақиятҳои назаррас ноил мегарданд, пас аз раҳои ёфтан аз бумбасти оилавӣ ва фишори шавҳари собиқи худ зуд малакаю қобилиятҳои худро истифода бурда, ба дастоварҳои шахсию касбӣ мерсанд, барои фарзандони худ шароитҳои мусоиди таълиму

тарбия ва рушдро муҳайё мегардонанд, вазифаҳои модарии худро дар сатҳи баланд ва босифат иҷро мекунанд. Яъне вазъи модарони танҳо дар оилаҳои нопурра пеш аз ҳама аз шароити иҷтимоӣ, сифатҳои шахсӣ ва рӯҳию ахлоқии онҳо вобастагии калон дорад.

Дар оилаҳои нопурра бештари вақти модарони танҳо ба кори берун аз оила ва кор кардани маблағи муайян барои таъминоти иқтисодии фарзандон мегузарад, ки дар натиҷа фарзандон аз назорат ва тарбияи доимӣ дур мемонанд. Баъдан, аксарияти гурӯҳи модарони танҳоро занҳои ҷавон ташкил медиҳанд, ки одатан онҳо ҳануз таҷрибаи кофии ҳаёти мустақилона ва малакаҳои тарбияи фарзандонро надоранд. Аксарияти онҳо бармаҳал ва хело ҷавон оиладор шуда, таҳсилоти тахассусӣ надоранд, бо нерӯи шахсии худ мустақилона зиндагонии худро пеш бурда наметавонанд. Ин омилҳо ба таври амиқ ба рафтори модарони танҳо ва муносибати онҳо ба кӯдакон таъсир мерасонанд.

Илова ба ин, модарони танҳо дар маданияти анъанавӣ ва қолабҳои гендерии ҷомеаи Тоҷикистон аз тарафи омма маҳкум мешаванд. Одатан, дар афкори оммаи кишварамон барои қатъшавии ақди никоҳ ва хароб шудани муносибатҳои оилавӣ аслан занонро гунаҳгор медонанд. Заноне, ки аз ҳамсаронашон ҷудо мешаванд, худро нокомил, гунаҳгор ва "беҳуқуқ" ҳис карда, ба вазъи ногувору шиддати равонӣ гирифтор мегарданд. Аксарияти онҳо бо эҳтимоли зиёд ба хонаи волидайн, хешовандони наздик ё хонаи иҷора бармегарданд ва мавриди таҳқир, фишор ва зӯроварии аторофиён қарор гирифта, ба афроди эҳтиёҷманди ҷомеа табдил меёбанд.

Таълиму тарбияи фарзандони ноболиғ, таъминоти иқтисодӣ ва ҳифзи иҷтимоии онҳо, албатта, барои модарони танҳо мушкилиҳои хеле зиёдро эҷод менамоянд. Махсусан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар

таълиму тарбияи фарзанд» амал менамояд, ки мувофиқи он беназорат мондан ва фориғболӣ намудан нисбат ба рафтори фарзандон ҷавобгарии ҳуқуқиро ба бор меорад. Дар чунин шароит ҳифзи иҷтимоии модарони танҳо ва фарзандони онҳо, кумак расонидан дар таълиму тарбия ва таъминоти иқтисодии фарзандон ба модарони танҳои эҳтиёҷманд хеле муҳим мебошад.

Аз таҳлилҳои болои маълум мегардад, ки дар Тоҷикистон афзоиши оилаҳои нопурра ва модарони танҳо яке аз масъалаҳои ҷиддию ҳалталаби иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, давлат ва ниҳодҳои алоҳидаи ҷомеаро ба ташвиш овардааст. Ҳифзи иҷтимоии модарони танҳо ҳамчун табақаи эҳтиёҷманди ҷомеа ва муқарра намудани имтиёзҳои бештари иҷтимоӣ барои муътадил гардонидани ҳаёту фаъолияти онҳо дар шароити муосир ба зарурати ногузир табдил ёфтааст.

Дар доираи таҳқиқот тасмим гирифта шудааст, ки ҳолат, омилҳои пайдоишу паҳншавӣ, оқибатҳои иҷтимоӣ ва роҳҳои ҳалли масъалаҳои оилаҳои нопурра ва модарони танҳо мавриди омӯзиш, муҳокима ва таҳлил қарор гирад. Омӯзиши ин масъала аз он ҷиҳат мубрам аст, ки оид ба ин мавзуъ дар доираи равиши сотсиологӣ бо назардошти шароити Тоҷикистон аз ҷониби донишмандону ҷомеашиносони тоҷик таҳқиқоти пурраю фарогире ба анҷом расонида нашудааст.

Ҳамзамон, таҳқиқи ин мавзуъ барои муайян намудани масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии оилаҳои нопурраи Тоҷикистон ва модарони танҳо, ҳолати иҷтимоишавии фарзандон дар муҳити оилаҳои нопурра, оқибатҳои номатлуби мушкилоти модарони танҳо, пешгирии паҳншавии оилаҳои нопурра дар Тоҷикистон ва тақвият додани сиёсати иҷтимоии давлат дар самти дастгирии модарони танҳо ва муқаррар намудани имтиёзҳои давлати нисбати онҳо мусоидат карда метавонад. Ҳаматарафа омӯхтани чунин зуҳуроти мураккаб зарурати имрӯзаи илми

сотсиологияи ватанӣ мебошад, зеро торафт шумораи модарони танҳо ва оилаҳои нопурра дар Тоҷикистон меафзояд. Давлат ба таҳқиқотҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои илмию асосноки ҷомеашиносони ватанӣ такя намуда, барои ҳифзи иҷтимоии модарони танҳо дар оилаҳои нопурра дар сиёсати иҷтимоӣ ва низоми ҳифзи иҷтимоӣ ислоҳоти заруриро ворид менамояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Оила ва муносибатҳои оилавӣ яке аз мавзуъҳои марказии илми сотсиология ба ҳисоб рафта, дар ин самт олимону донишмандони хориҷию ватанӣ таҳқиқотҳои арзишмандеро ба анҷом расонидаанд. Ҳануз аз оғози пайдоиши сотсиология ба сифати илми мустақил бузургтарин донишмандони соҳаи ҷомеашиносӣ ҷанбаҳои гуногуни институти оиларо мавриди таҳқиқу пажуҳиш қарор доданд. Дар таҳқиқи сохтор ва вазифаҳои оила, муносибатҳои оилавӣ ва дигар масъалаҳои институти оила саҳми ҷомеашиносони хориҷӣ Л. Морган, О. Конт, Г. Спенсер, К. Маркс, Э. Дюркгейм, Ф. Энгелс, Г.С. Беккер, Э. Гидденс, Н. Смелзер, П. Сорокин, Т. Парсонс, Н. Чодороу, Х.Э. Кесслер ва дигарон[1] хело бузург аст.

Минбаъд оид ба оила ва никоҳ, масъалаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии оила, вазифаҳои иҷтимоии оила, уҳдадориҳои ҳамсарон дар оила, иҷтимоишавии кӯдакон дар оила, ҳолати оила дар ҷомеаи бурҳонӣ,

[1]Морган, Л.Г. Древнее общество или исследование линий человеческого провеса от дикости через варварство к цивилизации: пер. с англ. / Л.Г. Морган. – Л.: Ин-та народов Севера ЦИК СССР, 1935. – 368 с. Конт, О. Общий обзор позитивизма / О. Конт. Пер. с фр. / Под ред. Э. Радлова. Изд. 3-е. – М.: Либроком, 2012. – 296 с.; Спенсер, Г. Основания социологии: данные социологии; индукция социологии / Г. Спенсер. Пер. с англ. 3-е изд. – М.: Либроком, 2013. – 432 с.; Дюркгейм, Э. О разделении общественного труда / Э. Дюркгейм. – М.: Канон, 1996. – 432 с.; Дюркгейм, Э. Социология. Ее предмет, метод, предназначение / Э. Дюркгейм. Пер. с фр., составление, послесловие и примечания А.Б. Гофмана. – М.: Канон, 1995. – 352 с.; Энгельс Ф. Происхождение семьи, частной собственности и государства // Маркс К., Энгельс Ф. Избранные произведения: в 3 т. – М.: Политиздат, 1986. Т. 3. – С. 23-178; Беккер, Г.С. Человеческое поведение. Экономический подход / Г.С. Беккер. – М.: ГУ-ВШЭ, 2003. – 672 с.; Гидденс, Э. Социология / Э. Гидденс. Науч. ред. В.А. Ядов. – М.: Эдиториал УРСС, 1999. – 704 с.; Смелзер, Н. Социология / Н. Смелзер. Пер. с англ. – М.: Феникс, 1994. – 688 с.; Сорокин, П.А. Человек. Цивилизация. Общество / П.А. Сорокин. Общ. ред., сост. и предисл. А.Ю. Согомонов: Пер. с англ. – М.: Политиздат, 1992. – 543 с.; Парсонс, Т. Система современных обществ / Т. Парсонс. – М.: Академ. проект, 1997. – 270 с.; Кесслер-Хэррис, Э. Женский труд и социальной порядок / Э. Кесслер-Хэррис // Антология гендерной теории. Пер. с англ. Е. Мельниковой. – Минск: Пропилеи, 2000. – С. 171-189; Чодороу, Н. Воспроизводство материнства: Психоанализ и социология гендера / Н. Чодороу. Пер. с англ. – М.: РОССПЭН, 2006. – 496 с.

қатъшавии никоҳ ва оқибатҳои иҷтимоии он, нақши занон дар оила, сотсиологияи оила, арзишҳо ва фарҳанги оила, қолабҳои гендери дар муҳити оилавӣ, муносибати волидайн ва фарзандон, тағйирёбии муносибатҳои оилавӣ ва дигар масъалаҳои ба оила алоқаманд ҷомеашиносони шӯравӣ ва пасошуравӣ, мисли А.Г. Харчев, В.Я. Титаренко, Э.К. Василева, А.И. Антонов, С.И. Голод, Л.В. Карсева, Т.А. Новикова, Сисенко Е.М. Черняк, Е.В. Ахвердова, В.Б. Голофаст, Л.А. Кравченко, И.И. Корчагина, О.В. Кучмаева, Е.А. Мариганова, О.Л. Петрякова, А.Б. Синелников, А.Р. Михеева ва дигарон[2] корҳои илмии аҳамиятнокеро ба сомон расониданд.

Дар масъалаҳои модарӣ ҳамчун зуҳуроти иҷтимой-фарҳангӣ, модарӣ дар оилаҳои нопурра, вазифаҳои иҷтимоии оилаҳои нопурра, иҷтимоишавии кӯдакон дар оилаҳои нопурра, вазъи иҷтимоии модарони танҳо, хусусиятҳои иҷтимой-ҳуқуқӣ ва равонии оилаҳои нопурра, сатҳи зиндагии модарони танҳо, кори иҷтимой бо оилаҳои нопурра ва модарони танҳо, намудҳои оилаҳои нопурра, афкори омма нисбати оилаҳои нопурра ва модарони танҳо таҳқиқотҳои Т.А. Гурко, Н.Н.

[2] Харчев, А.Г. Брак и семья в СССР / А.Г. Харчев. – М.: Мысль, 1979. – 366 с.; Титаренко В.Я. Семья и формирование личности. – М.: Мысль, 1987; Васильева, Э.К. Семья и ее функции: демографо-статистический анализ / Э.К. Васильева. – М.: Статистика, 1975. – 184 с.; Антонов, А.И. Социология семьи / А.И.Антонов, В.М.Медков. - М.: Изд-во МГУ, 1996. – 304 с.; Голод, С.И. Социолого-демографический анализ состояния и эволюции семьи / С.И. Голод // Социологические исследования. – 2008. – №1. – С. 40-49; Карцева, Л.В. Семья в трансформирующемся обществе / Л.В. Карцева. – Казань: гос. энерг. ун-т, 2003. – 155 с.; Новикова, Т.А. Женщина и рынок труда / Т.А. Новикова // Вестник Российского университета дружбы народов. Экономика. – 2003. – №1. – С. 146–154; Сысенко, В.А. Процесс социализации ребенка в семье / В.А. Сысенко // Мировой опыт организации и реализации воспитания детей и учащихся. – М.: ГосНИИ семьи и воспитания, 2000. – С. 154-155; Черняк, Е.М. Социология семьи. Учебное пособие / Е.М. Черняк. – М: Дашков и К*, 2004. – 238 с.; Ахвердова, Е.В. Социокультурное пространство современной семьи: проблемы, пути решения, переспективы развития / Е.В. Ахвердова, В.А. Бурковская. – Елец, 2007. – 148 с.; Голофаст, В.Б. Социология семьи. Статьи разных лет / Под ред. О.Б. Божкова. – СПб.: Алетейя, 2006. – 432 с.; Кравченко, Л.А. Гендерная дискриминация в сфере занятости / Л.А. Кравченко // Известия Российского государственного педагогического университета им. А.И. Герцена. – 2008. – №69. – С. 139–142; Корчагина, И.И. Взаимоотношения родителей и детей: условия семейной социализации / И.И. Корчагина, Л.М. Прокофьева // Электронная версия бюллетеня «Население и общество». – 2010. – №423-424. URL: demoscope.ru/weekly/2010/0423/analit02.php (дата обращения: 13.08.2018); Кучмаева, О.В. О современной семье и ее воспитательном потенциале / О.В. Кучмаева, Е.А. Марыганова, О.Л. Петрякова, А.Б. Синельников // Социологические исследования. – 2010. – №7. – С. 49-55; Михеева, А.Р. Человек в сфере частной жизни: векторы трансформации семейных отношений / А.Р. Михеева. – Новосибирск: ИЭОПП СО РАН, 2012. – 156 с.

Алимбаева, А.М. Демидов, И.Е. Калабихина, В.А. Рамих, Е.И. Иванова, А.Р. Михеева, М. Киблиская, В.М. Селуйко, А.В. Василенко, О. Григорева, Л.Г. Лунянова, Л.Г. Сологуб, Т.С. Зубкова, И.Ф. Дементева, Я.Г. Николаева, М.Ю. Чибисова, Т.Н. Каменева, Г.З. Нафикова, В.С. Орлова, Г.А. Кантемирова, Е.В. Волкова, С.В. Захаров, А.Ф. Минуллина, Н.А. Мисюк, О.Н. Морозова, Р.В. Овчарова, Т.Н. Отделкина, Е.В. Чурилова, Л.С. Елгина, Г.С. Ризаева ва дигарон[3] қобили таваҷҷуҳ мебошанд.

---

[3] Гурко, Т.А. Неполная семья в условиях социально-экономическою кризиса [Текст] / Т.А. Гурко // Семья в кризисном обществе / Под ред. М. С. Мацковский. – М.: Институт социологии РАН, 1999. – С. 91-97; Алымбаева, Н.Н. Сознательное одинокое материнство: социологический анализ / Н.Н. Алымбаева // Вестник Бишкекского гуманитарного университета. – 2013. – № 3 (26). – С. 46-48; Демидов А.М. Семья с одним родителем: социологические аспекты проблемы. – М., 1987; Калабихина, И.Е. Неполные семьи: проблемы и перспективы их решения // Семья в России. – 1995. – № 1-2. – С. 166-181; Рамих, В.А. Материнство как социокультурный феномен: дис. ... д-ра филос. наук: 24.00.01 / В.А. Рамих. – Ростов-на-Дону, 1997. – 236 с.; Иванова, Т.М. Воспитание ценностного отношения девушки к материнству в России во второй половине XIX – начале XX в.: дис. … канд. педагогических наук: 13.00.01 / Иванова Тамара Михайловна. – Волгоград, 2016. – 242 с.; Киблицкая, М. Исповеди одиноких матерей / М. Киблицкая. М.: Эслан, 1999. - С. 18-24; Целуйко, В.М. Неполная семья: психологические и социально-правовые особенности: формы и методы психологической и социальной работы / В.М. Целуйко, А.В. Василенко, Е.А. Дементьева. – Волгоград: Изд-во Волгогр. Унта, 1999; Григорьева, О. Одинокое материнство / О. Григорьева // Советская Белоруссия. – 2001. – №1. – С. 3-11; Лунянова, Л.Г. О современном уровне жизни семей одиноких матерей // Социологические исследования. – 2001. – №8. – С 87-95; Сологуб, Л.Г. Материнство как социальный институт: дис. … канд. соц. наук: 22. 00.04 / Сологуб Лариса Григорьевна. – М., 2001. – 182 с.; Зубкова, Т.С. Неполные семьи // Организация и содержание работы по социальной защите женщин, детей и семей. – 2003. – №7. – С. 75-80; Николаева, Я.Г. Неполная семья и воспитание [Текст] / Я.Г. Николаева // Семья в России. – 2002. – №2. – С. 31-37; Чибисова, М.Ю. Феномен материнства и его отражение в самосознании современной молодой женщины: автореф. дис. ... канд. психолог. наук: 19.00.13./ Чибисова Марина Юрьевна. – М., 2003. – 24 с.; Каменева, Т.Н. Материнство в неполной семье: личностные и социальные проблемы: дис. … канд. социол. наук: 22.00.06 / Каменева Татьяна Николаевна. – Курск, 2003. – 160 с.; Нафикова, Г.З. Институализация неполной семьи в трансформирующемся обществе: дисс. … канд. социол. наук: 22.00.04 / Нафикова, Гульнара Зайнулловна. – Уфа, 2005; Орлова, В.С. Внебрачная рождаемость как медико-социальная проблема современности / В.С. Орлова // Научные ведомости Белгородского государственного университета. Серия: Медицина. Фармация. – 2008. – №6-2(46). – С. 12-18; Кантемирова, Г.А. Социализация детей в неполной семье: на примере Республики Северная Осетия-Алания: дис. … канд. соц. наук: 22.00.04 / Кантемирова Галина Андреевна. – М., 2008. – 163 с.; Волкова, Е.В. Формирование представлений о будущем материнстве у девочек-подростков, воспитывающихся в неполных семьях / Е.В. Волкова, Н.С. Морова // В мире научных открытий. – 2010. – № 4-17(10). – С. 66-68; Захаров, С.В. Феномен одинокого материнства в России: статистико-демографический анализ распространенности и механизмов его формирования / С.В. Захаров, Е.В. Чурилова // Мир России. Социология. Этнология. – 2013. – №4. – С. 86-117.; Минуллина, А.Ф. Взаимосвязь личностных особенностей матерей и их детей в условиях неполной семьи // Современные исследования социальных проблем. – 2010. – №4 (04). – С. 126-127; Мицюк, Н.А. История материнства в России // Историческая психология и социология истории. – 2015. – №1. – С. 128-146; Морозова, О.Н. Статусные позиции и признаки, определяющие социальную группу "матери-одиночки" / О.Н. Морозова // Отечественный журнал социальной работы. – 2015. – №3 (62). – С. 83-91; Овчарова, Р.В. Материнство в неполной семье / Р.В. Овчарова, М.А. Мягкова. – Курган: Курганский государственный университет, 2014. – 356 с.; Отделкина, Т.Н. Современные типы неполных семей как потенциальный фактор социального сиротства / Т.Н. Отделкина // Молодежная Галактика. – 2015. – № 12. – С. 87-93; Чурилова, Е.В. Состав и благосостояние неполных семей в России / Е.В. Чурилова // Социологические исследования. – 2015. – №3 (371). – С. 78-81; Елгина, Л.С. Феномен одинокого

Масъалаҳои модарӣ дар оилаҳои нопурраи Тоҷикистон бо равиши сотсиологӣ аз тарафи ҷомеашиносони тоҷик мавриди таҳлилу пажуҳиш қарор нагирифтааст, аммо ҷанбаҳои гуногуни муносибатҳои оилавӣ, нақши оила дар иҷтимоишавии шахс, ҳифзи иҷтимоии оила, масъалаҳои оилаҳои серфарзанд ва оилаҳои ҷавон, тағйирёбии вазифаҳои иҷтимоии оила, танзими оила, зӯроварии оилавӣ, сиёсати иҷтимоии давлатӣ дар самти ҳифзи иҷтимоии оила, арзишҳои оилавӣ, пошхӯрии оила ва оқибатҳои иҷтимоии он, кори иҷтимоӣ бо оилаҳои нопурра, масъалаҳои психологӣ дар оилаҳои нопурра ва дигар масъалаҳои ба оила марбут аз ҷониби ҷомеашиносони тоҷик Ш. Шоисматуллоев, Н.М. Юнусова, В.А. Баҳромбеков, Ф.С. Миров, М. Давлатов, М. Хидирзода Б.А. Насурова, Ф.Б. Худойдодзода, З.Р. Сафарова, Абилова Г.С., Б.Ю. Атоев, А.М. Барфиев, Ш.А. Ғафорова, Н.М. Давлатов, Х.Қ. Камолова, Г.Э. Камчибекова, М.Д. Комилова, Б. Маджидова, Х. Маджидова, М.Д. Мамадҷонова Т. Мустафокулов, М.К. Назаров, Л.Т. Назархудоева, О.Р. Расулов, Б.А. Сафарзода, А.М. Файзалиева, Л.С. Хидиралиева, М.Ҳ. Шарипова ва дигарон[4] таҳқиқ гардидаанд.

---

материнства в современной семейной культуре / Л.С. Елгина, Е.Б. Базарова // Социальное самочувствие населения в социокультурном пространстве: материалы международной научно-практической конференции, Улан-Удэ, 15 июня 2017 года / Ответственный редактор Н.С. Антонова. – Улан-Удэ: Бурятский государственный университет, 2017. – С. 136-141; Ризаева, Г.С. Материнство в неполной семье: психологические и социальные проблемы / Г.С. Ризаева // Образовательные технологии на современном этапе развития научного знания: сборник научных трудов. – Казань: Индивидуальный предприниматель Барышов Дмитрий Андреевич, 2022. – С. 127-132.

[4]Шоисматуллоев, Ш. Насилие в отношении женщин: прошлое и настоящее [Текст] / Ш. Шоисматуллоев. – Душанбе, 2005. – 248 с.; Шоисматуллоев, Ш. Таджикистан в зеркале преемственности и смены поколений [Текст] / Ш. Шоисматуллоев. – 2-е издание. – Душанбе: Ирфон, 2008. – 320 с.; Юнусова, Н.М. Детерминирующая роль женщины в процессе формирования нравственных ориентиров личности и семьи, опирающаяся на этнокультурные ценности: дис. ... док. пед. наук: 13.00.01 / Юнусова Нафисахон Муродовна. – Душанбе, 2013. – 427 с.; Юнусова, Н.М. Солимии оила ва таъсири он ба ҳолати равонии фарзандон / Н.М. Юнусова, З.П. Ризвонова // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. – 2020. – №3 (31). – С. 125-133; Баҳромбеков, В.А. Кори иҷтимоӣ бо оила / В. Баҳромбеков, Х. Зеваров, Ф. Миров. – Душанбе, 2013. – 250 с.; Давлатов, М. Оила ва рушди шахсияти фарзандон / М. Давлатов. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 224 с.; Хидирзода, М. Хонавода – мабдаи ташаккули инсон [манбаи электронӣ]. URL: http://www.jumhuriyat.tj/index.php?art_id=17878 (санаи истифодабарӣ: 01.12.2022); Насурова, Б.А. Проблемы многодетных семей в современном таджикистанском обществе / Б.А. Насурова // Известия Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан. – 2020. – № 2. – С. 81-87; Худойдодзода, Ф.Б. Масъалаи зан ва оиладорӣ дар таълимоти ибни Сино / Ф.Б. Худойдодзода, И. Ҷ. Амирбекова // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – 2021. – № 2. – С. 67-70; Сафарова, З.Р. Проблемаҳои

Ба сифати заминаи илмӣ-назариявии рисолаи мазкур корҳои донишмандони соҳаи сотсиология, психология, фалсафа, фарҳангшиносӣ ва таҳқиқотҳои гендерии ватанию хориҷӣ баромад намуданд. Дар диссертатсия инчунин натиҷаҳои таҳқиқотҳои сотсиологии муҳаққиони соҳа, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи оморӣ, маводи нашрии ВАО ва маводи интернетӣ

---

психологӣ дар системаи муносибатҳои кӯдакони синни томактабии оилаҳои нопурра. Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯи ихтисоси 19.00.05 – Психологияи иҷтимоӣ / Сафарова Заррина Раҷабовна. – Душанбе – 2019. – 188 с; Сафарова, З.Р. Роль матери в непольной семье и воспитание ребёнка / З.Р. Сафарова // Вестник Таджикского национального университета. – 2017. – Т. 1. – № 3-7. – С. 190-194; Хушкадамова, Х. Семейно-брачные отношения в Таджикистане / Х. Хушкадамова // Социология власти. – 2010. – №3. – С. 74–88; Абилова, Г.С. Духовно-нравственные основы семьи: на примере Республики Таджикистан: дис. ... канд. филос. наук: 09.00.11 / Абилова Гуландом Сардоровна. – Душанбе, 2011. – 143 с.; Атоев, Б.Ю. Хусусиятҳои психологии тарбияи фарзанд ва мушкилиҳои он дар оилаҳои нопурра / Б.Ю. Атоев // Вестник Военного института Министерства обороны. Серия политических, военных и общественных наук. – 2020. – №4 (26). – С. 102-108; Барфиев, А. Таъсири муҳоҷирати меҳнатӣ ба вазъу ҳолати оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – 2018. – №3/2 (214). - С. 109-112; Ғафорова, Ш.А. Намудҳои зӯроварӣ дар оила / Ш.А. Ғафорова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – №9. – С. 348-351; Давлатов, Н.М. Сабабҳои пошхӯрии оилаҳои ҷавон ва роҳҳои ҳуқуқии пешгирии онҳо / Н.М. Давлатов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2020. – №2 (18). – С. 141-149; Камолова, Х.Қ. Масъалаи оила ва муносибатҳои оиладорӣ дар таълимоти зардуштия / Х.Қ. Камолова // Вестник педагогического университета. Серия: Философские науки. – 2021. – № 1-2. – С. 72-75; Камчибекова, Г. Э. Нақши меҳварии оила дар рушди шахсияти кӯдак / Г.Э. Камчибекова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2021. – №8. – С. 224-229; Комилова, М.Д. Оила ва масъалаҳои рафтори девиантии наврасон / М.Д. Комилова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2021. – №8. – С. 149-155; Маджидова, Б. Народные традиции и обычаи как средство формирования нравственных качеств детей в семье: дис. ... док. пед. наук: 13.00.01 / Маджидова Бибихафиза. – Душанбе, 2004. – 298 с.; Маджидова, Х. Влияние родительского отношения на формирование самооценку у детей дошкольного возраста / Х. Маджидова, З.Р. Сафарова // Вестник Таджикского национального университета. – 2019. – №10-1. – С. 276-283; Мамадҷонова, М.Д. Фарҳанги хонаводагӣ: заминаҳо ва марҳилаҳои аслии танзими он дар Тоҷикистон / М.Д. Мамадҷонова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – № 9. – С. 202-208; Мустафокулов, Т. Подготовка молодежи к семейной жизни – основное условие устойчивости семьи и благополучной жизни / Т. Мустафокулов, Д. Раджабзода // Вестник Педагогического университета. – 2015. – №6-1(67). – С. 11-15; Назаров, М.К. Сабабҳо ва оқибатҳои Ҷудошавии оилаҳои ҷавон / М. К. Назаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – № 10. – С. 219-223; Назархудоева, Л.Т. Современная семья в Таджикистане: состояние и проблемы функционирования и развития (социально-философский анализ): дисс. канд. филос. наук: 09.00.11 / Назархудоева Лола Тошбековна. – Душанбе, 2016. – 153 с.; Расулов, О.Р. Банақшагирии оила ва солимии репродуктивӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / О.Р. Расулов, Ҳ.М. Ҳақбердиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – №3. – С. 139-145; Сафарзода, Б.А. Сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак / Б.А. Сафарзода, Ш.Ш. Шосаидзода, Ҷ. Абдулхайрзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №3. – С. 245-252; Файзалиева, А.М. Нақши оила дар тарбия ва ташаккули насли наврас / А.М. Файзалиева, Ҷ.Ш. Садирова // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. – 2020. – №2 (30). – С. 78-81; Хидиралиева, Л.С. Формирование нравственных качеств у детей средствами семейных традиции (на материали семей Северного Таджикистана): дисс канд. пед. наук: 13.00.01 / Хидирова Лола Сотиболдиевна. – Худжанд, 2002. – 163 с.; Шарипова, М.Ҳ. Мақоми зан дар Ҷомеа ва оила / М.Ҳ. Шарипова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2021. – №5. – С. 141-146.

васеъ истифода гардиданд. Дар натиҷаи таҳлили таҳқиқотҳои илмии гузаронидашуда ва омӯзиши адабиётҳои илмии мавҷуда ба хулоса омадан мумкин аст, ки масъалаи модарӣ дар оилаҳои нопурра дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта нашудааст ва оид ба ин мавзуъ таҳқиқоти илмии густурда ва амиқу васеъ вуҷуд надорад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи Нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (дар мавзуи «Ҷойивазкунии иҷтимоӣ ҳамчун омили тағйироти табақабандии иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон») иҷро гардидааст. Яке аз қисмҳои дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи мазкур фарогири масъалаҳои марбут ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсия мебошад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсад таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ муайян намудани масъалаҳои модарӣ дар оилаҳои нопурра мебошад.

**Вазифаҳои тадқиқот.** Барои расидан ба мақсади гузошташуда дар таҳқиқот иҷрои чунин вазифаҳо ба нақша гирифта шуданд:

- шарҳ додани мафҳумҳои «модарӣ», «оилаи нопурра», «модари танҳо» ва дигар мафҳумҳои асосии ба таҳқиқот алоқаманд;
- муайян намудани омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ҳуқуқӣ ва шахсии пайдоиши оилаҳои нопурра;
- тавсифи хусусиятҳои ҳаёт ва фаъолияти модарони танҳо дар оилаҳои нопурра;
- таҳлили вазъи зиндагонӣ ва рафтори стратегии модарони танҳо дар ҳолатҳои мушкили ҳаётӣ;
- ошкор намудани хусусиятҳои иҷтимоишавии кӯдакон дар оилаҳои нопурраи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– татбиқи сиёсати иҷтимоии давлат нисбат ба оилаҳои нопурра дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
– кор карда баромадани пешниҳоду тавсияҳо барои ҳалли масъалаҳои модарӣ дар оилаҳои нопурраи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқот.** Ба сифати объекти таҳқиқот оилаи нопурра ҳамчун оилаи эҳтиёҷманду осебпазири ҷомеа баромад менамояд.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот.** Хусусиятҳои хоси модарӣ дар оилаҳои нопурраи Тоҷикистон ва масъалаҳои ҳифзи иҷтимоии онҳо ҳамчун гурӯҳи осебпазири иҷтимоӣ.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Тадқиқоти диссертатсионӣ тайи солҳои 2017–2023 дар кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон анҷом дода шудааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** як қатор методҳо ва равишҳои умумиилмию соҳавӣ, мисли методҳои диалектикӣ, таҳлилу таҷзия, муқоисанамоӣ, хулосабарорӣ, умумиятдиҳӣ, равишҳои илмии низои иҷтимоӣ, функсионализми сохторӣ, равиши системавӣ ва принсипи таърихият ташкил додаанд. Истифодаи равиши низоӣ ва функсионализми сохторӣ имконият доданд, ки омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ҳуқуқӣ ва шахсии пайдоиши оилаҳои нопурра муайян карда шаванд, хусусиятҳои хоси тарзи зиндагии модарони танҳо дар оилаҳои нопурра тавсиф гарданд, рафтори иҷтимоии модарони танҳо дар ҳолатҳои мушкили ҳаётӣ омӯхта шуда, хусусиятҳои иҷтимоишавии кӯдакон дар оилаҳои нопурраи Тоҷикистон ошкор карда шаванд.

**Асосҳои методологии тадқиқот.** Барои омӯзиши мавзуи диссертатсия методҳои таҳқиқоти сотсиологӣ, мисли таҳлили ҳуҷҷатҳо, мушоҳида, муқоиса, пурсиши сотсиологӣ васеъ истифода бурда шудаанд. Ҳамзамон ба сифати сарчашмаҳои ахбороти диссертатсия адабиёти илмӣ

ва таълимӣ, диссертатсияҳо ва авторефератҳои ҷомеашиносони ватанӣ ва хориҷӣ, натиҷаҳои тадқиқотҳои сотсиологӣ, ҳуҷҷатҳои расмӣ ва оморӣ, мақолаҳои илмӣ, маводҳои интернетӣ ва дигар сарчашмаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ васеъ истифода бурда шудааст.

**Заминаҳои эмпирикии таҳқиқотро** тадқиқотҳои сотсиологии дар заминаи кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон гузаронидашуда, инчунин маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва далелҳои мансуб ба адабиёти илмии соҳавӣ ташкил медиҳанд. Натиҷаҳои тадқиқотҳои сотсиологии гузаронидашуда, ки дар онҳо методҳои сотсиологии сифатӣ ва миқдорӣ истифода шудаанд, тавассути методҳои коркарди оморӣ, барномаҳои махсуси компютерӣ (махсусан, SPSS) коркард ва таҳлил гардиданд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Диссертатсияи мазкур нахустин таҳқиқоти бунёдии илмӣ бо равиши сотсиологӣ дар бораи модарӣ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ мебошад, ки дар ҷанбаҳои зерин таҷассум ёфтааст:

- аввалин маротиба дар илми сотсиологияи Тоҷикистон зуҳуроти иҷтимоии модарӣ дар оилаҳои нопурраи Тоҷикистон таҳқиқ гардида, назарияҳо ва равишҳои илмии он мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифт;
- хусусиятҳои хоси зуҳуроти модарӣ вобаста ба вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеаи муосири Тоҷикистон дида баромада шуда, раванди тағйирёбии мақом ва нақши иҷтимоии модарӣ дар сохтори иҷтимоии ҷомеа мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифт;

– дар раванди таҳқиқи мавзуи диссертатсионӣ омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва фарҳангии пайдоишу паҳншавии оилаҳои нопурра ва модарони танҳо муайян карда шуда, бо далелҳои илмӣ асоснок гардиданд;
– аввалин маротиба дар илми сотсиология масъалаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, тарбиявӣ, ахлоқӣ ва ҳуқуқии модарони танҳо дар оилаҳои нопурраи Тоҷикистон, стратегияи рафтори модарони танҳо дар вазъи мушкили зиндагӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтанд;
– вобаста ба натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ механизмҳои иҷтимоишавии кӯдакону наврасон дар шароити оилаҳои нопурра ва таъсири рафтори модарони танҳо ба таълиму тарбияи фарзандон нишон дода шуданд. Муайян карда шуд, ки дар сурати аз ҷиҳати иҷтимоӣ ҳифз нагардидани модарони танҳо дар оилаҳои нопурра ҳодисаҳои номатлуби иҷтимоӣ, каҷрафтории иҷтимоии наврасону ҷавонон, иҷтимоишавии нодурусти фарзандон, падидаи худкушӣ, низоъҳои оилавӣ ва афсурдаҳолии равонии модарон меафзоянд;
– натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва сотсиологӣ нишон медиҳанд, ки ҳарчанд оилаҳои нопурра ва модарони танҳои оилаҳои нопурра мувофиқи сиёсати иҷтимоии Тоҷикистон баъзе имтиёзҳои давлатӣ доранд ва кумакпулиҳои иҷтимоӣ муқаррар карда шудаанд, аммо ин тадбирҳо барои бартараф намудани масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии онҳо танҳо кифоя нестанд, онҳоро аз вазъи мушкилӣ зиндагӣ раҳо карда наметавонанд;
– дар раванди омӯзишу таҳлили мавзуи диссертатсия барои ҳалли масъалаҳои модарӣ дар оилаҳои нопурра, бартараф намудани мушкилоти раванди иҷтимоишавии кӯдакон дар оилаҳои нопурра

ва беҳтар намудани вазъи зиндагии модарони танҳо дар оилаҳои нопурра низоми чорабиниҳо ва тавсияҳо пешниҳод карда шуданд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Модарӣ барои такрорнамоии ҳаёт ва ҳифзи мероси фарҳангии ҷомеа аз аҳамияти бузург бархурдор мебошад ва он ҳам сифати биологӣ ва ҳам сифати иҷтимоии зан буда, ҳамчун шакли асосии худтасдиқнамоӣ ва худвоқеъгардонии зан, арзиши бунёдӣ ва интизории нақшии оила ба ҳисоб меравад. Ҳамаи ин хусусиятҳо дар равиши иҷтимоии шарҳи масъалаи модарӣ таҷассум ёфтаанд. Модарӣ дар оилаҳои нопурра хусусиятҳои хоси худро дорад ва вобаста ба маданият ва тағйироти сохтори ҷомеа рушд меёбад;
2. Модари танҳо зане мебошад, ки фарзанд ё фарзандонро дар оилаи нопурра бе иштироки мард таълиму тарбия дода, барои зиндагии мустақилона омода менамояд. Дар равиши сотсиологӣ пайдоиши зуҳуроти модари танҳо дар оилаҳои нопурраро ба ҷудошавии ҳамсарон, марги яке аз ҳамсарон, тавлиди кӯдак берун аз никоҳ ва ҷудоии ҳамсарон бо сабабҳои ба онҳо алоқаманд набуда (ҷангҳо, муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ ва ғайраҳо) алоқаманд дониста мешавад. Ба пайдоиши модарӣ дар оилаи нопурра омилҳои гуногуни иҷтимоию фарҳангӣ ва иқтисодӣ таъсир мерасонанд ва барои ҷомеаи тоҷикистон омили асосии рушди оилаҳои нопурра ҷудошавии ҳамсарон ва қатъшавии ақди никоҳ ба ҳисоб меравад;
3. Модарӣ дар оилаҳои нопурра як қатор мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ ва шахсиро ба вуҷуд меорад, аксарияти модарони танҳо ба вазъи мушкили зиндагӣ қарор доранд ва барои бартараф намудани онҳо аз стратегияҳои гуногуни рафтор истифода мебаранд. Дар оилаҳои нопурра бо модари танҳо масъалаҳои таълиму тарбия ва таъминоти фарзандон, азхуднамоии нақшҳои

иҷтимоӣ, таъминот ба манзили истиқоматӣ, таъминоти иқтисодӣ ва дигар масъалаҳои иҷтимоӣ ба миён меоянд. Модарони танҳо барои ҳалли масъалаҳои оилаи нопурраи худ аз стратегияҳои гуногуни рафтори иҷтимоӣ, мисли муҳоҷирати меҳнатии дохилӣ ва хориҷӣ истифода мебаранд;

4. Модарони танҳо дар таъминоти моддии кӯдакон, таълиму тарбияи онҳо ва шуғлмандӣ дар бозори меҳнат ба мушкилот рӯ ба рӯ мегарданд, махсусан, ба кор таъмин шудани модарони танҳо, ки касбу ихтисоси зарурӣ надоранд, вазъи зиндагиашонро боз ҳам мушкилтар мегардонад. Натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ нишон медиҳанд, ки аксарияти заноне, ки ба модари танҳо табдил меёбанд, хело ҷавон шавҳар кардаанд, касбу ихтисоси барои пешбурди зиндагӣ заруро надоранд, барои таълиму тарбияи фарзандон ва таҳкили ҳаёти мустақилона ҳануз таёр нестанд. Онҳо барои таъминоти иқтисодии оила ва фарзандони худ ба корҳои вазнини ҷисмонӣ ва ҳатто каҷрафториҳои гуногуни иҷтимоӣ даст мезананд;
5. Дар оилаҳои нопурра иҷтимоишавии кӯдакон на ҳама вақт ба таври муътадил сурат мегирад, зеро модарони танҳо бе шавҳар фарзандони худро таълиму тарбияи босифат дода наметавонанд, баъдан, фарзандон дар оилаҳои нопурра таҷрибаи дурусти ҷинсӣ ва нақшӣ ба даст намеоранд. Мувофиқи натиҷаҳои тадқиқоти сотсиологӣ дар иҷтимоишавии фарзандон нақши падар бениҳояд бузург аст, аммо дар оилаҳои танҳо бо модари танҳо ин масъала нигаронкунанда мебошад, зеро фарзандон на ҳама вақт рафторҳо ва нақшҳои иҷтимоии ҷинсиро дар сатҳи зарурӣ аз худ менамоянд;
6. Модарони танҳо ва кӯдакони оилаҳои нопурра қишри эҳтиёҷманди ҷомеа ба ҳисоб меравад, ниёз ба кумаку дастгирии давлат ва

институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ доранд, низоми имтиёзҳо ва кумакҳои иҷтимоии давлатӣ талаботҳои бунёдии онҳоро қонеъ гардонида наметавонанд. Махсусан, бо рушди муносибатҳои иқтисоди бозоргонӣ ва тағйирёбии арзишҳои иҷтимоӣ ба модарони танҳо муҳити иҷтимоӣ ва хешовандони наздик кумакҳои зарурии моддӣ, молиявӣ ва маънавию равонии намерасонанд, бе кумаку дастгирӣ ва имтиёзҳои давлатӣ аз вазъи мушкилӣ зиндагӣ раҳоӣ намёбанд. Аз ин рӯ, ҳифзи иҷтимоии модарони танҳо дар оилаҳои нопурра масъалаи муҳими иҷтимоии ҷомеаи муосири Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

**Аҳаммияти назарияивӣ ва амалии таҳқиқот.** Мавод, хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсияро ҳангоми кор карда баромадани сиёсати иҷтимоии давлатӣ оид ба масъалаҳои оила, модарӣ, кӯдакон, омода намудани санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, барои кор карда баромадани сиёсати демографӣ, шуғлмандии занон, ҳифзи иҷтимоии модарони танҳо ва оилаҳои нопурра ва дигар масъалаҳои оилаҳои нопурра истифода бурдан имконпазир мебошад. Омӯзиши маводи диссертатсия барои муайян, баррасӣ ва пешбинӣ кардани хусусиятҳои зуҳуроти иҷтимоии модарӣ дар оилаҳои нопурра, инчунин пешгирии паҳншавии оилаҳои нопурра ва модарони танҳо аз аҳамият холӣ нест.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро ҳамчун маводи иловагӣ ҳангоми таълими курсҳои «Сотсиологияи гендерӣ», «Сотсиологияи оила», «Сотсиологияи шахс», «Сотсиологияи таълимот» ва «Сотсиологияи каҷрафтории иҷтимоӣ» васеъ истифода бурдан мумкин аст. Муҳаққиқон ҳангоми гузаронидани таҳқиқотҳои сотсиологии ба ин мавзуъ марбут, ҳангоми навиштани рисолаҳои номзадӣ, магистрӣ ва дипломӣ аз маводи рисолаи диссертатсионӣ васеъ истифода бурда метавонанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** аз дақиқияти маълумот, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, маърӯза ва мақолаҳои интишоргардида бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ пешниҳод карда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи таҳиянамудаи Элмуродова Давлатбӣ Анваровна дар мавзуи «Модарӣ дар оилаҳои нопурраи ҷомеаи Тоҷикистони муосир» тадқиқоти илмӣ дар соҳаи сотсиология маҳсуб меёбад. Диссертатсия ба ихтисоси 6D050104 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, инчунин дар иштирок ва гузаронидани тадқиқотҳои сотсиологӣ тасдиқ карда мешаванд. Ҳамзамон тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Дар ҷараёни омӯзиши ва таҳқиқоти илмӣ муаллифи диссертатсия маводи зиёди илмӣ-назариявӣ ва эмперикиро дар бораи зуҳуроти иҷтимоии модарӣ дар оилаҳои нопурраи ҷомеаи муосири Тоҷикистон таҳлил кардааст. Муҳаққиқ шахсан дар тадқиқотҳои сотсиологии аз ҷониби кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон гузаронидашуда дар мавзуъҳои «Сабабҳо ва оқибатҳои иҷтимоии ҷудошавии оилаҳои ҷавон дар Тоҷикистон» (соли 2018), « Сабабҳои пайдоишу паҳншавӣ ва роҳҳои пешгирии ҷинояткории наврасону ҷавонон дар Тоҷикистон» (соли 2019), ва «Масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар Тоҷикистон» (2022)

бевосита иштирок намуда, аз натиҷаҳои бадастомадаи ин тадқиқотҳо дар навиштани диссертатсияи худ самаранок истифода бурдааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**. Диссертатсия дар кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода карда шуда, натиҷаҳои он дар маҷлиси кафедра муҳокима ва ба ҳимоя тавсия карда шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар конференсияҳои ҳарсолаи апрелии ҳайати устодону профессорони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ маърӯза шудаанд. Нуктаҳои асосии илмии ба ҳимоя пешниҳодшудаи муаллиф дар мақолаҳои илмӣ инъикос гардидаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи мавзуи диссертатсия муаллиф 6 мақолаи илмӣ чоп намудааст, ки аз онҳо 3 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА–и назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия ба нашр расидаанд ва пурра мазмуни диссертатсияро ифода менамоянд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, 6 зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Матни рисолаи номзадӣ фарогири 12 расм буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 176 саҳифаро дар бар мегирад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГӢ ОМӮЗИШИ ОИЛАҲОИ НОПУРРА

## 1.1. Тавсифи назариявии мафҳумҳои «модарӣ» ва «оилаи нопурра» дар илмҳои ҷомеашиносӣ

Дар байни институтҳои гуногуни иҷтимоӣ институти оила нақши калидиро мебозад. Маҳз оила яке аз ниҳодҳои асосии интиқолдиҳандагони нақшҳо, симоҳои мадании байни наслҳо буда ва дар иҷтимоишавии шахсият саҳми бузург мебозад. Оила гурӯҳест, ки тавассути никоҳ бо ҳам пайваст гардида, барои давом додани насли одамизод хизмат карда, тарбияи фарзандонро таъмин намуда, талаботҳои мухталифи ҷамъиятро иҷро менамояд. Оила шакли ҳамзистии одамон мебошад, ки муносибатҳои байни ҳамсар, волидайн, фарзандон ва дигар хешовандони онҳоро ба танзим медарорад. Аъзоёни оила тавассути никоҳ, муносибатҳои хешу таборӣ ё фарзандон ба ҳам муттаҳид шуда, муштаракона зиндагӣ карда, кору фаъолият мекунанд ва ба фарзандон ғамхорӣ менамоянд.

Оила ячейкаи аввалини ҷомеа, хишти нахустини бинои ҷомеа аст, ки такрористеҳсолкунии ҳаётро таъмин намуда, ҳамаи аъзоёни он дар бурду бохти он масъуланд. Оила ин ягона институти муҳимтарини иҷтимоӣ ва гурӯҳе ҳаст, ки инсон аз таваллуд то ба охири зиндагиаш дар он мемонад. «Оила яке аз шаклҳои қадимтарини ҳаёти ҷамъиятии одамон мебошад. Оила рукни ибтидоии ҷамъият буда, моҳиятан коллективи оддитарини одамон, воҳиди ҷамъиятие мебошад, ки ба никоҳ (яъне, заношӯӣ) ва хешии хунӣ (яъне, муносибатҳои байни зану шавҳар, волидайну кӯдакон, бародарону хоҳарон ва ғайра) асос ёфтааст. Пас оила падидаи биологӣ набуда, балки ба категорияи таърихию иҷтимоӣ мансуб аст»[5].

[5] Давлатов, М. Оила ва рушди шахсияти фарзандон / М. Давлатов. – Душанбе: Ирфон, 2014. – С. 23.

Модарӣ зуҳуроти муҳимтарини ҳастӣ ва механизми асосии такрористеҳсолнамоии ҷисмонӣ ва иҷтимоию фарҳангии инсоният ба ҳисоб меравад. Кӯдак таваллуд шудан баробар ба таълиму тарбия ва ғамхории модар эҳтиёҷ дорад, қоидаҳои рафтор, меъёрҳо ва анъанаҳои халқи худро нахуст аз модар меомӯзад. Модарӣ механизми ивазнашавандаи аз як насл ба насли дигар гузаштани арзишҳои фарҳангӣ ва мероси маънавии инсоният мебошад. Муносибати байни кӯдак ва модар барои рушди шахсияти кӯдак нақши калидӣ мебозад. Дар аввал арзишҳо ва афзалиятҳои фарҳангиро ба кӯдак модар медиҳад ва сипас онҳоро ҷомеа «ислоҳ» менамояд. Дар мавриди сар задани буҳронҳои ҷомеа маҳз институти модарӣ арзишҳои асосии ҷомеаро ҳифз намуда, ба насли дигар боқӣ мегузорад.

Модарӣ ҳам сифати биологӣ ва ҳам нақши иҷтимоии зан аст, ки мақоми иҷтимоии занро боло мебардорад ва дар зан эҳсоси қаноатмандӣ ва иҷрои вазифаи иҷтимоиро пайдо менамояд. Модарӣ яке аз соҳаҳои фаъолияти зан ва масъулияти иҷтимоиест, ки барои ғамхорӣ намудан ба насли инсонӣ нигаронида шудааст. Модарӣ барои зан – ин эҳсоси занонагӣ ва комил будан дар ҷомеа ва иҷро намудани нақши иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Ғаризаи табиии модарӣ бузургтарин ғаризаҳои ҳаётӣ буда, модар то охири умр аз тақдири ояндаи фарзандаш дар изтироб аст ва бо ҳар роҳу восита мехоҳад, ки воситаҳо ва роҳҳои ояндаи шоистаи кӯдакони худро пайдо намояд. То вақте инсоният вуҷуд дорад, анъанаи модарӣ давом менамояд ва одамон бояд мақоми модариро ҳамчун яке аз муқаддасоти ҷомеа нигоҳ доранд, зеро ояндаи мо, пешрафти ҷомеа аз мақоми иҷтимоӣ ва вазъи зиндагии модарон вобастагии калон дорад.

Дар ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон модарӣ як унсури меҳвар, ҷудонопазир ва интизории нақшии оилаҳои тоҷик ба ҳисоб меравад. Дар ҷомеаҳои анъанавӣ, махсусан, дар Тоҷикистон мафҳумҳои «зан» ва

«модар» ҳаммаъноянд ва зане, ки модар намешавад аз ҷиҳати равонӣ азият мекашад ва ҳатто мавриди маҳкуми атрофиён қарор мегирад. Дар оила падару модар вақте фарзандро оиладор мекунанд, интизории аввалини онҳо наберадор шудан аст. Аксарияти ҳамсарони оилаҳои ҷавони тоҷик, ки фарзандор намегарданд, ҷудо мешаванд ва то ба охир мақсади фарзандор шуданро аз сар дур намекунанд. Ҳатто як бахши моҷароҳои оилавии ҳамсарон ба надоштани фарзанд низ алоқамандӣ дорад.

То асри XX шакли асосии худтасдиқнамоӣ ва худвоқеъгардонии занон дар вазифаи модарии онҳо ифода меёфт. Занон воситаи нигоҳдошти наслу авлод ва модарӣ таъиноти асосии занон ба ҳисоб мерафт. Бузургтарин мутафаккирон ва донишмандони гузашта, аз Афлотуну Арасту то мутафаккирони асри XIX, мисли Кант, Гегел, А. Шопенгауэр, Ф. Нитсше, З. Фрейд ва мутафаккирони тоҷик аз А. Рӯдакию А. Фирдавсӣ то А. Дониш ин ақидаҳоро дастгирӣ мекарданд.

Модарӣ дар ҳама давру замон яке аз арзишҳои бунёдии умумиинсонӣ ба ҳисоб меравад, ки анъанаҳои фарҳангӣ ва оила аз як насл ба насли дигар дода мешавад. Мафҳуми «модарӣ» вобаста аз соҳаи таҳқиқот маъноҳои гуногунро ифода менамояд. Дар Луғатномаи сотсиологӣ модарӣ (ҳаммаънои калимаи англисии «maternity») яке аз вазифаҳои асосии биологии организми зан, ки барои давом додани насли инсоният нигаронида шудааст, номида шудааст. Дар ин ҷо модари ба сифати нақши иҷтимоӣ арзёбӣ гардидааст[6].

Дар Энсиклопедияи сотсиологии россиягӣ зери мафҳуми «модарӣ» муносибати биологӣ ва иҷтимоии модар бо кӯдак фаҳмида шудааст ва вазифаҳои асосии модарӣ – репродуктивӣ ва тарбиявӣ ҳисоб мешавад. Модарӣ талаботҳои ҳиссиётӣ ва иҷтимоии кӯдакро қонеъ гардонида,

[6]Иванова, Т.М. Воспитание ценностного отношения девушки к материнству в России во второй половине XIX — начале XX в.: дис. … канд. педагогических наук: 13.00.01 / Иванова Тамара Михайловна. – Волгоград, 2016. – С. 33.

раванди иҷтимоишавии ботадриҷи ӯро дар ҷомеа таъмин ва осон мегардонад. Таъиноти модарӣ ҳамчун институти иҷтимоишавӣ вобаста ба шароитҳои таърихӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва идеологии рушди ҷомеа тағйир меёбад. Дар Луғатномаи В.И. Даля зери мафҳуми «модарӣ ҳолат, унвон ва шаъну шарафи модар фаҳмида шудааст. Донишманди рус Хорват Ф. «модарӣ»-ро ҳамчун сифати фардӣ, хусусияти биологӣ, ҷисмонӣ ва равонии зан меномад, ки ин сифатҳо мисли қобилияти рассомӣ қобилияти модарзодӣ ва табиӣ мебошанд[7].

Барои шарҳи зуҳуроти модарӣ дар илм равишҳои гуногун вуҷуд доранд, ки яке аз ин равишҳо биологӣ мебошад. Дар таълимоти авастоӣ оиларо «нмана» ва кадхудои онро-нмано мехондаанд ва нмано «худованди хона» ба ҳисоб мерафт. Зани калони дар оилаи нманопатни – «кадбону» номида мешуд ва мавқеи калонеро дар оила ишғол мекард. Б. Ғафуров қайд намудааст, ки «мавқеи зиёдеро ишғол кардани зани калонӣ дар оилаи тоҷикон, махсусан, сокинони маҳаллаҳои назди Помир, ба ҳукмронии ҳазорсолаи ислом нигоҳ накарда, то замони мо боқӣ мондааст. Маводҳои этнографие, ки дар мавзеъҳои гуногуни Помир ҷамъоварӣ шудаанд, бо ин шаҳодат медиҳанд»[8]. Баланд будани нақши занон дар Осиёи Миёна (Шарқи Эрон) дар сарчашмаҳои зиёди таърихӣ омадааст. Занони ҳукмрони Уструшан ва Суғд лақаби «афшин» доштаанд. Инро олимон Бартолд В.В. ва Абаев В.И. исбот карда буданд. Ин унвонро баъдтар ба мардон медоданд.

Дар «Авесто» матнҳои зиёди дигаре омадааст, ки муҳити оилавиро таҷассум менамояд: «нманйа» - аъзои оила, «висйа» - эзидони қабилавӣ, «фравашиҳо» - фариштаҳо, «вира» -мард, сарбоз, ғулом, вайса- «вайса»,

[7] Хорват, Ф. Любовь, материнство, будущее / Ф. Хорват; пер. со словацкого Т. И. Большаковой. – М.: Прогресс, 1982. – 96 с.; Иванова, Т.М. Воспитание ценностного отношения девушки к материнству в России во второй половине XIX — начале XX в.: дис. … канд. педагогических наук: 13.00.01 / Иванова Тамара Михайловна. – Волгоград, 2016. – С. 34.
[8]Ғафуров, Б.Ғ. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав / Б.Ғ. Ғафуров. – Душанбе: Дониш, 2008. – С. 60.

«парийатер» -узвҳои хурди оила мебошанд. «Нафа» - иттиҳодияҳое, ки нисбат ба оила калонтар ва ин гурӯҳ то 100 марди комилҳуқуқро дар бар мегирад. «Вис» - қабила аст, ки аз якчанд гурӯҳи бизоатманд иборат аст, «вистапи» - сардори қабила, «вис» - маънии маскани аҳли қабила деҳро низ дорад. Узви комилҳуқуқи ҷомеа онеро меҳисобиданд, ки ба синни камолот расида (ба овони 15-солагӣ) бошад ва он ҳуқуқҳои иштирок дар маросимҳои динӣ, ҳуқуқи барпо намудани оиларо пайдо мекунад. Масъалаҳои хонаводаро шӯрои қабила, ки аз бизоатмандон иборат мебошанд ҳал менамуданд. «Шӯрои қабила вазифаи ниҳоят масъули ҷамъиятӣ дошт. Ҳалли масъалаҳои хонаводаҳо, масъалаҳои ҳаёти дохили истеҳсолӣ ва ҷамъиятии марбут ба анҷоми вазоифи динӣ ва ҳуқуқӣ, ғайр аз ин масъалаҳои муносибат бо қабилаҳои дигарро ҳал менамуд»[9].

Дар доираи равишиши биологӣ файласуфи Юнони Қадим Арасту модариро яке аз вазифаҳои биологии зан ва шакли ягонаи худтадбиқнамоии занон номида буд. Ба андешаи Арасту тарбияи кӯдак вобаста ба ҷинс бояд аз лаҳзаи таваллуд оғоз гардад. Дар асрҳои миёна таъиноти асосии занонро дар тобеъ будан ба мард ва таваллуду тарбияи фарзандон медиданд. Рисолати мардон соҳаи оммавӣ ва занон кори хона ва тарбияи фарзандон ба ҳисоб мерафт.

Аз рӯи маданияти исломӣ мард дар оила сарвар ва барои зиндагонии мӯътадили оила масъул аст. Анъанаҳои динӣ ба мардҳо имкон намедиҳад, ки барои таъмини иқтисоди оила занонро истифода баранд. Лекин бо вуҷуди он занон маҷбур мешаванд, ки ба меҳнати вазнини ҷисмони: фаррош, рубучини боғу кӯчаҳо, тиҷорати хурди кӯчаги ва ғайра машгул шаванд. Дар дини ислом низ таваллуд ва тарбияи кӯдакон вазифаи асосии зан ҳисоб меравад ва ҳамзамон мақоми занон ҳамчун модар хело арзишманд ҳисоб карда мешавад. Дар таърихи

[9] Периханян, А.Г. Общество и право ирана в парфянский и сасанидский периоды / А.Г. Периханян. – М.: Наука, 1983. – С. 55.

афкори иҷтимоии мутафаккирони халқи тоҷик модарӣ муҳимтарин воситаи нигоҳдошти насли инсоният, таълиму тарбияи насли солим ва ҳифзи арзишҳои иҷтимоӣ эътироф гардида буд.

Абунасри Форобӣ дар олами ислом нахустин ҳакиме буд, ки бунёди баҳси марбут ба масъалаи тадбири манзилро тарҳрезӣ кард. Вай дар фаслҳои асараш «Фусулалмаданӣ» аз масъалаҳои оиладорӣ ба унвони «Рабулманзил» ёд карда, мадинаву манзилро ба бадани инсон монанд кардааст. А. Форобӣ зимни тавзеҳоти куллӣ дар бораи тадбири манзил, дар атрофи муносибатҳои аҳли оила, яъне марду зан, падару фарзанд, хоҷаву банда ва соҳиби молу мулк ишораҳо кардааст, ки ин гуна ақидаҳо бештар ба китоби «Сиёсат» - и Арасту хеле шабоҳат дошта, зери таъсири он иншо гардидааст[10].

Файлассуфони классики немис Г.В.Ф. Гегел, И.Г. Гердер, И. Кант, А. Шопенгауэр зери мафҳуми «модарӣ» барномаи асосии ҳаётии занонро фаҳмидаанд. И. Кант (1724–1804) идеяи амалӣ намудани рисолати инсон тавассути тарбияи мақсадноки рӯҳ ва қобилиятҳои табиӣ пешниҳод менамояд. И. Кант қайд менамояд, ки тарбиятгари асосии рӯҳи инсон модар аст. И.Г. Гердер (1744–1831) дар симои ҳар як зан, ки ҳанӯз таваллуд накардааст, модарро мебинад ва модариро зуҳуроти ногузири табиӣ меҳисобад. А. Шопенгауэр (1788-1860) андеша дошт, ки бояд зан соҳибхоназан бошад ва ба духтарон бояд рӯзгордорӣ омӯзонида шавад.

Масъалаи тарбияи муносибати духтарон нисбат ба модарӣ ва нақши ҳалкунанда бозидани модар дар тарбияи кӯдак дар асарҳои мутафаккирони бузурги Аврупои Ғарбии замони нав (XVII—XIX в.): Ҷ. Локк, Ж. Ж. Руссо, Р. Оуэн ва дигарон инъикос гардидаанд. Ҷ. Локк (1632-1704) тарбияи оилавӣ ва тарбияи кӯдак аз тарафи модарро муҳимтарин бахши тарбияи инсон номидааст. Ба андешаи ӯ мактаб

---

[10] Ниг.: Форобӣ, А. Эҳсоъ-ул-улум; тарчумаи Ҳусайн Хадев–ичам / А. Форобӣ. – Теҳрон: Бунѐди фарҳанги Эрон, 1345; Ал-Фараби. Философские трактати. – Алма-Ата: Наука, 1972. – 430 с.

муассисаест, ки бачаҳои тарбияи дуруст нагирифтаро ҷамъ меорад ва ҷентелмени ҳақиқӣ дар фарзандон тарбияи дурусти зеҳнӣ, ахлоқӣ ва ҷисмонӣ дода метавонад. Донишманди дигар Р. Оуэн (1771– 1858) ақида дорад, ки танҳо системаи давлатӣ бояд кӯдаконро таълиму тарбия диҳад, зеро маҳз дар ин система кӯдакон таълиму тарбияи якхела мегиранд. Донишманди дигар Г. Песталосси (1746-1827) қайд менамояд, ки ба уҳдаи модар асосан вазифаи тарбиявӣ вогузошта шудааст, зеро ӯ хубтар аз хоҳиш, ҳиссиёт ва қобилиятҳои фарзандонаш бохабар аст ва бояд онҳоро ташаккул диҳад. Ба масъалаи модарӣ Г.В.Ф. Гегел (1770–1831) низ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, модариро вазифаи табиии зан номидааст. Ж.-Ж. Руссо (1712– 1778) ҳарчанд ба тарбияи ҷамъиятӣ таваҷҷҳи махсус зоҳир кардааст, аммо зарурати тарбияи модариро низ инкор намекунад.

Омӯзиши илмии оила ва масъалаи модарӣ аз нимаи авали асри XIX, аниқтараш аз замоне, ки китоби таърихчии шведсарӣ Иогган Якоб Бахофен таҳти унвони «Ҳуқуқи модарӣ» аз чоп баромад, оғоз гардид. Бахофен адабиётҳои қадимиро ҳамчун сарчашмаи таърихӣ истифода бурда, институти оиларо мавриди омӯзиш қарор додааст. Ӯ яке аз аввалинҳо шуда дарк кард, ки асотирҳои қадима тағйироти таърихии оила ва ҳолати иҷтимоӣ, муносибатҳои байни зану мардро инъикос менамоянд. Мувофиқан ба ин, Бахофен муборизаи байни хуқуқи аз байнрафтаистодаи модаршоҳӣ ва пайдоиши ҳуқуқи модаршоҳиро ба таври равшан нишон дода, дар андешаҳои он вақтаи ҳукмрон, ки гӯё оила тағйирнаёбанда аст ва ба хости Худо ба вуҷуд меояд, як инқилоб (револютсия) - ро ба вуҷуд овард.

Новобаста аз Бахофен ҳуқуқшинос ва таърихчии англис Ҷон Фергюнсон дар асари худ «Никоҳи ибтидоӣ» (1865) дар асоси омилҳои этнографӣ никоҳи барвақтаи юнониҳо ва олмониҳоро омӯхта, андешаи Баховенро дар бораи аввалин будани хуқуқи модаршоҳӣ тасдиқ намуд. Пас аз ин олими антрополог ва таърихшиноси англис Люис Морган дар

асараш «Ҷомеаи ибтидоӣ» (1877) оиларо мавриди омӯзиш қарор дод.. Дар ин асар Морган назарияи илмии инкишофи оиларо кор карда баровард. Ӯ аввалин маротиба оиларо ҳамчун категорияи таърихӣ номида, эволютсияи онро аз никоҳи гурӯҳӣ то моногомия (яканикоҳӣ) мавриди таҳлил қарор дод. Мақсади моногамия шароитҳои иқтисодии ҳукумронии мардтавлиди фарзанд ва ба мерос гузоштани сарват мебошад. Л. Морган раванди муносибатҳои никоҳӣ ва оилавиро ба қонунҳои рушди ҷомеа ва сохтори иқтисодии ҷомеа алоқаманд медонад[11].

Асосгузори илми сотсиология О. Конт аввалин шуда, оиларо ячейкаи ибтидоӣ ва асосии ҷамъият номида, қайд намудааст, ки «оила – ин мактаби ҳастии иҷтимоӣ аст, ки ба фард идоранамоӣ, рафтори ҷоиз мутобиқшави ҳайат ва бо дигар одамонро меомӯзонад»[12]. Ба ақидаи О. Конт оила дар низоми тақсимоти ҷамъиятии меҳнат муҳимтарин вазифаҳои иҷтимоиро анҷом медиҳад, ки муҳимтаринашон омода намудани кӯдакон ба ҳаёти ҷамъиятӣ, таҳвили урфу одат ва анъанаҳо аз як насл ба насли дигар, танзими муносибатҳои иҷтимоии байни зану мард ва наслҳо ва мебошанд. Ба андешаи мутафаккир тавассуси оила гузашта, имрӯз ва ояндаи ҷамъият бо ҳам пайваст гардида, тақсимоти меҳнат ва ҳамгироию ҳамдигарфаҳмии одамон имконпазир мегардад.

О. Конт ба масъалаи модарӣ низ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, нақши асосии занонро дар таваллуд ва тарбияи фарзандон хеле бузург медонад. Мувофиқи назари донишманд вазифаҳои асосии оила асосан дар доираи муҳити оилавӣ сурат мегирад ва модарии зан аз он вобастагӣ дорад, ки то кадом дараҷ вазифаҳои худро дар муҳити оилавӣ самаранок иҷро менамояд. О. Конт дар ин бора чунин навиштааст: «Майдони асосии

---

[11] Ниг.: Морган, Л.Г. Древнее общество или исследование линий человеческого провеса от дикости через варварство к цивилизации: пер. с англ. / Л.Г. Морган. – Л.: Ин-та народов Севера ЦИК СССР, 1935. – 368 с.
[12] Черняк, Е.М. Социология семьи. Учебное пособие / Е.М. Черняк. – М: Дашков и К*, 2004. – С.7.

фаъолияти зан ҳамеша оила хоҳад буд... Бар хилофи ахамияти ахлоқии модарӣ вазифаи асосии зан ҳамсар будан аст. Ба ғайр аз он, ки издивоҷи инсонӣ аксар вақт бесамар аст, ҳамсари ношоиста қариб ҳеҷ гоҳ модари хуб шуда наметавонад. Аз ин рӯ, позитивизм бояд дар ҳама ҷиҳат пеш аз ҳама занро танҳо дӯсти мард ҳисоб кунад ва аввал вазифаи модариро сарфи назар намояд. Тарбияи фарзанд ба модар тааллуқ дорад»[13].

Дар асри XIX пас аз барҳам хурдани ҳуқуқи крепосноӣ ислоҳотҳои муҳими иҷтимоию иқтисодӣ гузаронида шуд ва боиси пешрафти маданият, таҳсилот, илм ва саноат, истеҳсолот ва тиҷорат гардид. Зери таъсири рушди иқтисодӣ низоми арзишҳо ва қолабҳои анъанавӣ тағйир ёфтанд. Дар ин асос равиши иҷтимоии шарҳи модарӣ ташаккул ёфт. Мувофиқи ин равиш модарӣ ҳамчун арзиши иҷтимоӣ фаҳмида шуда, модарӣ на ӯҳдадорӣ, балки яке аз ҳуқуқҳои зан ҳисобида мешуд. Ин гуна фаҳмиш имконият дод, ки занон дар баробари мардон дар азнавсозии ҷамъият иштирок намоянд. Равиши иҷтимоии фаҳмиши модарӣ аз идеяи баробарии ҷинсии Афлотун (423– 347 то мелод), Фридрих Шлегел (1772–1829) ва Мэри Уолстонкрафт (1759– 1797) замина мегирад[14]. Масалан, андешаҳо дар бораи баробарии зану мард ба маънои имрӯзааш дар асарҳои «Пир», «Давлат», «Қонунҳо» ва «Тимей»-и Афлотун инъикос гардидаанд. Афлотун дар асараш «Давлат» иштироки баробари зану мардро дар ҳаёти иҷтимоӣ таъкид менамояд, аммо оиларо монеаи асосии рушди давлат мепиндорад. Бо ин сабаб, Афлотун масъалаи тарбияи оилавӣ ва модариро муҳим нашуморида, вазифаи тарбияи кӯдаконро кори ҳокимияти давлатӣ меҳисобад[15].

[13] Конт, О. Общий обзор позитивизма / О. Конт. Пер. с фр. / Под ред. Э. Радлова. Изд. 3-е. – М.: Книжный дом «ЛИБРОКОМ», 2012. – С. 78-79.

[14] Иванова, Т.М. Воспитание ценностного отношения девушки к материнству в России во второй половине XIX — начале XX в.: дис. … канд. педагогических наук: 13.00.01 / Иванова Тамара Михайловна. – Волгоград, 2016. – С. 50.

[15] Ниг.: Платон. Собрание сочинений. [Текст] В 4 т. Т. 4. / пер. с древнегреч.; общ. ред. А. Ф. Лосева, В. Ф. Асмуса, А. А. Тахо-Годи; авт. ст. в примеч. А. Ф. Лосев; примеч. А.А. Тахо-Годи. – М.: Мысль, 1994. – 830 с.

Ба ақидаи донишманд Ф. Шлегел (1772– 1829) ҳар як зан на танҳо ҳуқуқ ба модарӣ ва ҳамсарӣ, балки ҳамчун зан ва инсон ҳуқуқ ба ифодаи ҳиссиёт ва эмотсияи худро дорад, аммо дар замони ӯ ин идеяҳояш дастгирӣ намеёфтанд. Донишманди дигар М. Уолстонкрафт (1759– 1797) дар асари машҳури худ «Ҳифзи ҳуқуқи занҳо» (1792), тасдиқ менамояд, ки ҳарчанд зан дар назари аввал ҳамчун мавҷуди нисбатан дараҷаи пасти рушёфта менамояд, аммо дар асл ин хел нест. Ӯ андеша дошт, ки сабаби пайдоиши чунин тасаввуротҳо дар он аст, ки занон дар баробари мардон ба таҳсилот дастрасӣ надоранд. Агар занон баробари мардон имконияти таҳсил карданро медоштанд, пас ба мардон баробар мешуданд. Ба ақидаи ӯ якҷоя ва баробар таҳсил намудани занону мардон аз рӯйи як намунаи таълимӣ хеле муҳим аст ва оиларо донишманд асоси ҷамъият меҳисобад[16].

Дар назарияи Э. Дюркгейм оила аз мавқеи вазифаҳо ё талаботҳои иҷтимоие, ки бояд он қонеъ гардонад, мавриди таҳлил қарор гирифтааст[17]. Э. Дюркгейм ба раванди сустшавии сохтори оила дар давоми таърих таваҷҷуҳ намудааст. Ба андешаи ӯ то замоне, ки дар дохили оила чизҳои зарурӣ такрористеҳсол мешаванд (махсусан, такрористеҳсолшавии одамон) оила ба маънои пурааш аз байн намеравад. Аммо бо пешрафти ҷомеа ва имкониятҳои истеҳсолӣ вазифаҳои оиларо дигар институтҳои иҷтимоӣ иҷро менамоянд.

Ба ақидаи Э. Дюркгейм, зери таъсири саноатикунонӣ оила хусусиятҳои патриархалии худро аз даст медиҳад. Вазифаҳои асосии оила, мисли тарбияи фарзандон ва нигоҳубини беморону калонсолон аз он берун мегарданд. Оила дигар вазифаи хоҷагидории худро бе робитаи зич доштан бо олами беруна иҷро карда наметавонад. Донишманд ба

---

[16] Иванова, Т.М. Воспитание ценностного отношения девушки к материнству в России во второй половине XIX — начале XX в.: дис. … канд. педагогических наук: 13.00.01 / Иванова Тамара Михайловна. – Волгоград, 2016. – С. 54.
[17] Ниг.: Дюркгейм, Э. О разделении общественного труда / Э. Дюркгейм. – М.: Канон, 1996. – С. 400.

хулосае меояд, ки раванди тағйирёбии сохтори оила ба тағйирёбии вазифаҳои он алоқамандии зич дорад.

Ф. Энгелс дар асараш «Пайдоиши оила, моликияти хусусӣ ва давлат» тасдиқ мекунад, ки ба дасти мардон афтидани моликияти хусусӣ ҳукмронии мардро дар оила таъмин намуд. Ба ақидаи ӯ инқилоби саноатӣ боиси он гашт, ки меҳнати кӯдакон дар оилаи синфи коргар истифода гашта, онҳоро ба мол ва аслиҳаи меҳнатӣ табдил диҳад[18]. Ба андешаи ӯ дар ҷомеаи сотсиалистӣ дар натиҷаи аз байн рафтани моликияти хусусӣ баробарҳуқуқии зану мард мустаҳкам мешаванд. Озодшавии зан аз ҳукмронии мард, баргаштани зан ба истеҳсолоти ҷамъиятӣ, аз меҳнати вазнини оилавӣ халос ёфтани зан, пайдоиши шакли ҷамъиятии ҳаёти оилавӣ ва аз байн рафтани нобаробариҳои иҷтимоӣ хусусиятҳои асосии марҳилаи инкишофи сотсиалистии ҷамъият аст.

П.А. Сорокин оиларо дар баробари мактаб институти муҳими таълиму тарбия ва худмуайянкунии фарзандон ҳисобидааст. Барои П.А. Сорокин оила ташкилоти иҷтимоӣ ва ҳуқуқиест, ки дар он муносибатҳои шахсӣ ва молумулкӣ мустаҳкам шудаанд, ҳарчанд оила воҳиди хурди иҷтимоӣ аст, аммо сохтори мураккаб дорад. Дар ин бора П.А. Сорокин чунин навиштааст: «Ҳамин тавр, оила оддитарин падидаи иҷтимоӣ ё авлодӣ нест: аз ҷиҳати миқдор оила хурдтарин воҳиди иҷтимоӣ аст, аммо аз ҷиҳати сифат сохтори оила хеле мураккаб аст. Ғайр аз ин, оила бисёр хислатҳои хос дорад, ки дар дигар гурӯҳҳои иҷтимоӣ дида намешавад. Аз ин сабаб, оила шакли оддитарини амсилаи авлодии сохторҳои иҷтимоӣ буда наметавонад»[19].

---

[18] Ниг.: Энгелъс, Ф. Происхождение семьи, частной собственности и государства // Маркс К., Энгельс Ф. Избр. пр-ния: в 3 т. Т. 3. – М.: Политиздат, 1986. – С. 23-178.

[19] Сорокин, П.А. Человек. Цивилизация. Общество / П.А. Сорокин. Общ. ред., сост. и предисл. А.Ю. Согомонов: Пер. с англ. – М.: Политиздат, 1992. – С. 148.

Донишманд нақши оиларо дар таҳсилот, муайян намудани мавқеи иҷтимоӣ ва рушдиояндаи афрод хеле бузург медонад, зеро муносибатҳои оилавӣ ба раванди ҷойивазкунии иҷтимоӣ таъсири назаррас мерасонад. «Ҳамин тариқ, оила ба меъёри асосии баҳодиҳии хосиятҳои умумию мушаххаси шахсият ва муайян кардани мақомиояндаи шахсият табдил ёфт. Ба ин маъно, оила дар селексияи иҷтимоии шахсон ва муайян кардани мавқеъҳои иҷтимоии онҳо нақши бузург бозидааст. Вай инчунин як қисми механизми тақсимоти иҷтимоии аъзоён дар дохили ҷомеа буд»[20].

Бо вуҷуди баҳои муайянкунанда додани П.А. Сорокин ба нақшу вазифаҳои оила дар сохтори иҷтимоии ҷомеа, қайд намудааст, ки иттифоқи байни зан ва шавҳар, инчунин робитаҳои байни волидайн ва фарзандон суст мегардад ва ба моҳияти оила таъсири назаррас мерасонад. Тағйирёбии оила ба мубориаи байни оила ва ҷомеа асос ёфтааст, аммо «оила ҳамчун иттиҳоди зану шавҳар ва иттифоқи падару модар ва фарзандон эҳтимол боқӣ мемонад, аммо шаклҳои онҳо гуногун хоҳанд буд»[21].

Дар доираи назарияи функсионализми сохторӣ оила унсури устувори ҷомеа дида баромада шудааст ва ба тағйирёбии вазифаҳои оила дар асрҳои охир таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардидааст. Бо пешрафти истеҳсолоти саноатӣ оила моҳияти худро ҳамчун иттиҳодияи муштараки меҳнатии кооперативӣ аз даст медиҳад. Ба андешаи Т. Парсонс дар ин гуна шароит вазифаҳои оила маҳдуд гардида, талабот ба оилаи анъанавӣ низ кам мегардад, аммо вазифаҳои иҷтимоишавии ибтидоии кӯдакон ва муносибати эмотсионалӣ нисбати калонсолон боқӣ мемонанд.

[20] Сорокин, П.А. Человек. Цивилизация. Общество / / П.А. Сорокин. Общ. ред., сост. и предисл. А.Ю. Согомонов: Пер. с англ. – М.: Политиздат, 1992. – С. 318.
[21] Сорокин, П.А. Кризис современной семьи / П.А. Сорокин // Вести. МГУ. Сер. 18. Социология и политология. – 1997. – №3. – С.77.

Намояндаи назарияи функсионализми сохторӣ Т. Парсонс вазифаҳои оиларо бо намудҳои он алоқаманд дониста, никоҳро вобаста ба ҳаҷми вазифаҳои иҷрошаванда тасниф менамояд. Ба назари Т. Парсонс механизми таъминкунандаи мувозинат ва устувории низоми баҳамтаъсиррасонии оила тақсимоти вазифаии соҳаҳои фаъолият бо нишондиҳандаҳои ҷинсӣ ба ҳисоб меравад. Вазифаҳои оила муносибати онро бо олами беруна, ҳамгироии аъзоён, танзими дараҷаи шиддатнокии дохилиоилавиро таъмин менамоянд.

Амсилаи умумии фарқияти нақшҳои ҷинсӣ дар ҷомеаи саноатӣ аз он иборат аст, ки мард бояд оилаи худро таъмин намояд ва барои зан «мақоми шахси масъули хоҷагидории оилавӣ»[22] асосӣ мебошад. Т. Парсонс зарурати дақиқ ҷудо намудани нақшҳои ҷинсиро, ки рақобати барои ҳамбастагии оила хатаровари байни ҳамсаронро пешгирӣ карда метавонад, махсус қайд менамояд. Донишманд тақсимоти нақшҳоро вобаста ба ҷинс бунёдӣ меҳисобад, зеро он ба ҳифзи ҳамбастагии оилавӣ дар сохтори синфӣ нигаронида шудааст. Аммо "дар ҷомеаи муосир ҳолатҳоеро мушоҳида кардан мумкин аст, ки барои иҷрои ин вазифаҳо ҳамсарон нақшҳоро иваз мекунанд ё онҳоро ҳамзамон дар оилаи нопурра як ҳамсар ба анҷом мерасонад".[23]

Сотсиологи тоҷик, профессор Ш. Шоисматуллоев дар ин маврид менависад: «Бо гузариш аз ҷомеаи аграрӣ ба ҷомеаи индустриалӣ (саноатӣ) бо мурури замон тадриҷан ва марҳиланок дар тартиботи ҷамъиятии функсияҳои оила тағйиротҳо ба мушоҳида мерасад»[24] Дар ҷомеаҳои то индустриалӣ қариб ҳамаи аъзоёни оила мувофиқи имкониятҳо дар кори умуми иштирок менамуданд. Бо инкишофи саноат ва дар натиҷаи тақсимоти фазои «кор» ва «хона» «идеологияи

[22] Парсонс, Т. О структуре социального действия / Т. Парсонс. – М.: Академ, проект, 2002. – С. 368-369.
[23] Парсонс, Т. О структуре социального действия / Т. Парсонс. – М.: Академ, проект, 2002. – С. 44.
[24] Шоисматуллоев, Ш. Насилие в отношение женщин: прошлое и настоящее / Ш. Шоисматуллоев. – Душанбе, 2005. – С. 46.

тартиботи иҷтимоӣ тағйир ёфта, оила дигар ҳамчун ҷойгоҳи зан ва нақши зан аҳамияти хешро аз даст дод. Модарӣ мавқеи навро соҳиб шуда кӯдакон дар маркази фаъолияти занона ҷой гирифт. Хонадорӣ ба касб табдил ёфт, ки то ин вақт эътироф намешуд»[25]. Инкишофи босуръати саноат, зиёд шудани зиддиятҳои талабот ба неруҳои коргари ва тартиботи иҷтимоӣ, ки ба занон имкони дар фабрикаю заводҳо кор карданро намедод, тезу тунд гардонид. Вазъияти дар бозори меҳнат бавуҷуд омада талаб менамуд, ки нақши занонро дар ҷомеа аз нав фикр карда бароянд. Чунин кӯшишҳо бори аввал аз ҷониби фермерҳои мустақиле, ки оилаҳоро ба кори хоҷагӣ ҷалб менамуданд, ба назар расид. Дар аввал фабрикаҳою заводҳо барои таъмин намудавни нерӯи корӣ аз занҳои бешавҳар истифода намудаанд. Барои онҳо хобгоҳҳои алоҳида сохта, то шавҳар намуданашон нигоҳ медоштанд. Чунин метод истеҳсолотро бо нерӯҳои кории боваринок ва нисбат ба мардон арзонтар таъмин менамуд. Аммо чунин тадбир ба соҳибони фабрикаю заводҳо гарон афтид ва онҳо бо пайдо шудани нерӯҳои кории нав: деҳқонони муфлисшуда, муҳоҷирон ва занҳои аз оилаҳои қашоқ аз духтарони бешавҳар халос шуданд. Занони аз оилаҳои сарватманд ва миёнаҳол мисли пештара ҳамчун нигоҳубинкунандаи хона боқӣ монданд.

Модарӣ дар доираи равиши иҷтимоӣ на худтасдиқнамоӣ ва вазифаи биологию табии зан, балки ҳуқуқи интихоби ӯ ҳисобида мешавад. Аммо ин гуна равиш дар Тоҷикистон то барқароршавии ҳокимияти шӯравӣ дар нимаи аввали асри XX эътироф намегардид. Дар доираи ин равиш модарӣ ва оила ҳамчун монеи рушди шахсияти зан шинохта мешавад. Мувофиқи назари ҷонибдорони ин равиш дар сурати таваллуд намудан зан бояд барои машғул шудан ба фаъолияти ҷамъиятӣ кӯдакашро ба кӯдакистон диҳад.

[25] Кесслер-Хэррис, Э. Женский труд и социальной порядок / Э. Кесслер-Хэррис // Антология гендерной теории. Пер. с англ. Е. Мельниковой. – Минск: Пропилеи, 2000. – С.175.

Минбаъд дар Аврупо ҳаракатҳои ҷамъиятии ҳуқуқи занҳо пайдо мешаванд, ки намояндагони онҳо баробарии марду занро дар таҳсилот, меҳнат ва оила талаб менамуданд. Идеяи ҳуқуқи инсон ва баробарии одамон дар назди қонун ба муносибатҳои гендерӣ низ бетаъсир намонд. Баъдан, пешрафти инқилоби саноатӣ ва тиҷорат занҳоро низ ба истеҳсолот ва ҷамъ кардани сармоя ҷалб намуданд. Вақте занон дар истеҳсолот роҳ ёфтанд, дар баробари ин барои дарёфти ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии худ мубориза оғоз намуданд. Муборизаи занонро барои баробари мардон доштани ҳуқуқу озодиҳо, ҳаракату талошҳои занонро баҳри озод шудан аз хушунати оилавӣ, имконияти васеи ворид шудан ба фаъолияти иқтисодию сиёсӣ моҳияти ҳаракатҳои феминистиро ташкил менамуанд.

Маҳз зери таъсири ҳаракатҳои феминистӣ, бо пешрафти илму техника ва воситаҳои коммуникатсия қолабҳои фикрии анъанавӣ нисбати занон тағйир меёбад, таҳсилот ва сатҳи касбияти занон низ рушд меёбад ва дар ҳамаи соҳаи зиндагӣ нақши занон дида мешавад. Ин дигаргуниҳо бевосита ба тарзи зиндагии занон, рӯзгордорӣ ва модарии онҳо бетаъсир намемонад. Буҳрони оилавӣ, камшавии аҳолӣ, ба пешрафти касбӣ таваҷҷуҳи асоси зоҳир намудани занон, шиддаи психологии занон ҳангоми кори хона ва меҳнати берун аз оилавӣ, пайдоиши оилаҳои нопурра ва модарони танҳо аз ҷумлаи таъсири дигаргуниҳои иҷтимоии ба ҳаёт ва тарзи зиндагии занон мебошанд.

Пас аз барқарор шудани ҳокимияти шӯравӣ дар давлатҳои сотсиалистӣ ба масъалаи модарӣ, баробарии зану мард дар ҷамъият, меҳнати занон таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешуд. Ҳифзи модару кӯдак ба яке аз вазифаҳои асосии давлат табдил ёфт.

Дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва дигар давлатҳои сотсиалистии ҷаҳон фаъолияти иқтисодӣ ва дараҷаи маълумотнокии занон дар баробари мардон хело пеш рафт. Пас аз инқилоби соли 1917 идеяи

баробарии марду занҳо ҳамаҷониба тарғиб, мустаҳкам ва воқеӣ мегардид. Тағйиротҳои ҷамъиятӣ ва сиёсӣ коркарди роҳҳои нави ҳалли масъалаҳои занон ва муносибатҳои оилавии зану мардро ба миён овард. Давлати Шӯрави аввалин давлате буд,ки дар Конститутсияи соли 1918 - и худ баробарҳуқуқии зану мардро дар ҳамаи доираҳои ҳаёти иҷтимоӣ мустаҳкам намуда, баробарии шароитҳои меҳнат, интихоби ихтисос ва тарзи фаъолияти зану мардро ба таври оммавӣ тарғиб менамуд.

Идеологияи давлати Шӯравӣ аз консепсияи марксистӣ маншаъ мегирифт, ки баробарҳуқуқии зану мардро эътироф менамуд. Асосгузорони марксизм К. Маркс ва Ф. Энгелс ба масъалаи озод намудани зан аз ғуломии хонагӣ диққати махсус дода, онро ҳамчун як ҷузъи ҷараёни умумии озодии инсоният мешумориданд. Мағзи консепсияи гендерии марксизмро ин нуқтаҳо ташкил медоданд:

– дар ҷараёни ҷудоии истеҳсолот аз оила вазифаҳои оила низ тағйир меёбад;
– занон бояд ба низоми истеҳсолоти ҷамъиятӣ ҷалб карда шаванд;
– меҳнати дуҷонибаи онҳо, яъне ҳам кори хона ва ҳам фаъолияти истеҳсолӣ боздошта шавад;
– модару кӯдак аз ҷониби давлат ҳифз гардад ва ғ. [26]

Бо вуҷуди ҳамаи комёбиҳо давоми 70 – соли ҳукмронии Ҳукумати Шӯравӣ мисли пештара сатҳи дониши занон нисбат ба мардон буд, аз мардон камтар даромад доштанд ва бештар ба корҳои оилавӣ банд гардида буданд. Занон хамчун коида дар ҷомеаи Шӯравӣ дар корҳои нисбатан каммузд ва поёнии истеҳсолот ҷалб шуда буданд ва мавқеи итоаткориро ишғол менамуданд.

Муносибатҳои оилавӣ дар ҷамъияти тоҷик то инқилоби соли 1917 характери падаршоҳӣ доштанд. Пас аз инқилоб идеяи баробарии зану мард то дараҷае ба воқеият табдил ёфт, аммо мушкилотҳои занони тоҷик

---

[26]Маркс, К. Сочинения. Т. 2 / К. Маркс, Ф. Энгельс. – М.: Политической Литературы, 1955. – С. 78-79.

ба маротиб афзуд. Вазифаи модарӣ, кори хона ва иштирок дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ барои занони тоҷик ниҳоят гарон меафтод. Барҳам хӯрдани давлати Шӯравӣ боиси сар задани бӯҳронҳои иқтисодию сиёсӣ гардид, ки дар натиҷа корхонаҳо аз кор монданд, истеҳсолот рӯ ба таназзул ниҳод. Дар вазъияти имрӯзаи кишварамон меҳнати оилавӣ ба анъанаҳои падарсолорӣ ва шӯравӣ асос ёфтааст.

Дар даврони шуравӣ мафҳуми «оилаи советӣ» хело паҳн гардида буд. Дар натиҷаи инкишофи сотсиализм бояд оилаи типи нави советӣ пайдо мешуд. Аз солҳои 60-уми асри XX дар собиқ СССР таҳқиқоти сотсиологии оила ва никоҳ шурӯъ гардида то барҳам хурдани собиқ СССР ба дастовардҳои азим ноил шуд. Дар инкишофи сотсиологияи оилаи шуравӣ нақши корҳои илмии Василиев К.Э., Левина В.М., А.Г. Харчева, З.А. Янковской ва дигарон баѓоят бузург мебошанд.

Дар илм нисбати фаҳмиши зуҳуроти «модарӣ» равишҳои гуногуни илмӣ вуҷуд дорад, ки яке аз онҳо бо номи равиши иҷтимой-психологӣ машҳур аст. Ба ақидаи намояндагони он Т.А. Гурко, М. О. Ермихина, Р.В. Овчарова, В. А. Рамих модарӣ на танҳо талаботи зан ба таваллуд ва муносибати эмотсионалӣ ба фарзандон (ҷанбаи психологӣ), балки зуҳуроти иҷтимоӣ ва арзиши фарҳангӣ мебошад. Муҳаққиқони дигар, мисли Э. Бадинтер, Л.А. Дубисская, И. Кон, М. Мид, В.С. Мухина, Т. В. Рябова, Н.Л. Пушкарева, Т.В. Скритская, С.Г. Фатыхова низ маҳз ба ҷанбаҳои иҷтимоию психологии модарӣ махсус таваҷҷуҳ намудаанд. Масалан, Т.В. Скритская қайд менамояд, ки «арзишҳо ва меъёрҳои ҷамъиятӣ ба зуҳуроти муносибати модарӣ таъсири муайян мерасонан»[27]. Психологи машҳур В. С. Мухина модариро ҳамчун зуҳуроти фарҳангӣ

[27]Скрицкая, Т.В. Материнство как социально обусловленный феномен / Т.В. Скрицкая // Вестник Кемеровского государственного университета. – 2005. – №2 (22). URL: http://hpsy.ru/public/x2472.htm (дата обращения: 05.12.2011).

дида баромада, қайд менамояд, ки «моҳият ва маънои модарӣ бо тағйир ёфтани фарҳанг тағйир меёбад»[28].

Ҷанбаҳои фалсафии зуҳуроти модарӣ дар корҳои илмии И.Л. Андреева, С.С. Аверинсева, В. Бергум, И.В. Бестужева-Лади, С.Г. Ваймана, М.С. Кагана, С.М. Климовой, Ю.М. Лотмана, В.А. Рамих, О.В. Рябова ва дигарон мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Ба андешаи ин олимон моҳияти фалсафӣ ва фарҳангии модарӣ дар он зоҳир мегардад, ки занон на танҳо давомдиҳандаи насл, балки интиқолдиҳандаи арзишҳои фарҳангӣ мебошанд. Аз ҷиҳати сотсиологӣ дар масъалаи модарӣ дар оилаҳои нопурра сотсиологҳои машҳур А.И. Антонов, Е. Бартова, Э.К. Василева, О.А. Воронина, М. Динкова, И.С. Кон, Э.Е. Новикова, М. Соколовская, М.К. Чемберлен, ва дигарон таҳқиқотҳои илмиро пеш бурдаанд. Ин муҳаққиқон ҷиҳатҳои иҷтимоию демографӣ, иқтисодӣ ва гендерии зуҳуроти модариро таҳқиқ намудаанд. Масалан, донишманди рус Л.Г. Сологуб андеша дорад, ки модарӣ яке аз институтҳои иҷтимоии қадимтарин ва устувортарини ҷомеа ба ҳисоб меравад, ки дар баробари раванди антропогенез ва сотсиогенез ташаккул ёфтааст. Институти модарӣ аз маҷмӯи арзишҳо (мисол, муҳаббат ба кӯдакон), равандҳо (мисол, ғамхорӣ намудан нисбат ба рушди ҷисмонӣ ва маънавии кӯдакон), нақшу статусҳо (дар навбати аввал модар, кӯдак ва хешовандон) иборат мебошад[29]. Ба андешаи Л.Г. Сологуб модарӣ мисли дигар институтҳои иҷтимоӣ як қатор нишонаҳои муайян дорад:

1. идеология ҳамчун системаи идеяҳо, меъёрҳои манъкунанда ва ҷазодиҳанда (муҳаббати модарӣ, алтуризм ва ғайраҳо);

---

[28]Чибисова, М.Ю. Феномен материнства и его отражение в самосознании современной молодой женщины: автореф. дис. ... канд. психолог. наук: 19.00.13./ Чибисова Марина Юрьевна. – М., 2003. – С. 4.

[29] Ниг.: Сологуб, Л.Г. Материнство как социальный институт: дис. … канд. соц. наук: 22. 00.04 / Сологуб Лариса Григорьевна. – М., 2001. – 182 с.

2. рамзҳо, ки образи онро ташкил медиҳанд (таваллудхона, аробачаи кӯдакона ва ғайраҳо);
3. хусусиятҳои фарҳангӣ (мисли хона, либос ва ғайраҳо)[30].

Сотсиологи дигар Т.В. Шведко институти иҷтимоии модариро аз нуқтаи назари функсионализми Т. Парсонс дида баромада, онро қисми таркибӣ ва устуворӣ ҷомеа бо вазифаҳои мушаххасу муайян номидааст[31]. Сотсиолог Л.Г. Сологуб вазифаҳои модариро чунин тасниф менамояд:

1. мустаҳкамкунӣ ва такрористеҳсолнамоии муносибатҳои ҷамъиятӣ тавассути низоми қоидаҳо ва меъёрҳои рафтор;
2. ба низом даровардани муносибатҳои байниҳамии одамон дар асоси намунаҳои муқарраргардидаи рафтор (вазифаи танзимнамоӣ);
3. муттаҳид намудани аъзоёни гурӯҳҳои иҷтимоӣ тавассути меъёрҳо, қоидаҳо ва низоми нақшҳо (вазифаи муттаҳиднамоӣ);
4. таҳвил додани таҷрибаи иҷтимоӣ аз модар ба кӯдак (вазифаи фиристодан ё интиқолдиҳӣ)[32].

Дар охири асри XX дар ҳаёти занон як таҳаввулоти калоне ба вуқӯъ пайваст. Махсусан, маҳви бесаводии бештари занон, рушди касбияти онҳо, тағйир ёфтани вазифаҳои иҷтимоии оила ва гузаштани баъзе вазифаҳои оила ба ӯҳдаи дигар институтҳои иҷтимоӣ (махсусан, маориф), ки меҳати занонро сабук мегардонид. Дар охири асри XX ва аввали асри XXI на танҳо нақши истеҳсоли ва оилавии зан тағйир ёфт, балки худи функсияҳои оила тагйир ёфтанд. Баланд гаштани сатҳи накуаҳволии оила ва беҳтар шудани технологияи пешбурди хоҷагӣ ва васеъ шудани шабакаи хизматрасонӣ талаботи ба меҳнати оилавиро кам намуд. Кам шудани сатҳи тавваллуд, васеъ шудани низоми муассисаҳои

---

[30] Ниг.: Сологуб, Л.Г. Материнство как социальный институт: дис. … канд. соц. наук: 22. 00.04 / Сологуб Лариса Григорьевна. – М., 2001. – 182 с.
[31] Шведко, Т.В. Материнство как социальный институт современного общества [электронный ресурс] URL: http:// grani2kzscience.ru (дата обращения: 17.09.2015).
[32] Ниг.: Сологуб, Л.Г. Материнство как социальный институт: дис. … канд. соц. наук: 22. 00.04 / Сологуб Лариса Григорьевна. – М., 2001. – 182 с.

томактаби вақти занонро барои тарбияи кӯдакон сарфа намуд. Занон дигар вақти сарфашударо дар истеҳсолот истифода менамуданд. Функсияи иқтисодии оила низ тағйир ёфта ба ячейкаи хоҷгидорӣ-истеъмолӣ табдил ёфт. Як қатор функсияҳои оила пурра ё қисман ба институтҳои иҷтимоӣ ва ё истеҳсолоти инкишофёбандаи ҷамъияти гузашт. Масъалаи иҷтимоишавии шахсро муассисаҳои томактабӣ ва маориф ба ӯҳда гирифт. Функсияи иқтисодӣ-истеҳсолии оиларо истеҳсолоти ҷамъиятӣ гирифт. Функсияи назоратнамоиро маориф, ҳукуматҳои маҳаллӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба ӯҳда гирифтанд. Ин омилҳо «характери алоқаҳои оилавӣ, мунсибати байни ҷомеа, оила ва шахсро тағйир дод».[33] Васеъ шудани доираи хизматрамонӣ ва кумакрасонӣ, шаҳришавӣ (урбанизатсия), саноаткунонии истеҳсолот, ворид шудани арзишҳои дунявӣ ва инқилоби коммуникатсионӣ аъзоёни оиларо водор месозад, ки ба арзишҳои берун аз оила майл намоянд. Шахс мустақилона аз оила ва берун аз оила низ ба дастовардҳои шахсӣ ноил мегарданд. Ҳатто бисёре аз ҷавонони Ғарб барои пешрафти касбӣ аз оила ва арзишҳои оилавӣ даст кашида, барпо намудани оиларо монеаи дастовардҳои шахсӣ мешуморанд. Кам шудани шумораи кӯдакони оила, гузариш бо навъи нави оилавии эгалитарӣ ва нуклеарӣ далели гуфтаҳои болоии мост.

Бо замон занон низ баробари мардон мехоҳанд, ки пешрафти касбӣ намоянд ва дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти ҷамъиятӣ нақши муассире дошта бошанд, аммо барои амалӣ намудани ин мақсадҳо қолабҳои анъанавии гендерӣ ва вазифаи модарӣ монеа мешавад. Занон бо воситаҳои гуногун ин монеаҳоро бартараф менамоянд, мисли шавҳар накардан, аз таваллуд даст кашидан, ҷудо шудан аз ҳамсар, модарии танҳо, оилаи нопурра. Ҳатто намояндагони ҳаракати феминизм аз занон

[33]Шоисматуллоев, Ш. Насилие в отношении женщин: прошлое и настоящее / Ш. Шоисматуллоев. – Душанбе, 2005. – С. 48.

даъват ба амал мебароранд, ки аз таваллуд даст кашанд, ба фикри онҳо яке аз сабабҳои асосии нобаробарии иҷтимоии зану мард дар ҷомеа маҳз вазифаи модарӣ ва репродуктивии занон мебошад[34]. Воқеист нишон медиҳад, ки даст кашидан аз модарӣ, оила ва таваллуд барои ҷомеа паёмадҳои нохушеро ба вуҷуд меорад, мисли кам шудани аҳолӣ, ятиммонии кӯдакон, мушкилии тарбияи фарзандон, иҷтимоишавии нодуруст ва ғайраҳо. Аз ин рӯ, вобаста ба дигаргуниҳои иҷтимоӣ дар оила ва тарзи зиндагӣ давлат бояд механизмҳои гуногуни кумак ба занонро кор карда бароyад, то онҳо ҳам вазифаи модарии худро ба анҷом расонида тавонанд ва ҳам дар фаъолияти ҷамъиятӣ самаранок иштирок карда, ба пешрафти касбӣ ноил гарданд.

Дар шароити имрӯзаи ҷомеаи мо, ки пур аз таззод аст ва зуҳуротҳои гуногуни ногувор пайдо шудаанд, нақши модарӣ дар рушди маънавии ҷомеа, ҳифзи фарҳанг ва арзишҳои миллӣ, боло бардоштани ҳуввият, худшиносии миллӣ ва ҳисси ватандӯстии ҷавонон аз ҳарвақта дида бештар аҳамият пайдо намудааст. Барои ба ин мақсад расидан бояд модарӣ ҳамчун институти иҷтимоӣ нерӯманд гардонида шавад, модарон ва меҳнати онҳо аз ҷониби ҷомеа қадр гардад, мақоми зан - модар дар ҷомеа боло бардошта шавад, модароне, ки ба вазъи мушкили зиндагӣ дучор гардидаанд, махсусан, модарони танҳо аз тарафи мақомоти ҳифзи иҷтимоӣ ва намояндагони институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мавриди дастгирӣ ва кумак қарор гиранд.

Ба ақидаи муҳаққиқи рус В.С. Мухина модарӣ ҳам дар доираи сегона: "модар-падар-кӯдакон" ва ҳам дар шакли муносибати дугона: «модар-кӯдакон» ба амал омада метавонад. Дар мавриди дуюм сухан дар

[34] Ниг.: Рамих, В.А. Материнство как социокультурный феномен: дис. ... д-ра филос. наук: 24.00.01 / Рамих, Вера Алексеевна. – Ростов-на-Дону, 1997. – 236 с.

бораи модарӣ дар оилаи нопурра меравад, ки дар ҳаёти кӯдакон модар нақши асосӣ дорад[35].

Категорияи заноне, ки фарзанд доранд, аммо шавҳарашон дар раванди таълиму тарбия ва таъминоти модии оила иштирок намекунад, модарони танҳо ном доранд. «Зане, ки кӯдаки худро бе шавҳар ё саробонии мард нигоҳубин менамояд, модари танҳо ҳисобида мешавад»[36]. Мафҳуми «модари танҳо» ба маънои ҳуқуқӣ ба занҳое нисбат дода мешавад, ки кӯдакдор ҳастанд, аммо дар ақди никоҳи марде қарор надоранд ва ё падари кӯдак муайян карда нашудааст, падари биологӣ барои модару фарзандаш ягон масъулият надорад, зан барои мавқеи «модари танҳо» кумакпулии давлатӣ мегирад. Дар Тоҷикистон ба сифати чунин модарони танҳо занҳое низ баромад мекунанд, ки бе никоҳ таваллуд кардаанд ва ё зани дуюму сеюм ҳастанд. Баъзан вақт зан ҳамсари ягонаи шавҳар ба ҳисоб меравад, аммо ақди никоҳи расмӣ надоранд, шавҳараш ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтааст ва солҳост ҳамроҳи ӯ нест. Дар ин ҳолат зан барои гирифтани шаҳодатномаи таваллуди кӯдаконаш худашро ҳамчун модари танҳо ба қайд мегирад.

Масъалаи оила ва кӯдакон – ин масъалаи ҷамъиятӣ аст. Дар замони муосир баъзе аз кӯдакон аз ҷониби на он шахсоне тарбия мeёбанд, ки волидайнашон ба ҳисоб мераванд. Ин чунин оилаҳоест, ки волидайнашон ҷудо шудаанд, яке аз волидайнашон вафот кардаанд, волидайнашон ҳеҷ гоҳ ақди никоҳ набастаанд ва ё бо сабабҳои гуногун ҳарду волидайн дар тарбияи фарзандонашон иштирок карда наметавонанд. Имрӯз низ давраи гузариши ҷомеаи тоҷик ба интиҳо нарасидааст. Баъдан, таъсири равандӣ муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ дар Тоҷикистон ба муносибатҳои оилавӣ торафт меафзояд. Бисёре аз мардон

[35] Ниг.: Чибисова, М.Ю. Феномен материнства и его отражение в самосознании современной молодой женщины: автореф. дис. ... канд. психолог. наук: 19.00.13./ Чибисова Марина Юрьевна. – М., 2003. – 24 с.
[36] Бахромбеков, В. Кори иҷтимоӣ бо оила. Воситаи таълимӣ / В. Бахромбеков, Х. Зеваров, Ф. Миров – Душанбе, 2013. – С. 114.

ба муҳоҷироти меҳнатӣ рафта, солҳо ба оила барнамегарданд, инчунин аз ҷиҳати молиявӣ оилаҳои худро дастгирӣ намекунанд, ки дар натиҷа шумораи оилаҳои нопурра ва модарони танҳо меафзояд.

Дар оила агар як волидайн бошад, пас он оилаи нопурра аст. Дар оилаи нопурра яке аз ҳамсарон бо сабабҳои гуногун зиндагӣ намекунад, як нафар (падар ё модар) фарзанд ё фарзандонро тарбия мекунад ва барои қонеъи талаботҳои гуногун масъулият дорад. Оилаи нопурра – чунин намуди оилае мебошанд, ки дар он яке аз ҳамсарон бо сабабҳои гуногун, мисли вайроншавии оила, ба маҳбас афтода ё фавти яке аз волидайн, маҳрум шудан аз ҳуқуқӣ волидайнӣ, даст кашидани яке аз волидайн аз нигоҳубини фарзанд (фарзандон), таваллуди кӯдаки берун аз никоҳ ва ғайра зиндагӣ намекунад, масъулияти тарбияи фарзандон масъулияти яке аз волидайн.

Дар замони имрӯза занонеро, ки тавассути фарзандхонӣ соҳиби кӯдак шуда, ба таълиму тарбия машғул аст, модари танҳо номидан мумкин аст. Аслан, оилаи нопурра аз модари танҳою кӯдакон иборат аст. Ба ақидаи ҷомеашиноси рус Е.В. Чурилова модари танҳо бо фарзанд ё фарзандониноболиғи худ аз шавҳар зиндагӣ мекунад ё ки бе ташкили оила ва никоҳ таваллуд намудааст[37]. Дар адабиёти илмии Ғарб чунин занонро «оила бо сарварии зан» ва «волидайни танҳо» низ меноманд.

Агар дар оилаи нопурра хешовандони модар ё падари танҳо зиндагӣ кунанд, пас ин оилаи нопурраи васеъ аст[38]. Психологи барҷаста Л.Б. Шнейдер се намуди оилаи нопурраро ҷудо менамояд:

1. намуди якум – яке аз волидайн аз оила меравад ва волидайни дигар аз нав никоҳ намебандад;

---

[37] Ниг.: Чурилова, Е.В. Состав и благосостояние неполных семей в России / Е.В. Чурилова // Социологические исследования. – 2015. – №3 (371). – С. 78; Михеева, А.Р. Человек в сфере частной жизни: векторы трансформации семейных отношений / А.Р. Михеева. – Новосибирск: ИЭОПП СО РАН, 2012. – 156 с.; Захаров, С.В. Феномен одинокого материнства в России: статистико-демографический анализ распространенности и механизмов его формирования / С.В. Захаров, Е.В. Чурилова // Мир России. Социология. Этнология. – 2013. – № 4. – С. 86-117.

[38] Ниг.: Социальная работа с различными группами населения. Учебное пособие. Под редакцией доктора педагогических наук, профессора Н.Ф.Басова. – М.: Проспект, 2013. – С. 476-484.

2. намуди дуюм – шахси танҳо ба таври расмӣ кӯдакро ба фарзандхонӣ мегирад;
3. намуди сеюм – зани бешавҳар кӯдаки худро дар танҳоӣ тарбия менамояд[39].

Мувофиқи ахбороти намояндаи Хазинаи СММ дар соҳаи аҳолии ҷаҳон (ЮНФПА) 13% кӯдакони дунё бе волидайн ва 51%-и онҳо дар оилаҳои нопурра ба воя мерасанд[40]. Мувофиқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2012 аз 1197187 хонаводаи Тоҷикистон 38042-тоаш оилаҳои якнафара (ҳамсаре, ки бо сабаби гуногун танҳо мондаст ва бефарзанд мебошад), 60202 нафар модар бо фарзандон (оилаи нопурра) ва 139 нафар падар бо фарзандон (оилаи нопурра) мебошанд[41].

Ҳолати модарони танҳо вобаста ба сабабҳои пайдоиши оилаҳои нопурра аз ҳам фарқ менамоянд. Заноне, ки дар натиҷаи қатъ гаштани ақди никоҳ ва ҷудо шудан аз ҳамсарашон ба модари танҳо табдил ёфтаанд, вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии нисбатан беҳтар дошта метавонанд. Ин гуна модарон барои пеш бурдани зиндагии худ ва фарзандон аз ҳамсари собиқ алимент ё дигар кумаҳои моддӣ дастрас карда метавонанд. Шавҳари собиқ ба онҳо кумакҳои гуногун расонида, дар таълиму тарбияи фарзандон саҳм гузошта метавонад, аммо аммо ҳолати иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва равонии заноне, ки дар натиҷаи таваллуди кӯдаки берун аз никоҳ ба модари танҳо табдил ёфтаанд, каме душвор аст. Дар баробари он ки онҳо аз алимент ва дигар кумакҳо маҳруманд, инчунин аз ҷониби атрофиён мавриди фишори равонӣ ва ҷисмонӣ қарор мегиранд.

---

[39] Ниг.: Шнейдер, Л.Б. Психология семенных отношении. Курс лекции / Л.Б. Шнейдер. – М.: ЭКСМО-Пресс, 2000. – С. 43.
[40] Ниг.: ООН выступает за ответственное материнство и отцовство [электронный ресурс]. URL: https://ruso.prensa-latina.cu/index.php?option=com (дата обращения: 13.09.2016).
[41] Ниг.: Ҳайати синнусолӣ, ҷинсӣ ва ҳолати ақди никоҳи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҷилди II. – Душанбе, 2012. – С. 176.

Дар ҷомеаи Тоҷикистон чунин модарони танҳое, ки бе ташкили оила ва бастани никоҳ фарзандор шудаанд, хеле каманд, аммо мувофиқи қолабҳои динӣ ва фарҳангии ҷомеаи мо чунин модарони танҳо мавриди бархурди шаддиди хешовандон ва атрофиён қарор мегиранд. Баъзе аз падару модарон ва аъзоёни оила аз робита бо чунин модарон даст кашида, аз таъминоти онҳо даст мекашанд. Дар натиҷа, ин модарони танҳо, ки одатан, хело ҷавонанд, касбу пешаи муайяне надоранд ва дар ҷойе кор намекунанд, дар вазъи мушкили иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва равонӣ қарор мегиранд.

Дар давоми асри XX Тоҷикистон дар бухрони сохтори ниҳодӣ қарор дошт, давоми 100 соли охир дар сохтори иҷтимоии Тоҷикистон дигаргуниҳои чашмрас: низоми сохтори сохти анъанавӣ, минбаъд инқилоби октябр, саноаткунонӣ, колективизатсия ва модернизатсия, низомҳои нави иҷтимоӣ, тағйир ёфтани арзишҳо ва ғайраҳо рӯй медиҳанд, ки ба муносибатҳои оилавӣ бетаъсир намемонд. Оила ҳамчун унсури асосии сохтори иҷтимоӣ ҳамагуна тағйиротҳое, ки дар ҷомеа руй медиҳанд, дар худ инъикос менамояд. Ҳарчанд дар Ғарб институти оила ба бухрони ҷиддӣ гирифтор шудааст, аммо дар ҷомеаи тоҷик оила нақши калидии худро аз даст надодааст.

Хулоса, дар шароити бухронҳо ва тағйиротҳои куллии ҷамъиятӣ таҳвили арзишҳои калидӣ бо шарофати модарӣ имконпазир мегардад. Ба андешаи сотсиолог В.А. Рамих, зуҳуроти модарӣ ба сифати кафолати репродуксияи сотсиум ва фарҳанг баромад намуда, «рамзи шартӣ, низоми рамзу аломатҳо, шароити муҳити этнографии ба қисми таърихӣ-фарҳангӣ мувофиқ»[42] ба ҳисоб меравад. Ба шарофати модарӣ шахс меросхури фарҳанг, меъёрҳо ва анъанаҳои ҷомеаи худ мегардад. Модар будан маънои баъди худ ҳаётро нигоҳ доштан ва гузоштан аст. Модарӣ

[42] Рамих, В.А. Материнство как социокультурный феномен: дис. ... д-ра филос. наук: 24.00.01 / Рамих, Вера Алексеевна. – Ростов-на-Дону, 1997. – С. 32.

кафолати мавҷудияти ҷисмонии ҷамъият ва механизми нотакрори ҳифзи маданияти ҷомеа мебошад. Педагоги машҳур В.А. Сухомлинский дар ин бора чунин навиштааст: «Модар на танҳо таваллуд мекунад, балки меофарад. Агар ӯ танҳо таваллуд мекард, пас офарандаи насли инсон намебуд»[43].

Дар шароити буҳронҳо ва тағйиротҳои куллии ҷамъиятӣ таҳвили арзишҳои калидӣ бо шарофати модарӣ имконпазир мегардад. Бо тағйир ёфтани ҷамъият дар муносибатҳои оилавӣ низ дигаргуниҳо роҳ ёфта, боиси пайдоиши падидаҳои нави иҷтимоӣ мегарданд. Ба сифати падидаҳои нави иҷтимоӣ модарони танҳо ва оилаҳои нопурраро номбар намудан мумкин аст. Маълум аст, ки модарӣ дар оилаҳои нопурра ба фазои иҷтимоии оила, иҷтимоишавии фарзандон ва иҷроиши вазифаҳои иҷтимоии оила бетаъсир намемонад.

## 1.2. Омилҳои иҷтимоӣ ва мадании ташаккулёбии оилаҳои нопурра

Пешрафт ва солимии ҷомеа аз оилаи солим вобастагии зиёд дорад, зеро оилаи солим ва муътадил оилаест, ки аъзоёни он бомасъулиятона вазифаҳои худро иҷро карда, талаботҳои иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва маънавии ҳамаи аъзоёни худро қонеъ мегардонад. Оила дар ҳифзи саломатӣ, тарбияи фарзандон, таъмини раванди рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва демографии ҷомеа нақши муҳим мебозад. Агар оила мустаҳкаму пойдор ва аз ҷиҳати маънавию ахлоқӣ солим бошад, ҷамъият ҳам устувор мегардад. Институти оила дар ҷомеа таърихи дурудароз дошта, ҳамчун василаи нигоҳдошт ва афзоиши аҳолӣ, ҳамгироии иҷтимоӣ, муоширaт ва муносибати иҷтимоӣ, нигоҳдошти арзишҳои умумиинсонӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ асрҳо ташаккул ёфтааст[44].

---

[43] Сухомлинский, В.А. Как воспитать настоящего человека / В.А. Сухомлинский. – М.: Педагогика, 1990. – С. 72.

[44] Хидирзода, М. Хонавода – мабдаи ташаккули инсон [манбаи электронӣ]. URL: http://www.jumhuriyat.tj/index.php?art_id=17878 (санаи истифодабарӣ: 01.12.2022).

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки на ҳамаи оилаҳо вазифаҳои институтсионіалии худро дар сатҳи зарурӣ иҷро карда метавонанд. Яке аз чунин намуди оилаҳо дар Тоҷикистон оилаҳои нопурра бо модари танҳо мебошад.

Ҷудошавии ҳамсарон, тавлиди фарзанди берун аз никоҳ ва дигар зуҳуроти ба ин монанди оилавӣ ҳамчун сарчашмаи пайдошавии оилаҳои нопурра ҳамеша амали берун аз меъёрҳои иҷтимоӣ ҳисобида мешуд, махсусан, дар ҷомеаҳои анъанавӣ. Мавҷи аввали паҳншавии оилаҳои нопурра ба марҳилаи баъдиҷангии солҳои 40-уми асри XX рост меояд, ки ба фавти зиёди мардон дар Ҷанги Бузурги ватанӣ ва тавлиди берунازникоҳӣ бо сабаби гум шудани таносуби ҷинсии ҷомеа алоқамандӣ дошт. Мавҷи дуюми авҷи паҳншавии оилаҳои нопурра ба солҳои 60-уми асри XX марбут аст[45]. Аз ин давра сар карда, дар муносибатҳои байни зану мард тағйиротҳои куллӣ ба мушоҳида мерасад, мисли баробарҳуқуқии зану мард, дар қонунгузорӣ мустаҳкам шудани никоҳ ва талоқ, дар занон пайдо шудани имконияти танзиму назорати тавлиди фарзанд ва таҳкими ҳаракати феминистӣ. Ин дигаргуниҳои ҷиддӣ як сабаби зиёдшавии ҳодисаи ҷудошавии ҳамсарон, афзудани модарони танҳо ва паҳншавии оилаҳои нопурра гардид.

Маҳз аз ин давра баррасии назариявӣ ва тадқиқотҳои илмӣ дар атрофи сабабҳои паҳншавии оилаи намуди нав – оилаҳои нопурра оғоз мегардад. Тадқиқотчиён мехостанд фаҳманд, ки барои чӣ шумораи ҷудошавии ҳамсарон меафзояд, бо чӣ сабабҳо шумораи тавлиди берун аз никоҳ торафт зиёд мегардад, чи хел оилаҳои нопурра ба тақдири минбаъдаи модару кӯдак таъсир мерасонад ва ғайраҳо. Намояндагони илмҳои иқтисодиёт, сотсиология, психология, демография ва дигар илмҳои ҷомеашиносӣ барои шарҳу баррасии зуҳуроти оилаҳои нопурра

[45]Чурилова, Е.В. Основные подходы к изучению факторов формирования и распространия семей с одним родителей / Е.В. Чурилова // Журнал социологии и социальной антропологии. – 2014. – № 4. – С. 156.

ва яккаволидайн таълимот, равиш ва назариҳои гунгуни худро пешниҳод карданд.

Яке аз чунин равишҳои иқтисодӣ бо номи «бозори никоҳӣ» ба таҳқиқотҳои илмии Г. Беккер[46] алоқамандӣ дорад. Мувофиқи ин назария бозори никоҳӣ таносуби шумораи мардону занони хоҳиши никоҳ доштаро муайян мекунад. Ҳар як иштирокчии бозори никоҳ «нархи» муайян дорад, ки сифати онро бозгӯи мекунад. Интихоби шарики ҳаётӣ ё аз рӯйи принсипи монандӣ ё вобаста ба пурранамоии якдигарӣ ба амал баровварда мешавад. Дар баробари ин, мардону занон кӯшиш менамоянд, бо касе никоҳ банданд, ки ба нарх ва сифати онҳо баробар бошанд. Ин назария пешниҳод мекунад, ки дар бозори никоҳии моногамӣ якбора миқдори гуногуни шариконии эҳтимолии мардону занон қарор доранд ва як қисми иштирокчиёни бозори никоҳӣ бо ҳам никоҳ намебанданд. Аз ҳама намояндагони номувофиқи бозори никоҳӣ агар аз рӯйи монандӣ интихоб шуда бошанд, танҳо мемонанд. Ин ҳолат дар беҳтарин намояндагони бозори никоҳӣ мушоҳида мешавад, агар аз рӯйи принсипи пурранамоӣ якдигарро интихоб карда бошанд[47].

Назарияи иқтисодӣ сабаби модарии танҳо ва оилаҳои нопурраро дар тавлиди фарзанд берун аз никоҳ ва қатъшавии ақди никоҳ шарҳ медиҳад. Дар баъзе давлатҳо чунин оилаҳо бо сабаби боло бардоштани кӯмакпулиҳо барои тавлиди фарзанд зиёд мешаванд. Мувофиқи ин назария одамон барои он никоҳ мебанданд, ки аз он даромад ва манфиати бештаре бинанд ва қонеъ нагаштани манфиатҳо сабаби вайроншавии оилаҳо мегардад. Дар сурате, ки занон нисбати мардон даромади бештар ба даст меоранд ва берун аз никоҳ онҳо фаъолтару озодтар мегарданд, дар онҳо майл ба қатъи ақди никоҳ меафзояд. Ба ақидаи назариётчиёни иқтисодии оилаҳои нопурра занҳо дар ҳолати зиёд

---

[46] Ниг.: Беккер, Г.С. Человеческое поведение. Экономический подход / Г.С. Беккер. – М.: ГУ-ВШЭ, 2003.

[47] Ниг.: Чурилова, Е.В. Основные подходы к изучению факторов формирования и распространия семей с одним родителей / Е.В. Чурилова // Журнал социологии и социальной антропологии. – 2014. – XVII. - № 4. – С. 152.

будан аз мардон, даромади зиёд доштан, ки барои таъминоти оила басанда будан ва манфиатовар будани бешавҳарӣ (озодӣ дар кору фаъолият) кӯдакро берун аз никоҳ таваллуд мекунад, ки ин ба ҳуввияти ҷомеаи ғарбӣ бештар хос аст.

Дар масъалаи шарҳи сабабҳои паҳншавии оилаҳои нопурра равиши сотсиологӣ низ ҷой дорад, ки ба назарияи рушди оила ва марҳилаҳои ҳаётии оила такя менамояд. Ин назария дар солҳои 40-уми асри XX аз тарафи Э. Дювал, Р. Хилл, П.А. Гликом ва намояндагони назарияи интераксионизми рамзӣ Ҷ.Г. Мид, Э.В. Бургес ва У. Уоллер кор карда баромада шудааст. Мувофиқи ин назария ҳар як оила марҳилаҳои муайяни ҳаётии худро мегузарад. Ба сифати сабаби модарии танҳо ва оилаҳои нопурра ҷудошавии ҳамсарон, марги яке аз ҳамсарон, тавлиди кӯдак берун аз никоҳ ва ҷудоии ҳамсарон бо сабабҳои ба онҳо алоқаманд набуда, мисли ҷангҳо, муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ ва ғайраҳоро мебинанд.

Дар бештари ҳолат намояндагони назарияи сотсиологӣ модарии танҳо ва оилаи нопурaро ба интихоби ҳар як фард марбут медонад. Ҳар як шахс дар шароитҳои имконияту маҳдудиятҳои мавҷуда тавассути интихоб, қабули қарорҳо ва амалҳо марҳилаҳои ҳаётии худро мегузарад. Ҳама гуна интихоби шахс ба марҳилаҳои минбаъдаи ҳаёти ӯ таъсири худро мерасонад. Махсусан, тавлиди барвақтаи кӯдак берун аз никоҳ ба марҳилаҳои минбаъдаи даври ҳаётии шахс ва интихоби минбаъдаи роҳи ҳаётии зан таъсири манфӣ мерасонад. Махсусан, тавлиди барвақтаи кӯдак берун аз никоҳ барои таҳсили минбаъдаи зан монеа гашта метавонад.

П. Сорокин бӯҳрони оилаҳоро махсус қайд карда, онро дар «зиёдшавии шумораи ҷудошавии ҳамсарон, кам шудани шумораи ақди

никоҳҳо ва афзудани шумораи тавлиди кӯдакони аз никоҳ берун»[48] дидааст. Ҳарчанд торафт модарии танҳо ба як зуҳуроти муқаррарӣ табдил меёбад, аммо имрӯз ҳам дар ҳамаи маданиятҳо оилаи пурра намунаи оилаи идеалӣ қабул шудааст, ки ҳаёти накӯаҳволонаи оилавиро таъмин мекунад ва мушкилоти кӯдакону наврасон бештар ба норасоии тарбия дар оилаҳои нопурра марбут дониста мешавад. Дар оилаҳои танҳо модар бештар кор мекунад, барои тарбияи фарзанд вақти кам меёбад, аз ин сабаб аксарияти кӯдакони ин гуна оилаҳо марҳилаи вазнини наврасиро аз сар мегузаронанд.

Барои шарҳи сабабҳои паҳншавии оилаҳои нопурра назарияи демографӣ вуҷуд дорад. Мувофиқи ин назария сабаби пайдоиши оилаҳо бо сарварии зан ва тавлиди фарзанд берун аз никоҳ номувозинатӣ дар сохтори демографии аҳолӣ, ҳам дар сатҳи кишвар ва ҳам дар сатҳи минтақаҳои гуногун, шуда метавонад. Масалан, фавти мардҳо дар давраи ҷанг, муҳоҷирати мардон барои ҷустуҷӯйи ҷойи кор ба дигар минтақаҳо ё кишварҳо ба зиёдшавии модарони танҳо ва оилаҳои нопурра оварда мерасонад[49]. Мувофиқи ин назария таносуби ҷинсӣ дар никоҳҳои аввал бештар дида мешавад. Аммо ба никоҳи такрорӣ имконияти мардон бештар аст, зеро мардон ба занони аз худашон хурдтар оиладор шуда метавонанд, аммо барои занон ин имкониятҳо маҳдудтар аст, махсусан, ба занони танҳои серфарзанд дар Тоҷикистон.

Дар доираи ин равиш бо сабаби тағйиротҳо дар муносибатҳои никоҳӣ ва рафторҳои репродуктивӣ, пайдоиши ҳамзистии шарикон бе никоҳ, ҳисоб нашудани никоҳ ҳамчун шарти асосии тавлиди фарзанд давоми чанд даҳсолаи охир «назарияи гузариши дуюми демографӣ» хеле машҳур гардидааст, ки аз тарафи Р. Лестег ва Д. ван де Каа пешниҳод гардидааст. Мувофиқи ин назария зиёд шудани шумораи ҷудошавии

[48] Чурилова, Е.В. Основные подходы к изучению факторов формирования и распространия семей с одним родителей / Е.В. Чурилова // Журнал социологии и социальной антропологии. – 2014. – № 4. – С. 153.
[49] Ниг.: Васильева, Э.К. Семья и ее функции: демографо-статистический анализ / Э.К. Васильева. – М.: Статистика, 1975. – 184 с.

ҳамсарон ва пайдоиши оилаҳои нопурра бо сарварии зан ба либерализатсияи қонунгузории никоҳ ва талоқ алоқаманд̄ дорад. Ҳолати мазкур ба ҳамсарон, махсусан занҳо имконият дод, ки дар мавриди нобарориҳо дар ҳаёти оилавӣ аз никоҳ даст кашанд ва ҳаёти худро тағйир диҳанд. Дигар на ба нишондодҳои дину давлат ва анъанаҳо, балки ба манфиатҳои шахсии худ такя кунанд.

Умуман, дар «назарияи гузариши дуюми демографӣ» паҳншавии модарии танҳо ду хел шарҳ дода мешавад. Аз як тараф, дар байни занони дорои сатҳи пасти таҳсилот ва табақаи поёнӣ шумораи модарони танҳое зиёд мешаванд, ки бармаҳал ақди никоҳ баста, зуд ҷудо мешаванд. Аз тарафи дигар, афзудани шумораи модарони танҳо натиҷаи мустақилияти иқтисодии занон ва баробарҳуқуқии зану мард мебошад[50].

Ба андешаи ҷомеашиноси рус А. Михеева омили дигаре, ки ба модарии танҳо оварда мерасонад, назари ғайрианъанавӣ нисбати оила мебошад. Ӯ чунин ҳолатҳои ҳаётиро ҳамчун сабабҳои афзудани зуҳуроти модарии танҳо мешуморад:

- таваллуди берун аз никоҳи зан, ки ҳомиладории ӯ барои мард ногаҳонӣ ва нигаронкунанда аст;
- таваллуди огоҳонаи бе ақди никоҳи зан, ки худаш фарзандор шудан мехоҳад;
- вайроншавии оила ҳангоми ҳомиладории зан[51].

Муҳаққиқи рус Нафикова Г. сарчашмаҳои пайдоиши оилаҳои нопурраро ба сарчашмаҳои анъанавӣ (вафоти яке аз волидайн, ҷудошавии ҳамсарон ва бе никоҳ таваллуд шудани кӯдакон) ва ғайрианъанавӣ (фарзандхонӣ) ҷудо намудааст. Ба андешаи ӯ осеби истеҳсолӣ, ҷангҳо, истеъмоли моводи мухаддир боиси марги яке аз

[50]Чурилова, Е.В. Основные подходы к изучению факторов формирования и распространия семей с одним родителей / Е.В. Чурилова // Журнал социологии и социальной антропологии. – 2014. – XVII. - № 4. – С. 158.
[51]Ниг.: Михеева, А.Р. Человек в сфере частной жизни: векторы трансформации семейных отношений / А.Р. Михеева. – Новосибирск: ИЭОПП СО РАН, 2012. – 156 с.

волидайн мегардад. Баъдан, баланд гардидани худшиносии модарон, машғулияти берун аз оилаи занон ва аз ҷиҳати иқтисодӣ мустақил гаштани занон, надоштани манзили зист боиси ҷудошавии ҳамсарони ҷавон гаштааст. Муҳақиқ қайд менамояд, ки вайрон шудани таносуби шумораи байни занону мардон, тағйир ёфтани фазои психологии ҷомеа ва эътирофу дастгирӣ ёфтани модарони танҳо аз ҷониби давлат боиси пайдоиши оилаҳои нопураа мегардад[52].

Таҳлилҳои болои нишон медиҳад, ки як сабаби асосии пайдоиш ва паҳншавии модарӣ дар оилаҳои нопурра ҷудошавии ҳамсарон мебошад. Вайроншавии оилаҳои ҷавон пас аз муддати кӯтоҳи оиладорӣ дар шароити имрӯза масъалаи нигаронкунандаи ҷомеаи Тоҷикистон гардидааст.

Таҳлил нишон медиҳад, ки тули солҳои охир теъдоди ҷудошавии оилаҳо рӯ ба афзоиш дошт. Мувофиқи ахбороти Агентии оморӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи никоҳҳои бақайдгирифташуда дар соли 2017 нисбати соли 2016 ба 8,5% зиёд шуда, 78,6 ҳазор ҷуфтро ташкил дод. Дар баробари ин, дар соли 2017 шумораи талоқҳо нисбати соли 2016 то 13,5% зиёд шуда, 10 ҳазору 52 талоқро ташкил дод. Афзудани миқдори талоқҳо дар ҳамаи минтақаҳои Тоҷикистон мушоҳида мешавад. Масалан, шумораи талоқҳо дар ВМКБ 46%, вилояти Суғд 10,5%, дар вилояти Хатлон – 8,4%, дар НТМ –15,7% ва дар шаҳри Душанбе – 22,2% афзудааст (нигаред ба расми 1)[53].

**Расми 1.**

**Динамикаи талоқҳои бақайдгирифташуда дар давоми солҳои 2010-2017**

[52] Ниг.: Нафикова, Г.З. Институализация неполной семьи в трансформирующемся обществе: дисс. … канд. социол. наук: 22.00.04 / Нафикова, Гульнара Зайнулловна. – Уфа, 2005. – 151 с.

[53] В Таджикистане увеличилось количество браков [электронный ресурс]. URL: http: //tajikistantimes.com/news_rus/v-tadzhikistane-uvelichilos-kolichestvo-brakov (дата обращения 16.02.2018).




Бо ташаббуси мутахассисони Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати дарку таҳлили масъалаи ҷудошавии ҳамсарони ҷавон таҳқиқоти сотсиологӣ гузаронида шудааст. Барои гузаронидани таҳқиқот 4 минтақаи таҳқиқотӣ: ш. Душанбе, ш. Кӯлоб, н. Файзобод ва н. Рӯдакӣ интихоб гардида, дар рафти таҳқиқот тахминан дар байни 1227 нафар ҷавонони синни 18-35 - солаи шаҳру деҳоти номбаршуда пурсиши сотсиологӣ гузаронида шудааст[54].

Таҳлили натиҷаҳои назарсанҷӣ нишон медиҳанд, ки мусоҳибон ба сабабҳои якдигарнофаҳмӣ (21,8%), дахолати хушдоман ба зиндагии ҳамсарон (8,3%), хиёнати яке ё ҳарду аз ҳамсарон (8,3%), беҳурматии байниякдигарӣ ва нисбати аъзоёни дигари хонавода (8,0%), низоъҳои оилавӣ (5,2%), набудани меҳру муҳаббати байниякдигарӣ (5,2%), дахолати волидайни зан (4,0%), зани дуюм гирифтани мард (3,4%), бадмастии шавҳар (3,4%), бефарзандӣ (3,4%), бекории шавҳар (3,1%), мушкилии иқтисодӣ (3,1%), зулми шавҳар ва хонаводаи ӯ (2,2%), дахолати хешовандон (1,8%), бадрашкӣ (1,8%), ва дигар ҳолатҳо оилаи худро вайрон кардаанд. Чи хеле, ки аз расми 2 бармеояд, сабабҳои

[54]Омӯзиши масъалаи ҷудошавӣ (вайроншавӣ) - и оилаҳои ҷавон ва роҳҳои пешгирии он дар Тоҷикистон (Ҳисоботи таҳлилӣ оид ба натиҷаҳои тадқиқоти сотсиологӣ) / Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018. – 64 с.

асосии азҳампошии оилаҳо, пеш аз ҳама, нафаҳмидани якдигар, дахолати хушдоман, хиёнат ва беҳурматии байниякдигарӣ будааст *(нигаред ба расми 2)*.

**Расми 2.**

**Бо кадом сабабҳо Шумо аз ҳамсаратон ҷудо шудед?** *(n=1227)*




Дар шароити имрӯза оила ботадриҷ зери таъсири раванди ҷаҳонишавӣ ва ташаккули технологияи коммуникатсионӣ оила устувории қаблии хешро аз даст медиҳад. Мардон кӯшиш доранд, ки мисли асрҳои қаблӣ занонро зери нуфузи хеш нигоҳ доранд. Занон бошанд мисли пештара итоаткору вобаст будан намехоҳанд. Тадриҷан сатҳи шуурнокӣ ва касбияти бонувон боло рафта, онҳо аз ҳуқуқҳои шахсӣ ва оилавии худ васеъ истифода мекунанд. Бо ин сабаб, нофаҳмиҳою низоъҳои оилавӣ барои нуфуз ва мустақилият, бархурди хислат ва афкор дар байни зану шавҳарҳо меафзояд. Ин аст, ки шумораи

оилаҳое, ки дар мудати кутоҳ аз оиладорӣ ҷудо мешаванд, дар байни оилаҳои ҷавон зиёд мушоҳида мешаванд.

Таъсири волидайн ва хешовандон ба ҳаёти оилавии ҳамсарони ҷавон ҳоло ҳам зиёд ба мушоҳида мерасад. Мувофиқи таҳлили натиҷаҳои тадқиқоти мазкур 33,3% мусоҳибон бар ин ақидаанд, ки волидайн ва хешовандон ба ҳаёти оилавии ҳамсарони ҷавон таъсири калон мерасонанд *(нигаред ба расми 3)*. Мувофиқи таҳлили маводҳои ВАО шумораи бонувоне, ки ба мақомотҳои гуногуни масъул оид ба бадмуомилагиву хушунати равонии хушдоманҳояшон шикоят кардаанд, афзудааст. Мувофиқи афкори хушдоманҳо келинҳо бояд онҳоро эҳтиром карда, фармонбардорашон бошанд. Дар ин асос волидайн ва хешовандони шавҳар ба ҳаёти келин дахолат карда, сабабгори рӯҳафтодагии наварусон ва оқибат хонавайронии фарзандон мегарданд.

**Расми 3.**

**То кадом дараҷа волидайн ва хешу табори наздик ба ҳаёти оилавии Шумо таъсир мерасонанд?** *(n=977, %)*




Мушкилоти дигари оилаҳо низоъ мебошад. Моҷароҳои оилавӣ дар ҳар як оила, новобаста аз вазъи иқтисодӣ ва мақоми иҷтимоӣ, сар мезананд. Ҳарчанд низоъ ва нофаҳмиҳо як зуҳуроти таркибии оилаҳо мебошад, аммо тезутунд ва сифати доимӣ гирифтани онҳо, аз зери назорат баромадани низоъ ва маданияти пасти созишкории тарафҳо ба

ҳолати рухӣ, саломатии ҷисмонии ҳамсарон ва устувории оила хатар эҷод менамоянд. Дар умум, агар низоъҳои оилавӣ мунтазам ба вуқуъ пайваста, дурудароз давом намоянд, ба ҷудошавии ҳамсарон оварда мерасонад. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки 19,7% ҳамсарони ҷавон дар як ҳафта 1 маротиба, 21,3% - дар як ҳафта 2-3 маротиба, 7,0% - 3-4 маротиба, 2,8% - 5-6 маротиба ва 10,5% - қариб ҳар рӯз бо сабабҳои гуногун бо ҳам ҷанҷол доранд *(нигаред ба расми 4)*.

**Расми 4.**

**Дар як ҳафта чанд маротиба бо ҳамсаратон ҷанҷол мекунед? (n=433, %)**




Ташкили оилаи солим, бахусус дар кишвари мо на танҳо ба ташаккули маърифати ҳуқуқӣ, инчунин ба баланд будани сатҳи фарҳанги динии оиладорон ниёз дорад. Мувофиқи маълумоти САҲШ (ЗАГС) мардоне ҳастанд, ки барои шаҳрвандии Россияро ба даст овардан, ба таври расмӣ аз занонашон ҷудо шуда, дар Россия бо ягон зан ақди никоҳи расмӣ мебанданд. Аммо ин мардон дар Тоҷикистон бо занҳои худ бо никоҳи динӣ зиндагӣ мекунанд. Ин як роҳи зуд соҳиби шаҳрванди Россия шудан мебошад. Аммо ба ақидаи мутахассисон дар ин ҳолат низ занони муҳоҷирон аз ҳуқуқҳои оилавии худ маҳрум шуда,

зарар мебинанд, зеро баъзе аз мардон соҳиби шаҳрвандии Россия шуда, оилаи дар Тоҷикистон будаи худро фаромуш мекунанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳад, ки як сабаби пошхурии оилаҳои ҷавон ва зиёдшавии шумораи занони танҳо бисёрникоҳии мардон мебошад, ки ин амал аз паст будани маърифати ҳуқуқӣ ва нокифоягии маърифати исломии шаҳрвандон ба вуқӯъ мепайвандад. Азбаски қонунгузории Тоҷикистон якканикоҳиро эътироф менамояд, ҳамсари дуюму сеюм шудани занону духтарон онҳоро аз қисми зиёди ҳуқуқҳои оилавии худ маҳрум мегарданд. Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 170, ки дузанагӣ ва серзанагӣ номгузорӣ шудааст, омадааст: «Дузанагӣ ё серзанагӣ, яъне бо ду ё якчанд зан зиндагонӣ кардан бо пешбари хоҷагии умумӣ, бо ҷарима ба андозаи аз як ҳазор то ду ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё ба корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то 2 сол ё бо маҳдуд кардани озодӣ ба муҳлати то 5 сол ҷазо дода мешавад»[55].

Дар Тоҷикистон омори расмии бисёрникоҳӣ вуҷуд надорад, зеро қонунгузорӣ бисерникоҳиро манъ мекунад, аммо дар ҳақиқат ҳодисаи бисёрзанӣ дар амал, махсусан, дар шаҳрҳо[56] зиёд мушоҳида мешавад. Махсусан, мардоне, ки имконияти хуби иқтисодӣ доранд, дар шаҳрҳо хонаи истиқоматӣ харида ва ё ба иҷора гирифта, бо зани дуюми худ бо никоҳи динӣ зиндагӣ мекунад. Аксарияти онҳое, ки ба сифати зани дуюм розӣ мешаванд, дар никоҳи аввал ноком гардидаанд ва ё духтарони синну соли калон ҳастанд. Баъзе аз модарони танҳое, ки аз шавҳарашон ҷудо шудаанд ва фарзандони ноболиғ доранд, яке аз роҳҳои ҳалли мушкилоти таъминоти фарзандон ва пешбурди зиндагии худро дар зани дуюм (ё сеюму чорум) шудан мебинанд. Дар мавриди пайдо шудани

[55] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998, № 574 [манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj/content (санаи истифодабарӣ: 23.12.2021).
[56] Фасхутдинов, Г. Многоженство в Таджикистане становится нормой [электронный ресурс]. URL: https: //i№smi.ru/amp/middle_asia/20110309/167196666.html (дата обращения: 17.11.2019).

мушкилӣ дар ҳаёти мард аксар вақт аз яке аз никоҳҳои худ даст мекашад ва дар натиҷа боз модари эҳтиёҷманди танҳо бо фарзандони ноболиғ пайдо мегардад.

Аз таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда маълум мегардад, ки мусоҳибон сабаби асосии ба сифати зани дуюм ё сеюм розӣ шудани занонро дар нокомиҳои никоҳӣ аввал (26,3%) мебинанд. Бештари заноне, ки аз шавҳари худ ҷудо мешаванд, фарзадони хурдсол доранд ва барои ятим ба воя нарасонидани кӯдакони хурдсолашон (19,7%), раҳоӣ аз сарбории вазнини таъминоти иқтисодии фарзандон (10,5%) ва соҳиби сарпаноҳ шудан (10,4%) зани дуюм ё сеюм мешаванд. Аммо, ин падидаи иҷтимоӣ ба меҳру муҳаббат ҳам алоқамандӣ дорад. Масалан, мувофиқи андешаи 16,1% мусоҳибон занон дар асоси меҳру муҳаббат ба мардони оиладор хонадор мешаванд. Сабаби дигари зани дуюм ё сеюм шудани аксарияти духтарон калонсол шудан ва раҳоӣ аз танҳоӣ мебошад (10,6%), зеро дар афкори тоҷикон то ҳол духтароне, ки дер оиладор мешаванд, ҳамчун «пирдухтар» шинохта мешаванд *(нигаред ба расми 5)*.

**Расми 5.**

**Бо кадом сабабҳо занону духтарон ба сифати зани дуюм ё сеюм будан розӣ мешаванд?**

*(n=1227)*



Пеш аз ҳама оқибатҳои ҷудошавии оилаҳоро таҳлил намудан зарур аст. Дар ин ҷода ду нуқтаи назар вуҷуд дорад. Аз як тараф, агар муносибати хуш набошаду имкони ҳамзистӣ аз байн равад, дар ин маврид талоқ метавонад василаи ягонаи ҳалли мушкилот гардад. Қобили қайд аст, ки кӯдакон, дар муқоиса бо оилаи низоӣ, дар оилаи ҷудошуда худро беҳтару хубтар ҳис мекунанд. Аз ин хотир, дар чунин ҳолат ҷудошавиро метавон роҳи муфиди баромадан аз мушкилоти оилавӣ номид. Аз тарафи дигар, талоқ ба оила ва ҷомеа зарари калон мерасонад. Зарари рӯҳию равоние, ки баъд аз ҷудошавии оила аъзоёни он аз сар мегузаронанд, баробари аз даст додани шахси наздик аст. Шахсони ҷудошуда худро ҳамчун одамони нодаркор ҳис мекунанд. Аз ҷудошавии оилаҳо кӯдакон ҳам беосеб намемонанд. Вазъи моддии кӯдакон мушкил мешавад, чунки дар баъзе мавридҳо падар бо онҳо робитаро канда, кӯдакон дар нигоҳубини модар мемонанд. Бо маблағи ночизи алимент кӯдаконро нигоҳубин кардан ғайриимкон аст. Афзоиши теъдоди азҳампошии оилаҳо боиси аз таълиму тарбия дур мондани кӯдакон ва зиёд шудани ҷинояткорӣ миёни ноболиғон мегардад.

Илова ба ин шиддати психологие, ки зан пас аз талоқ дучор мегардад, вазъияти бе ин ҳам бади оиларо боз ҳам вазнинтар мегардонад. Аввалан, ин дар кӯдакон баъд аз ҷудо шудани волидайн пайдо шудани ҳисси озурдагӣ, рӯҳафтодагӣ ва камарзишии худ мебошад. Баъзан кӯдакон худро сабабгори асосии вайроншавии оилаашон медонанд. Дар мавридҳои дигар зан хашми худро барои вайрон шудани оила ба фарзандон равона мекунад. Аксарияти занони Ғарб аз оилаи мустаҳкам дида, пешрафти бомуваффақият дар касбу корро орзӯ мекунанд. Баъзе аз занон чунон саргарми пешрафти кории худ ҳастанд, ки барои ҷустуҷӯйи шавҳари оянда ва ӯҳдадориҳои оилавӣ вақт намеёбанд, барои хоҷагии хонагӣ ва тарбияи фарзанд вақти худро сарф кардан намехоҳанд.

Дар натиҷаи фурӯпошии оилаҳо, пеш аз ҳама, кӯдакон зарбаи сахти равонӣ дида, дар муҳити нопурраи оилавӣ мемонанд, ки чунин муҳит хоҳу нохоҳ таъсири манфии худро ба онҳо мерасонад. Сарсонии занон ва бе ҷойи зисту воситаҳо барои рӯзгузаронӣ мондани онҳо тарафи дигари масъала аст, ки боиси даст ба дигар ҳолатҳои номатлуб задани онҳо мегарданд.

Дар оилаҳои нопурра масъалаи ятимии кӯдакон пайдо мешавад. Ятиму бепарастор мондани фарзандон масъалаи ҳалталаби ҷомеа аст ва комилан бартараф намудани он то ҳол ба ягон ҷомеа дастрас нашудааст. Солҳои охир ҷудошавии оилаҳои ҷавон, ки соҳиби як ё якчанд фарзанд ҳастанд, зиёд шудааст. Маълум аст, ки ятим мондани шахс худ ин мушкилии иҷтимоӣ аст. Ятимон ҳамчун гурӯҳи осебпазир ва ниёзманди ҷомеа ба мушкилоти зиёде гирифтор мегарданд. Аз байн рафтани оила ҳамчун агентии аввалияи иҷтимоишавӣ барои кӯдак сабаби хароб гардидани вазъи руҳ**ӣ** ва мушкилоти иҷтимоӣ мешавад.

Имрӯз кӯдакони ятиму бепарастор аз ҳарвақта зиёдтар ба ҳифзу дастгирии иҷтимоӣ ниёз доранд, зеро дар шароити иқтисоди бозаргонӣ, паҳн шудани рафтори прагматикии шаҳрвандон, таъсири равандҳои глобализатсионӣ кӯмаки ихтиёрии шаҳрвандон ба ятимону барҷомондагон камтар мешавад, яъне таъсири урфу одатҳои гузашта камтар гашта, одамон бештар ба меъёрҳои иҷтимоӣ – ҳуқуқии муосир такя мекунанд.

Агар ятим аз муҳити хонаводагӣ фориғ зиндагӣ намояд, пеш аз ҳама масъалаи беназоратӣ ва дур мондани ӯ аз тарбияи мӯътадил пеш меояд. Аз сабаби беназоратӣ дар вуҷуди кӯдак хислатҳои зиддииҷтимоӣ ва аз меъёрҳои мақбули ҷомеа берун ташаккул меёбад (масалан, оворагардӣ, дуздӣ, фоҳишагии кӯдакона ва ғ.). Кӯдакони ятиме, ки дар парастории давлат нестанд, ба кирдорҳои номақбул даст мезананд (майзадагӣ, нашъамандӣ, токсикомания, алоқаҳои барвақтии ҷинсӣ ва амсоли инҳо). Бо сабаби надоштани шароити зарурии моддию иқтисодӣ онҳо бо

талбандагӣ, дуздӣ ва дигар намудҳои ҷинояткорӣ даст мезананд ва дар баробари ин қурбони фаъолияти ҷиноятӣ мегарданд (кор дар кӯча ва ё дар ҷойҳои шароиташон вазнин ва зараровар, фоҳишагӣ, тиҷорати порнографӣ, тиҷорати маҳсулоти тамокую машрубот ва ғайраҳо), ки ин ҳама барои саломатӣ, ҳолати равонӣ ва иҷтимоии кӯдакон оқибатҳои ногувор доранд.

Дар оилаҳои ятимдошта муносибати бераҳмона ва зӯроварӣ нисбати кӯдаконро низ мушоҳида кардан мумкин аст. Муносибати бераҳмонаи калонсолон нисбати кӯдакони ятим хеле зиёд аст, аммо бо сабабҳои маълум аксар вақт пинҳон мемонанд. Дар баъзе оилаҳо зулм нисбат ба кӯдакони ятим ва ба корҳои вазнин сафарбар намудани онҳо ба як одати муқаррарӣ табдил ёфтааст. Ҳатто муносибати бераҳмонаро нисбат ба кӯдакони ятим дар боғчаи бачагон, мактаб, кӯча ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Махсусан, баъзе модарандарон ва ё падарандарон нисбат ба фарзандони угаии хеш муносибати бераҳмона карда, кӯдаконро дар руҳияи тарсу ноумедӣ нигоҳ медоранд, ки ба ягон чаҳорчӯбаи динию ахлоқӣ ва маданӣ рост намеояд.

Муносибати нодурусти атрофиён бо ятимон ба ҷаҳонбинӣ, рафтор ва характери онҳо таъсири манфӣ мерасонад. Дар ҳолати нодуруст корбаст намудани иҷтимоишавии ятимон боиси пайдоиши каҷрафториҳои иҷтимоӣ: бадахлоқӣ, оворагардӣ, нашъамандӣ, дуздӣ, ғоратгарӣ, майхорагӣ ва дигар рафторҳои фардӣ ва гурӯҳӣ (ҷиноятҳои муташаккилона) мегардад.

Ятимоне ҳастанд, ки дар баробари пайдо намудани сифатҳои нодурусти иҷтимоӣ, инчунин саломатии хуб надоранд. Дар оилае, ки онҳоро саробонӣ мекунанд ба саломатии ӯ то агар аз ҳад бад нашавад диққат намедиҳанд. Аксарияти онҳо пас аз хатми мактаби миёна ба корҳои вазнини хастакунанда машғул шуда, дар мактабҳои миёнаи махсуси касбӣ ва олӣ таҳсили худро идома намедиҳанд, касбу пешае надоранд, зеро пуштибони қавие надоранд, ки онҳоро дастгирӣ ва

роҳнамоӣ кунанд. Талаботҳои моддӣ ва маънавии онҳо на ҳама вақт ба дараҷаи зарурӣ қонеъ мегарданд.

Таҳқиқоти гузаронидашуда низ гуфтаҳои болоро тасдиқ менамояд. Аз таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур бармеояд, ки вайроншавии оилаҳо боиси бад шудани ҳолати иқтисодии ҳамсарони ҷудошуда, махсусан занон ва фарзандони онҳо (25,0%), бе таълиму тарбия мондани фарзандони ятим (21,2%), ба намудҳои гуногуни каҷрафторӣ даст задани фарзандони ҳамсарони ҷудошуда (18,5%), бад шудани ҳолати равонии ҳамсарони ҷудошуда, махсусан занон ва фарзандони онҳо (17,5%), ба каҷрафтории ҳамсарони ҷудошуда (16,5%) мегарданд. Аз шумораи умумии мусоҳибон 1,4% ба ҷавоб додан ба ин савол мушкилӣ кашидаанд *(нигаред ба расми 6)*.

**Расми 6.**

**Вайроншавии оилаҳо чи гуна оқибатҳоро ба вуҷуд оварда метавонад?** *(n=1227)*




Аксарияти мусоҳибон аз ҷудо шудан бо ҳамсари худ пушаймонанд. Ба ақидаи онҳо агар имконияти баргардонидани вақт мебуд, барои ҷудо нашудан аз ҳамсарашон чораҷӯйӣ мекарданд (26,2%), рафторашонро иваз мекардаанд (13,8%), сабру гузашт мекардаанд (10,7%), ҳамсарашонро аз роҳи бад мегардонданд (6,2%) ва ғайраҳо. Баъзе

мусоҳибон бар ин ақидаанд, ки фикрашонро дар ин ҳолат низ дигар намекардаанд, зеро дигар бо ҳамсарашон зиндагӣ кардан намехостаанд (16,9%), безуриёт (бенасл) будаанд (6,2%). Аз ин ҷо хулоса мебарояд, ки аксарияти ҳамсарон аз вайрон намудани оилаҳои худ сахт пушаймонанд.

Дар бештари ҳолатҳо муносибати ҳамсарон пас аз ҷудошавӣ канда мешавад. Таҳқиқот ошкор сохт, ки 46,6% ҳамсарон пас аз ҷудошавӣ ягон муносибат надоштаанд, ҳатто 23,5% мусоҳибон бо ҳамсарони собиқашон муносибати бад дошта, 29,9% дигар муносибаташонро хуб нигоҳ дошта тавонистаанд *(нигаред ба расми 7)*.

**Расми 7.**

**Айни замон муносибати Шумо бо ҳамсари собиқатон чӣ гуна аст?** *(n=281, %)*




Аксарияти мусоҳибон (72,6%) қайд намуданд, ки баъди ҷудошавӣ ба ҳаёти минбаъдаи ҳамсарашон бетафовутанд, аммо 27,4% дигар то ҳол ба тақдири минбаъда ҳамсари худ таваҷҷуҳ доранд ва 37,6%-и онҳо пайваста дар ин бора фикр мекунанд. Ҳамзамон 47,9% мусоҳибони аз оилаашон ҷудошуда, пас аз ҷудошавӣ дигар бо хешовандони наздики шавҳар/завҷа ягон муносибат надоштаанд, 24,2% мусоҳибон муносибати бад доштаанд ва 27,9% тавонистаанд муносибаташонро хуб нигоҳ доранд.

Чи тавре, ки қаблан қайд гардид, ҳаёти фарзандон пас аз ҷудо шудани ҳамсарон тағйир меёбад, ки ин зарбаи сахт ба рушду камолоти занону фарзандони ятиммонда мебошад. Мувофиқи нишондодҳои таҳқиқоти гузаронидашуда пас аз вайрон шудани оила 30,0% фарзандони ятиммондаи мусоҳибон падар/модари худро ёд мекунанд, 14,1% аз ҷониби атрофиён азияти ҷисмонӣ мебинанд, 9,3% кӯдакони онҳо дамдузду одамгурез ва ё каҷрафтор мешаванд (11,7%) ва ё сатҳи саводашон коста мегардад (8,8%). Танҳо ҳаёти фарзандони 13,8% мусоҳибони аз ҳамсарашон ҷудошуда бетағйир боқӣ мемонад *(нигаред ба расми 8)*.

**Расми 8.**

**Ҳаёти фарзандони Шумо баъди вайроншавии оилаатон чӣ гуна тағйир ёфт? (n=296, %)**




Пас аз вайроншавии оила аксарияти занон бо фарзандони худ хонаводаи шавҳарро тарк карда (54,2%), ба хонаи падару модари худ бармегарданд. Аз сабаби надонистани ҳуқуқҳои оилавии худ, ҳарчанд фарзанди зиёд дошта бошанд ҳам, аз шавҳар таъмини манзилро талаб карда наметавонанд. Мувофиқи Кодекси манзил ва Кодекси оилаи Тоҷикистон зан баъди талоқ дар ҳолати аз ҳамсараш фарзанд доштан ҳуқуқ дорад дар хонае, ки арус омада буд, зиндагӣ кунад. Аммо мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки мувофиқи анъанаҳои миллӣ зану

шавҳари ҷудошуда дар як хона зиндагӣ карда наметавонанд ва мавриди зӯроварии собиқ шавҳар ё дигар аъзоёни оила қарор мегиранд.

Ҳолатҳое ҷой дорад, ки зан ҳамроҳ бо фарзандон пас аз пошхурии оила ба хонаи падару модари худ баргашта, мавриди азияти падару модар, бародару хохар ва келинҳои хона қарор мегиранд (18,0%). Аммо мувофиқи ақидаи 34,5% мусоҳибон дар ин ҳолат муносибати падару модар, бародару хохар ва келинҳои хона нисбати зани бевамонда ва фарзандони ӯ хело хуб ва ё муътадил (27,2%) мемонад, 20,4% номбаршудаҳо ба онҳо кордор нестанд. Бо вуҷуди нишондодҳои болоӣ азияти равонӣ ва ҷисмонии занони бевамонда ва фарзандони онҳо ҷой дорад. Пас аз ҷудо шудан аз шавҳар баъзе аз модарони танҳо, ки бисёр ҷавонанд, барои таъминоти худ ва фарзандон чӣ кор карданашонро надониста, даст ба каҷрафторӣ ва ё худкушӣ мезананд. Чанд ҳодисаи охири худкушии занон нишон доданд, ки онҳо ҳатто бо кӯдакони хурдсоли худ қасди худкушӣ мекунанд.

Қисми зиёди мусоҳибони аз ҳамсарашон ҷудо шуда (67,7%) ҳамеша кӯшиши аз нав барпо намудани оилаи солимро доранд. Ҳамсароне, ки дигар оиладор шудан намехоҳанд (26,4%), ин рафторащонро бо он шарҳ доданд, ки ҳамсари пешинаашонро дӯст медоранд (22,8%), фарзандонашонро нигоҳубин доранд (21,1%), ба мардҳо дигар бовар надоранд (19,3%), метарсанд, зеро аз оилаи аввалшон хело азият кашидаанд (8,8%), аз занҳо/мардҳо дилашон мондааст (3,5%). Аз ин шумора 24,6%-и мусоҳибон дигар умуман оиладор шуданро рад мекунанд. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки аз чор як ҳиссаи мусоҳибони оилаашон пошхурда ба ҳамсари собиқашон будан мехоҳанд.

Аксарияти мусоҳибони аз ҳамсари худ ҷудошудае, ки дар таҳқиқот иштирок доштанд ( 70,7% ) соҳиби фарзанд будаанд. Аз шумораи умумии фарзандоштаҳо 34,4% – соҳиби 1 фарзанд, 40,0% – соҳиби 2 фарзанд, 12,2% – соҳиби 3 фарзанд, 6,7% – соҳиби 4 фарзанд, 3,9% –

соҳиби 5 фарзанд, 2,8% – соҳиби 6 фарзанд ва 29,3% дигар ягон фарзанд надоштанд *(нигаред ба расми 9)*.

**Расми 9.**

**То ҷудошавӣ Шумо фарзанд доштед?** *(n=263, %)*




Таҳқиқот нишон медиҳад, ки чун анъана фарзандон пас аз ҷудошавии ҳамсарон бо зан-модар мемонанд (64,5%), ки ин вазъияти онҳоро боз ҳам мушкилтар мегардонад *(нигаред ба расми 10)*.

**Расми 10.**

**Пас аз ҷудошавӣ фарзандон бо кӣ монданд?** *(n=203, %)*




Занони оилаашон вайроншуда на ҳама вақт аз тарафи шавҳаронашон ба манзили зист таъмин мегарданд. Махсусан, занони бефарзанд дар аксарияти маврид бе манзил мемонанд ва барои манзил ба шавҳаронашон даъво карда наметавонанд. Имконияти ба манзили зист таъмин шудани занони серфарзанд пас аз вайроншавии оила бештар аст. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки 40,2% мусоҳибон баъди ҷудошавӣ ба манзили зист таъмин шудаанд, аммо 59,8% онҳо бехона мондаанд ва ҳатто 32,8% ин гуна занҳо аз тарафи шавҳаронашон барои нигоҳубини фарзанд алимент ва дигар кӯмакҳои моддӣ намегиранд, ки ин хело нигаронкунанда аст.

Раванди муҳоҷират низ таъсири худро ба пойдории оила расонидааст. Пайдошавии талоқҳои телефонӣ, солҳои дароз бе дастгирии молиявӣ гузоштани оилаҳои худ аз ҷониби мардон ва саркашӣ аз пардохти алимент баъди бекор кардани ақди никоҳ мушкилиҳое мебошанд, ки солҳои охир зиёд ба чашм мерасанд. Тибқи пурсиши сотсиологӣ ба савол дар хусуси оне, ки баъд аз ҷудошавӣ то чӣ андоза модар ё падар аз ҳоли фарзандонашон хабар мегиранд, 17,7% ҷавоб

доданд, ки зуд-зуд, 8% аҳёнан ва 40,3% ҷавоб доданд, ки ҳаргиз хабар намегиранд. Ин бори дигар аз он дарак медиҳад, ки бо вайроншавии оилаҳо мардоне, ки аз фарзанд ҷудо зиндагӣ мекунанд, масъулияти падару модариро аз худ дур карда, аз вазъи иқтисодии кӯдакон низ бохабар намешаванд. Аз ин рӯ, ба ақидаи мо, дарёфти василаҳои ҳуқуқии ҳалли масъалаи мазкур зарур аст, ки тавассути он масъулияти падар ё модаре, ки таъминоти молиявии фарзанд ба дӯши ӯст, пурзӯр карда шавад.

Хулоса, вайроншавии оилаҳо, махсусан, ҷудошавии оилаҳои ҷавон, рӯ ба афзоиш дошта, ба як мушкилии ҷиддии ҷомеа мубаддал шудааст. Вайроншавии оилаҳо ба бад шудани ҳолати иқтисодии ҳамсарони ҷудошуда (махсусан занон ва фарзандони онҳо), аз таълиму тарбия дур мондани фарзандони ятим, ба намудҳои гуногуни каҷрафторӣ даст задани ҳамсар ва фарзандон, бад шудани ҳолати равонии ҳамсарон (махсусан занон ва фарзандони онҳо) оварда мерсонад. Дар бештари ҳолатҳо муносибати ҳамсарон пас аз ҷудошавӣ канда мешавад. Онҳо бо якдигар ва хешовандони ҳамсарони худ робитаро қатъ мекунанд, ҳатто муносибатҳои як қисмати онҳо бад мегардад. Қисми зиёди онҳо баъди ҷудошавӣ ба ҳаёти минбаъдаи ҳамсарашон бетафовут мешаванд. Баъзе аз мардон пас аз ҷудо шуданашон дигар аз аҳволи фарзандони ятиммондаи худ хабардор намешаванд ва ҳатто онҳоро фаромӯш мекунад. Ҳаёти фарзандон пас аз ҷудо шудани ҳамсарон тағйир меёбад, ки ин зарбаи сахт ба рушди минбаъдаи занон ва фарзандони ятиммонда мебошад. Пас аз вайрон шудани оила фарзандони ятиммонда аз ҷониби атрофиён азияти ҷисмонӣ мебинанд, дамдузду одамгурез мешаванд ва ё ба дигар каҷрафторӣ даст мезананд ва сатҳи саводашон коста мегардад. Пас аз вайроншавии оила аксарияти занон бо фарзандони худ хонаводаи шавҳарро тарк карда, ба хонаи падару модари худ бармегарданд. Аз сабаби надонистани ҳуқуқҳои оилавӣ аз шавҳар таъмини манзилу алиментро талаб карда наметавонанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи баланд бардоштани нақши оила дар ҷомеа, масъулияти ин ниҳод дар тарбияи фарзанд ва тақвияти муносибатҳои созанда диққати ҷиддӣ медиҳад. Ин аст, ки солҳои охир заминаҳои қонунгузории оилавӣ низ такмил ёфта истодаанд. Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба боло бурдани синну соли никоҳ аз 17 ба 18 – солагӣ, ба тасвиб расидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо» баробари дигар ҷанбаҳо баҳри баланд бардоштани сатҳи иҷтимоии оилаҳо низ аҳамияти муҳим доранд. Қабули қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» ва Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила барои солҳои 2014 - 2023 низ тасдиқи гуфтаҳои боло мебошанд. Таҳлили вазъи рушди иқтисодию иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва маънавии кишвар дар шароити ҷаҳонишавӣ тақозо менамояд, ки диққати асосӣ, пеш аз ҳама, бояд ба тарбияи насли наврас дар рӯҳияи худшиносию худогоҳӣ, ифтихори миллию ватандорӣ, пос доштани арзишҳои миллӣ, ҳимоя аз ягонагии марзу буми кишвар дода шавад. Дар ин масир нақши оила бениҳоят калон буда, қодир аст ин бори масъулиятро дар баробари мактаб ба дӯш гирад.

Масъалаи дигар таъмини пойдории оилаҳост. Барои нигаҳдошти оилаҳо аз барҳамхӯрӣ, устуворсозии пояи оилаҳои навбунёд ва омодасозии ҷавонон ба зиндагии мустақилона тадбирҳои зиёде андешида шудааст. Давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири ҳарчи камтар намудани теъдоди барҳамхӯрии оилаҳо тамоми чораҳои заруриро меандешанд. Махсусан, бо ташаббуси Пешвои миллат, Сарвари давлатамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2015 ҳамчун Соли оила эълон шудан, ки аз иқдоми хирадмандона гувоҳӣ медиҳад. Дар ин замина сохторҳо ва масъулони самти кор бо оила

тавассути ташкили мулоқоту вохӯриҳо, иштироки фаъол дар рафти баргузории мизҳои мудаввар ва барномаҳои телевизионӣ ба манфиати кор буданд.

Масъалаи дигаре, ки таваҷҷуҳи заруриро тақозо менамояд, омӯзиши ҳаматарафаи масъала оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба асноди қонунгузории оила мебошад. Зеро раванди болоравии теъдоди вайроншавии оилаҳо ва мушкилиҳое, ки вобаста ба ин ба вуҷуд меоянд, талаб менамоянд, ки баъзе паҳлуҳои асноди қонунгузорӣ таҷдиди назар шаванд. Бахусус, омӯзиши масъалаи муоинаи пешазникоҳии издивоҷкунандагон ва никоҳҳои хешутаборӣ, инчунин ҳатмӣ намудани аҳдномаи никоҳ бисёр зарур мебошад. Яке аз тадбирҳои муфиди давлатамон қабл аз никоҳ ва интихоби ҳамсар аз назорати тиббӣ гузаштани издивоҷкунандагон мебошад, ки тарафҳо солимии худро ташхис намуда, аз саломатии ҳамдигар огоҳ мегарданд. Ин тадбир як омили пешгирии мушикиливу ногувориҳо дар рафти зиндагии якҷоя ва барҳамхурии оила ба ҳисоб меравад.

Дигар тадбири саривақтии мақомотҳои давлатӣ манъи никоҳи миёни хешовандон бо мақсади пешгирии ҳолатҳои ба дунё омадани фарзандони носолим мебошад. Дар аксари ҳолатҳо мардум аз никоҳи хешутаборӣ меҳру оқибати бештар умедвор мешаванд, вале дар натиҷаи ба дунё омадани фарзандони носолим оилаи ҷавон ба мушкилиҳо, руҳафтодагиҳо, дилсардиҳо аз зиндагӣ гирифтор шуда ва ниҳоят моҷароҳои миёни ду хонавода ба миён меоянд. Дар ҳолатҳои дигар зану шавҳари ҷавон ба хотири канда нагардидани риштаи хешутаборӣ бо тақдир «созиш» мекунанд ва дар натиҷаи ин «созиш» пайи ҳам ду-се нафар фарзандони носолими дигар ба дунё меоянд, ки нигоҳубини онҳо ин оилаҳоро ба қашшоқӣ кашида, назди давлат низ ҳалли масъалҳои иҷтимоӣ ва имтиёзҳои фарзандони маъюби онҳоро вогузор мекунад».

Хотирасонмекунем, ки соли 2016 Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба қайди давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» ва

Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ворид гардиданд ва никоҳи хешутаборӣ дар онҳо манъ карда шуд. Барои тарбияи насли солим оилаи солим лозим аст, ки тавассути баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии мардум, интихоби дурусти ҳамсар, боло бурдани фарҳанги оиладорӣ ва амсоли ин муваффақ шудан мумкин аст.

Дар асоси омӯзиши афкори умум ва таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ татбиқ намудани чорабиниҳои зерин барои пешгирӣ ва кам кардани сатҳи ҷудошавии оилаҳои ҷавон пешниҳод карда мешавад:

- тавассути ВАО, сомонаҳои интернетӣ, марказҳои фарҳангӣ, сохторҳои масъули давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҷалби бештари зиёиён, рӯҳониён ва шахсони маъруфи маҳаллаҳо дар байни аҳолӣ зиёд намудани корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба арҷгузорӣ ба арзишҳои миллии оилавӣ, пешгирии оқибатҳои нохуши ҷудошавии ҳамсарон;
- шадидтар кардани шарту шароитҳо ҳангоми ҷудошавии ҳамсарон дар қонунгузорӣ;
- мусоидат намудан барои соҳиби манзили зист гардидани оилаҳои калон ва бевазанҳои фарзанддор;
- ба бозомӯзӣ, касбомӯзӣ ва шуғл фаро гирифтани бевазанҳо;
- бунёди кӯдакистонҳо дар шаҳрҳо ва деҳот барои тарбияи кӯдакон тавассути муррабиҳо бо мақсади ба шуғл пайвастани занҳо;
- беҳтар намудани дастрасии бевазанҳо ба қарзҳои хурди имтиёзнок барои ташкил намудани соҳибкории хурд ва косибию ҳунармандӣ;

Хулоса, ба пайдоиши оилаҳои нопурра дар ҷомеаи муосир, аз ҷумла Тоҷикистон, пеш аз ҳама, ҷудошавии ҳамсарон, таваллуди бе никоҳ, фавти яке аз ҳамсарон, фарзандхонӣ, муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ ва дигар омилҳои объективӣ ва субъективӣ мусоидат менамоянд. Ҳарчанд модарӣ дар оилаи нопурра зуҳуроти ногузири ҷомеаи муосир мебошад, аммо афзудани шумораи он дар ҷомеа боиси пайдоиши як қатор масъалаҳои

иҷтимоие мегардад, ки ба рушди устувори ҷомеа, иҷтимоишавии кӯдакон ва муносибатҳои оилавӣ таъсири ногувор мерасонад.

### 1.3. Модарӣ дар оилаҳои нопурраи муосир

Оила институти иҷтимоиест, ки дар солҳои аввали ҳаёти кӯдак нақши ҳалкунанда мебозад ва минбаъд низ ба рушди ҳамаҷонибаи ӯ мусоидат мекунад. Маҳз ин гурӯҳи аввалиндараҷа иҷтимоишавии ибтидоии кӯдакро ба амал мебарорад, дар ӯ боварӣ ба худ ва атрофиёнро ташаккул медиҳад. Тавассути оила арзишҳои умумиинсонӣ ҳифз мешаванд ва аз насл ба насли дигар мегузаранд. Дар оила муҳити иҷтимоии майли кӯдак ба намудҳои гуногуни фаъолияти ҷамъиятӣ ташкил карда мешавад ва муҳити тарбиявию таълимии бетанаффус ба вуҷуд меояд. Таълим ва тарбияи насли наврасро танҳо дар робитаи зич бо оила ба роҳ мондан мумкин аст. Ташаккули қобилияти ҷисмонӣ ва зеҳнии кӯдакон аз оила оғоз мешавад[57].

Аз ҳама муҳимаш, оила ячейкаи аввалини ҷомеа, хишти нахустини бинои ҷомеа ва шакли ибтидоии ҳамзистии гурӯҳии одамон аст, ки такрористеҳсолкунии ҳаётро таъмин менамояд. Психологи тоҷик М. Давлатов дар ин бора чунин навиштааст: «Оила яке аз шаклҳои қадимтарини ҳаёти ҷамъиятии одамон мебошад. Оила рукни ибтидоии ҷамъият буда, моҳиятан коллективи оддитарини одамон, воҳиди ҷамъиятие мебошад, ки ба никоҳ (яъне, заношӯӣ) ва хешии хунӣ (яъне, муносибатҳои байни зану шавҳар, волидайну кӯдакон, бародарону хоҳарон ва ғайра) асос ёфтааст. Пас оила падидаи биологӣ набуда, балки ба категорияи таърихию иҷтимоӣ мансуб аст»[58].

Оила ин ягона гурӯҳест, ки инсон дар он аз лаҳзаи таваллуд то ба охири умр ҳаёт ба сар мебарад. Ҳамаи мушкилоти иҷтимоие, ки имрӯзҳо дар ҷомеа вуҷуд доранд, дар оила таҷассум меёбанд. Аз сабабе, ки тарзи

---

[57]Ахвердова, Е.В. Социокультурное ространство современной семьи: проблемы, пути решения, переспективы развития / Е.В. Ахвердова, В.А. Бурковская. – Елец, 2007. – С. 136.

[58] Давлатов, М. Оила ва рушди шахсияти фарзандон [Матн] /М. Давлатов. – Душанбе: Ирфон, 2014. – С. 123.

ҳаёти оилавӣ ҳамаи гурӯҳҳои аҳолиро фаро мегирад, табиист, ки мушкилоти иҷтимоӣ низ дар оила паҳлӯҳои гуногун доранд. Мушкилот ва талаботҳои зарурии оилаҳо, пеш аз ҳама, аз шакли оила вобастагӣ дорад. Мушкилоти иҷтимоӣ нахуст ба оилаҳои эҳтиёҷманд, махсусан, ба оилаҳои нопурра ва модарони танҳо таъсири манфӣ мерасонанд.

Дар бораи хусусиятҳои оилаҳои нопурра дар ҷомеаи муосир муҳаққиқони рус, мисли А.И. Антонов, Т.А. Гурко, И.С. Кон ва дигарон таҳқиқотҳои илмиро ба анҷом расонидаанд. Оилаи пурра муҳимтарин институти иҷтимоишавӣ ва тарбияи насли наврас мебошад. Мутаассифона, имрӯз аксарияти оилаҳо мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ доранд ва худбаҳодиҳии волидайн дар сатҳи паст қарор дорад ва дар натиҷа кӯдакон дар волидайнашон намунаи тақлид ва шоёни пайравиро намебинанд. Махсусан, «оилаҳои нопурра на ҳама вақт кафолати муваффақияти таълиму тарбияи шоён хизмат менамоянд»[59]. Аммо мо бо боварӣ гуфта наметавонем, ки дар оилаи нопурра ҳатман таълиму тарбияи фарзандон дар сатҳи кофӣ сурат намегирад. Ин пеш аз ҳама ба вазъу шароити оила, муносибатҳои аъзоёни он ва дигар оилҳо вобастагии калон дорад.

Ба андешаи муҳаққиқи рус В. М. Селуйко оилаи нопурра ҳам оилаи накӯаҳвол ва ё номусоид буда метавонад, инчунин ба оилаи гурӯҳи хатарнок ва зиддиҷтимоӣ тааллуқ дошта метавонад[60]. Ин донишманд дар таҳқиқотҳои худ нисбат ба оилаи нопурра андешаҳои гуногунро таҳлил менамояд: «Як зумраи олимон ақида доранд, ки ин намуди оила хуб нест, дигарон тасдиқ менамоянд, ки барои кӯдак муҳим нест, ки ӯро кӣ тарбия мекунад, сеюмин собит намудан мехоҳад, ки оилаи нопурра ҳатто нисбат ба оилаи пурра бартарияти муайян дорад,

---

[59] Минуллина, А.Ф. Взаимосвязь личностных особенностей матерей и их детей в условиях неполной семьи [Текст] / А.Ф. Минуллина // Современные исследования социальных проблем. – 2010. – №4(04). – С. 125

[60] Ниг.: Целуйко, В.М. Психология неблагополучной семьи [Текст] / В.М. Целуйко. – М.: Владос, 2003. – 272 с.

зеро падар ё модари бо кӯдакон монда барои ҳамаи чизе, ки дар оила рӯй медиҳад, масъулияти фардӣ дорад ва номуваффаққиятҳо ва хатогиҳои худро ба души дигар аъзоёни оила бор карда наметавонад»[61].

Бо вуҷуди мавҷуд будани ақидаҳои гуногун дар бораи бартариятҳо ва норасоиҳои оилаҳои нопурра баъзе мутахассисоне, ки ба омӯзиши ин масъала сару кор доранд исбот менамоянд, ки масъалаҳои таълиму тарбияи фарзандон дар оилаҳои пурра нисбатан зудтар ва босифаттар ҳал мешаванд.

Ба андешаи аксарияти мутахассисони соҳа рушди кӯдакони дар муҳити солим тарбиятёфта, нисбатан аз кӯдакони оилаҳои нокомил фарқ мекунанд. Нақши мард дар тарбияи кӯдакон бағоят бузург аст. Мардҳо нисбат ба занҳо дар муҳити иҷтимоӣ мавқеи зиёдтар дошта, нисбатан қатъӣ ва принсипнок ҳастанд. Дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ бештар мантиқӣ фикр карда, чолокию устувории бештар доранд. Занҳо бошад бештар ба ҳиссиёт дода мешаванд, дар фарқият бо мардҳо малакаҳои нутқиашон ташаккул ёфтааст. Кӯдак барои комилан пурра ташаккул ёфтан ва дарки дурусти муносибатҳои ҷинсӣ бояд ҳам аз падар ва ҳам модар тарбия гирад. Мавҷуд будани мард (падар) дар оила ҳам ба таҳсилоти кӯдак ва ҳам ба ҷаҳонбинии муқаррарии ӯ таъсири калон мерасонад. Писарчаҳо аз падар фаъолӣ, коршояму уҳдабароӣ, ботартибу низомнокӣ, боиродагӣ, талош ба муваффаққият, мубориза бурдан дар зиндагӣ ва истодагарӣ карданро меомӯзанд. Ба кӯдакон на танҳо шахсияти волидайн, балки тарзи ҳаракат, гуфтор ва хусусиятҳои нутқашон таъсири калон мерасонад.

Писароне, ки дар тарбияи модар ба воя расидаанд, хислатҳои гуногуни духтарона доранд. Дар ташаккули шахсияти духтарон низ падар

[61] Целуйко, В.М. Неполная семья: психологические и социально-правовые особенности: формы и методы психологической и социальной работы [Текст] / В.М. Целуйко, А.В. Василенко, Е.А. Дементьева. – Волгоград: Волгогр. Унта, 1999. – С. 21-25.

нақши муҳимро мебозад. Робитаи мутақобилаи духтар бо падар аз давраи кӯдакӣ ба ҳаёти ояндаи ӯ таъсир мерасонад. Ба андешаи мутахассисон занҳое, ки дар симои падари худ марди меҳрубону навозишкорро медиданд, оянда низ ба шавҳарони худ чунин муносибатро раво мебинанд ва оилаашон мустаҳкам мешавад. Аммо духтароне, ки бо модари танҳо ба воя расидаанд, аксарияташон худро аз ҷиҳати зоҳирӣ диққатҷалбкунанда намешуморанд, дар онҳо малакаи дурусти муошират бо мардҳо ташаккул наёфтаанд, шармгинанд, муносибати худро бо ҷинси муқобил дуруст ба роҳ монда наметавонанд.

Писароне, ки аз синни хурдсолӣ бепадар ба воя мерасанд, онҳо аз муошırати падарӣ маҳруманд, дар ҳаёти ояндаи худ ба фарзандони хеш уҳдадориҳои падариии худро иҷро карда наметавонанд. Кӯдаконе, ки бе падар тарбия меёбанд ё навъи рафтори занонаро ба худ насб мекунанд ё дар бораи рафтори мард тасаввуроташон маҳдуд мегардад, инчунин метавонад баръакс шавад, дар чунин кӯдакон рафтори аксуламал ташаккул меёбад, ки ин метавонад мухолифи дахолати модар гардад ва тадриҷан механизми рафтор мураккаб гардида, аз чаҳорчӯбаи меъёрӣ берун гардад. Дар ҳарду ҳолат, таҳриршавии тасаввурот дар бораи рафтори мард ба монанди ғазабнокӣ, дағалӣ, тезию дурушти метавонад ҷамъ шавад. Психологон инчунин натиҷаҳои манфии кӯдакони дар дасти модар тарбияёфатро пешниҳод намудаанд. Набудан ва ё ноёфтии таъсири мардона дар кӯдакӣ метавонад ба пайдо гардидани мушкилиҳои азхудкунии нақши мувофиқи ҷинсӣ оварда мерасонад. Агар писарбача дар муҳити занҳо бе мавҷудияти падаре, ки метавонист ба ӯ намунаи ибрат шавад ба воя расад, ӯ ҳамеша амалҳои хоси занҳоро иҷро мекунад, ки матахассисон онро вайроншавии нақши ҷинсӣ меноманд.

Кӯдакони оилаҳои нокомил дар вазъиятҳои оилавӣ вазифаҳои падарро муайян карда наметавонанд, чункӣ барои ӯ ин ғайривоқеӣ

мебошад. Яке аз масъалаҳое, ки тез-тез кӯдакони чунин оилаҳо бо он рӯ ба рӯ мешаванд, ин ноуҳдабароии мушкилиҳои ҳаётӣ буда, дудилагию ноустуворӣ ва сатҳи пасти фаъолияти иҷтимоии онҳо мебошад. Барои онҳо иваз намудани ҳаёт ва ё сохтани ояндаи худ он қадар муҳим нест, ҳатто дар борааш фикр ҳам намекунанд. Таҳқиқотчиён бар он назаранд, ки теъдоди чунин ашхоси оилаҳои мазкур ба қувваи худ боварӣ надоранд ва ба ояндаи хеш умеду орзу надоранд.

Яке аз масъалаҳои нисбатан паҳн гардидани хусусияти тарбияи модар дар оилаҳои нокомил – ин ғамхорию парастории аз ҳад гузаштаи модар нисбати писарбача мебошад. Модар мехоҳад ба фарзанди худ таваҷҷуҳи бештаре зоҳир намояд, ки гӯё дар ҳаёти ӯ ҳам нақши падарӣ ва ҳам модариро мебозад. Бештари вақти худро бо ташвишу ғамхорӣ ва умеду орзуҳо сарф намуда, тайёр аст худро фидо ё қурбони фарзанди хеш кунад. Бо ин ҳама ташвишу ғамхории хеш кӯдак соҳибихтиёриро аз даст медиҳад, як қадами худро бе назорати модар берун намегузорад ва ташаббускориро ба зиммаи модар мегузорад, то дараҷае, ки ҳатто аз уҳдаи либоспӯшӣ намебарояд. Тарсе, ки модар нисбати ҳаёт, саломатӣ, дарс ва вазъияти фарзандаш дорад, беихтиёрона ҳар замон зоҳир шудан мегирад ва писарбача дар раванди ҳаёт беҷуръат, номустақил, боэҳтиёт ва тарсончак шудан мегирад. Аз ҳамин хотир, дар чунин вазъияти тарбияи модарии аз меъёр гузашта, фарзанд аз муошírати фазогӣ қафо мемонад ва имконияташ барои муошират маҳдуд мегардад.

Маъмулан, меҳру муҳаббати зиёдии модар бетаъсир намемонад. Аслан чунин кӯдакон нозук, бетартиб ва инҷиқ мешаванд, яъне натиҷаи тарбияи модарӣ онҳоро ба «эракагӣ» бурда мерасонад. Чунин тарзи муносибатро фарзанд аз рӯи одат ба дигар одамон: хешовандон, дӯстону наздикон, ҳамсолон ва дигарон дидан мехоҳад. Аммо дигарон на ҳама вақт ба мисли модараш ба ӯ чунин ғамхорона муносибат мекунанд. Дар

натиҷа кӯдак ба модараш фишор меорад ва қасди дигаронро аз модари худ меситонад. Бо гузашти вақт дар раванди ташаккулёбиаш бо мушкилиҳои зиёд, аз ҷумла бо пайдо накардани обрӯ миёни дигарон рӯ ба рӯ мегардад. Мехоҳад, ки дар берун аз оила ҳам мисли оила таъсир дошта бошад, аммо чи гуна ба дигарон таъсир расониданро намедонад, зеро ягон мард барои ӯ намунаи ибрат набуд, тарбияи падариро надида буд. Чунин вазъият воқеан ҳам писарчаро дилшикастаю дилтанг ва ноумед мегардонад. Духтарон дар фарқият бо писарбачаҳо дар чунин муҳит нисбатан мутобиқшавандаю таҳаммулпазиртар ҳастанд, аммо аз рӯи рафтори онҳо ҳис кардан мумкин аст, ки дар ҳаёти онҳо чизе намерасад, онҳо ба навозишу дастгирии касе эҳтиёҷ доранд.

Писарбача ё ин ки духтаре, ки дар оилаи модари танҳо ба воя мерасад дар оянда бо ҷинси муқобили худ дар ягон муносибати муайян ё мувозинат қарор гирифта наметавонад. Онҳо хеле тез ва дағал мебошанд, як сухани ноҷо ё ҳазломез метавонад тамоми вазъиятро тағйир диҳад, ҳатто дар аксар маврид натиҷаи рафтори худро фикр накарда, зуд ба хулоса меоянд ва аз оилаи худ даст мекашанд. Шахсоне, ки дар оилаи нокомил ба воя расидаанд, дар онҳо ҳисси нобоварӣ нисбати одамон, шубҳаангезӣ, майли бепарвоӣ, ҷудошавӣ ва ё танҳоӣ ташаккул ёфтаанд. Духтар бошад қадам ба қадам ҳаёти шахсии модарашро пайравӣ мекунад, аз хурди рафтори стандартии модари хешро аз худ мекунад. Онҳо аз хурди худро қурбони тақдиру сарнавишт меҳисобанд. Ин гуна духтарҳо аз табиати худбаҳодиҳии паст ранҷ мебаранд. Духтароне, ки бе падар тарбият ёфтаанд, дар аксар маврид барои муайянкунии нақши ҷинсии худ танқисӣ мекашанд. Оилаҳои нокомил дар фарқият бо оилаҳои комил дар ҷамъият мақоми баланд надоранд. Маҳз аз ҳамин хотир, духтарони чунин оилаҳо аз синни хурдӣ эҳсоси нокомилӣ доранд.

Бартарияти муҳити занона дар тарбияи кӯдакӣ метавонад осори худро дар тамоми ҳаёти ояндаи хеш зоҳир созад. Вайроншавии раванди иштироки мардон дар тарбияи нақшӣ-ҷинсӣ дар оилаҳои модари танҳо метавонад ба ташаккулёбии ҷинсии номақбули писарбачагон оварда расонад. Ҷавононе, ки рафтори фарқкунандаи феминӣ (занона) доранд, дар ҳаёти калонсолӣ якчанд навъи рафтори иҷтимоии худро ташкил медиҳанд. Масалан, ҷавони шармгину хислати маҳину мулоимтабиатдошта бо зани боқуввату боирода, баъзан вақт аз худаш калон шиносой пайдо намуда, оила барпо мекунад. Онҳо бо табъи болидаю хоҳишмандӣ дар хона корҳои одии занонаро ба ҷо меоранд, баъзан занро сардори оила интихоб мекунанд. Наврасони оилаҳои нокомил аз пайдо намудани муносибат бо ҷинси муқобил танқисӣ мекашанд.

Ба андешаи муҳаққиқон мавҷудияти ҳарду ҳамсар чунин талаботҳои кӯдакро қонеъ мегардонад:

1. талабот ба муҳофизат. Бепуштупаноҳӣ дар назди ҷаҳони беруна яке аз сарчашмаҳои изтироби кӯдакони муосир мебошад. Кӯдак агар падар дошта бошад худро амн ҳис мекунад, мақоми ӯ дар назди ҳамсолонаш боло меравад. Калонсолон одатан, оилаи нопурраро осудаҳол ҳисоб намекунанд[62];
2. талабот ба нуфуз ва мақоми иҷтимой;[63]
3. рушди зеҳнии кӯдак дар ҳамаи соҳаҳо. Мавҷудияти мард дар оила рушди зеҳнии кӯдаконро беҳтар намуда, таваҷҷуҳи онҳоро ба омӯзиш ва таҳсилот ташаккул медиҳад; [64]

---

[62] Минуллина, А.Ф. Взаимосвязь личностных особенностей матерей и их детей в условиях неполной семьи [Текст] / А.Ф. Минуллина // Современные исследования социальных проблем. – 2010. – №4(04). – С. 126-127.

[63] Ребенок в карусели развода / Нартова-Бочавер С.К., Несмеянова М.И., Малярова Н.В., Мухортова Е.А. – М.: Дрофа, 2001. – 192 с.

[64] Целуйко, В.М. Психология неблагополучной семьи [Текст] / В.М. Целуйко. – М.: Владос, 2003. – 272 с.

4. талабот ба намунаи муносибатҳои байни зану мард, намунаҳои «мардонагӣ» ва «занонагӣ», рафтору муошират бо намояндагони ҷинси муқобил. Писарчаҳое, ки бе падар ба воя мерасанд, бештари вақт навъи рафтори занонаро аз худ мекунанд ё ин ки дар онҳо нисбати рафтори мардон тасаввуроти нодуруст, мисли бераҳмию ғазабнокӣ ва ғайра шакл мегирад; Духтароне, ки бе падар ба воя расидаанд оиди рафтори шавҳар тасаввурот надоранд ва оянда шавҳар ва писарони худро фаҳмида наметавонад;[65]
5. раванди идентификатсия ҷинсии писарон ва духтарон. Набудани падар ва муносибати пурра бо ӯ надоштан яке аз сабаби рушди гомосексуализм шуда метавонад. Чунин нуқтаи назарро баъзе аз донишмандони соҳа (Р. Эванс, М. Хофман, М. Скофилд, И. Кон ва дигарон) дастгирӣ кардаанд;[66]
6. имконияти мушоҳидаи пайдоиши ҳиссиётҳои гуногун ва идора кардани онҳо. Маҳз дар шароити тарбияи оилаи пурра кӯдакон таҷрибаи аввалини идора кардани рафтор, вокуниши ҳиссиётӣ ба ҳолатҳои гуногун, ҳамдардӣ ва зоҳир намудани эҳсосотро ба даст меоранд;[67]
7. дар оилаи пурра нисбат ба рафторҳои кӯдак нуқтаи назари дутарафа ва объективӣ пайдо мешавад. Волидайн таҷрибаи кӯдакии худро ба ёд оварда, ба рафтори кӯдак баҳои объективӣ ва дуруст дода метавонанд;

[65] Ниг.: Ребенок в карусели развода / Нартова-Бочавер С.К., Несмеянова М.И., Малярова Н.В., Мухортова Е.А. – М.: Дрофа, 2001. – 192 с.
[66] Ниг.: Целуйко, В.М. Психология неблагополучной семьи [Текст] / В.М. Целуйко. – М.: Владос, 2003. – 272 с.
[67] Ниг.: Ребенок в карусели развода / Нартова-Бочавер С.К., Несмеянова М.И., Малярова Н.В., Мухортова Е.А. – М.: изд-во Дрофа, 2001. – 192 с.

8. дар оила бояд на камтар аз се нафар аъзо вуҷуд дошта бошад. Кӯдак дар мавриди низоъ ба яке аз волидайн имконияти интихоб ва муроҷиат намуданро пайдо менамояд[68].

Таҳлили маводи илмӣ нишон медиҳад, ки оила дар ташаккули кӯдак ва солимии ҷисмонию равонии ӯ нақши калидӣ мебозад. Сифатҳои иҷтимоии шахс дар тамоми давраи ҳаёташ шакл мегирад ва бештари ин сифатҳои иҷтимоӣ ба тарбияи оилавӣ алоқамандии зич дорад. Дар раванди тарбияи оилавӣ интиқоли анъанаҳо, меъёрҳои иҷтимоии рафтор, арзишҳои фарҳангӣ ва тарзҳои гуногуни рафтор сурат мегирад. Кӯдакон рафтори волидайнашонро нусхабардорӣ менамоянд. Ҳолати равонӣ ва иҷтимоии оила ба кӯдакону наврасон таъсири беандоза зиёд дорад, Оила ҳамчун омили тарбияи мусбӣ (ғамхорию дастгирӣ ва худмуайянкунии касбӣ) ва манфӣ (каҷрафториҳо, рафторҳои зиддиҷамъиятӣ) баромад карда метавонад. Чи гуна муносибат намудани волидайн ба якдигар ба шаклгирии рафтори фарзандон таъсири тақдирсоз дорад. Монандии рафтори модарон ва фарзандон дар оилаи нопурра аз хароб шудани хислатҳои мухторияти кӯдакон ва вобаста гаштани онҳо аз яке волидайн гувоҳӣ медиҳад. Тарсу ҳарос, нобоварӣ ва аз ҳад эҳтиёткории модар, ки дар натиҷаи бесаробон мондан ва талоқ пайдо шудаанд, тавассути тарбияи модар ба фарзандон гузашта метавонад, ки минбаъд дар худмуайнкунии иҷтимоии фарзандон таъсири манфӣ мерасонад.

Таҳқиқотҳо нишон медиҳад, ки модарони танҳо аз ҳолати иҷтимоии худ қаноатманд нестанд, вақти холии худро самаранок истифода намебаранд, ба атрофиён кам боварӣ доранд, таъбашон дар бештари ҳолат хира аст, худбаҳодиҳии паст доранд, дар муошират бо

[68] Ниг.: Бьюдженталь, Д. Наука быть живым: диалоги между терапевтом и пациентами в гуманистической терапии [Текст] / Д. Бьюдженталь. Пер. с англ. А.Б. Фенько. – М.: Класс, 1998. – 336 с.

дигарон худро роҳат ҳис намекунанд, доим дар фикр фурӯ мераванд ва малакаҳои иҷтимоияшон дар сатҳи кофӣ рушд накардааст, рӯҳияи ноумедӣ доранд. Табиист, ки ин сифатҳо ба кӯдакони ӯ таъсири худро мерасонанд[69]. Донишманди рус Н.В. Шитова ин масъаларо таҳқиқ намуда, ба чунин хулоса меояд: «Занон агар ғаризаи модариии худро амалӣ гардонида натавонанд, худро танҳо эҳсос менамоянд. Агар зан соҳиби кӯдакон бошад, пас таваҷҷуҳи худро ба онҳо равона менамояд. Аммо зан низ дар навбати худ ба касе ниёз дорад, ки нисбат ба ӯ ғамхорӣ намояд, ӯро аз ҷиҳати эмотсионалӣ ва маънавӣ дастгирӣ кунад, ӯро ҳифз намояд ва такягоҳи муътамади зиндагии ӯ бошад»[70].

Ҳарчанд модар ғамхору дӯстдори фарзанд бошад ҳам, ҷойи падари фарзандро гирифта наметавонад. Таваллуди кӯдак ӯҳдадории ҳарду волидайн аст ва барои тарбияи ҳаматарафи кӯдак бояд ҳар яки онҳо саҳм гузоранд. Баъдан, мувофиқи ақидаи психологҳо дар зан неруи зиёди меҳру муҳаббат вуҷуд дорад ва онро бояд на танҳо ба кӯдак, балки ба шавҳари худ низ сарф намояд. Модарони танҳо меҳру муҳабати ба шавҳар сарфнакардаи худро низ ба кӯдаки худ медиҳад ва дар натиҷа фарзандаш аз ҳад зиёд нозуку инҷиқ ва осебпазир тарбия меёбад. Чи хеле, ки «табибон исбот намудаанд, ноосудаҳолию парешонҳолии доимии модари танҳо бевосита дар кӯдак инъикоси худро меёбад. Дар натиҷа ин гуна кӯдакон асабонӣ ва ба ҳаёт мутобиқнашаванда ба воя мерасанд. Махсусан, писарбачаҳо бештар осеб мебинанд: ё дағалона ба модари худ муқобил мебароянд ва ё ба «кӯдакчаи модар» (маменькиных сынков) табдил меёбанд»[71].

Оилаҳое, ки дар натиҷаи ҷудошавӣ ба оилаи нопурра табдил ёфтаанд, аҳволашон аз ин ҳам бадтар аст. Бо маблағи ночизи алимент

---

[69] Шитова, Н.В. Социальнопсихологические особенности одиноких женщин: автореф. … канд. психол. наук: 19.00.05 / Шитова Нина Владимировна. – Курск 2009. – С. 15.
[70] Шитова, Н.В. Социальнопсихологические особенности одиноких женщин: автореф. … канд. психол. наук: 19.00.05 / Шитова Нина Владимировна. – Курск 2009. – 24 с.
[71]Тамерланова, Л. Рожу по собственному желанию / Л. Тамерланова // Советская Белоруссия. – 2001. – №219-220. – С.5.

кӯдаконро нигоҳубин кардан ғайриимкон аст. Илова ба ин шиддати психологие, ки зан пас аз талоқ дучор мегардад, вазъияти бе ин ҳам бади оиларо боз ҳам вазнинтар мегардонад. Ҳарчанд мардоне, ки пас аз ҷудошавӣ тарбияи фарзандро ба ӯҳда гиранд, хеле кам ҳастанд, аммо онҳо имконияти хубтари иҷтимоишавии кӯдаконро доранд, зеро онҳо нисбати занон тезтар оилаи нав ташкил карда метавонанд ва имконияти даромади бештари иқтисодӣ гирифтан доранд, ки ин барои нигоҳубинӣ кӯдак хело зарур аст

Масъалаҳои оилаҳои нопурра, махсусан, модарони танҳо, пеш аз ҳама ба камбизоатӣ, бекорӣ ва надоштани манзили зист алоқамандии зич дорад. Мувофиқи натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва назари муҳаққиқони соҳавӣ ба оилаҳои нопурра як қатор масъалаҳои иҷтимоӣ ва психологӣ хос аст. Ҷудошавии ҳамсарон ба ташаккулёбии фарзандонашон таъсири манфӣ мерасонад, мисли рӯҳафтодагӣ, эҳсоси нокомилӣ ва худбаҳодиҳии пасти кӯдакони нимятим, мушкилиии равонии занони танҳо ҳангоми тарбияи фарзандон, интиқом гирифтан аз кӯдакони нимятим барои ҳаёти номуваффақи шахсӣ ва ғайраҳо[72].

Дар бештари оилаҳои нопурра низоми муносибатҳои мувофиқи иҷтимоӣ ва нақшӣ вуҷуд надоранд ва бо ин сабаб, дар худмонандсозӣ ва ташаккули ҳуввияти ҷинсию нақшии кӯдакон мушкилиҳо ба миён меоянд. Кӯдакон аз мушоҳидаи намунаи рафторҳои гендерӣ, азхуднамоии нақшҳои занона ва мардона бо мушкилӣ сурат мегирад. Худбаҳодиҳии модарони танҳо пас аз ҷудошавӣ хеле паст гардида, ба бемориҳои гуногуни равонӣ гирифтор шуда метавонанд, махсусан, агар ташаббускори ҷудошавӣ худи онҳо набошанд. Ҳамзамон, таълиму тарбияи фарзандони ноболиғ дар танҳоӣ ба модарони танҳо мушкилиҳои зиёдиҷтимоӣ, иқтисодӣ ва равониро эҷод менамоянд.

[72] Ниг.: Социальная работа с различными группами населения. Учебное пособие. Под редакцией доктора педагогических наук, профессора Н.Ф.Басова. – М.: Проспект, 2013. – С. 476-484.

Эҳтиёҷманд гаштани оилаҳои нопурра дар навбати аввал ба камбизоатӣ вобаста аст, зеро дар ин гуна оилаҳо як нафар кор мекунад ё умуман, дар ҳолати бекорӣ қарор доранд. Бештари оилаҳои нопурра саробони мард надоранд, зан таъмини чандин кӯдакони хурдсолро ба ӯҳда дорад. Аз сабаби набудани дигар шахсони болиғе, ки кӯдаконро нигоҳубин кунад, мода рони танҳо кор карда наметавонанд ва ё имкониятҳои маҳдуди ба даст овардани даромад барои зиндагиро дар ихтиёр доранд.

Гарчанд оилаҳои нопуррае, ки дар он падар бо фарзандон мондааст, нисбатан каманд, аммо мушкилоти онҳо хусусиятҳои хоси худро дорад. Аввалан, ин амсилаи ғайрианъанавӣ буда, тамоми тарзи ҳаёт, қоидаю меъёрҳои дар ҷомеа одатшуда ба ин шакли оила мутобиқ карда нашудааст. Дар назди ин гуна оилаҳо низ мушкилоти ҷинсию нақшӣ истодааст. Ғайр аз ин падар бо фарзанд (фарзандон), дар муқоиса бо модару фарзанд (фарзандон) нисбатан имкониятҳои бештари барпо кардани оилаи навро дорад. Аз ин хотир, яке аз мушкилоти ин гуна оила ин барпо кардани муносибат байни фарзанд (фарзандон) ва ҳамсари нави падар мебошад. Падарони танҳо нисбат ба модарони танҳо аз ҷониби хешовандон ва наздикон кумаки бештар мегиранд ва доираи муоширати иҷтимоияшон васеътар аст, аммо падарони танҳо мисли модарони танҳо талаботҳои эмотсионалии фарзандонро қонеъ гардонида наметавонанд[73].

Бо сабаби афзудани таваллудҳои беникоҳ, ҷудошавии ҳамсарон, фавти мардон бо сабабҳои гуногун ва зуҳуроти бисёрникоҳӣ (никоҳҳои ғайрирасмӣ) шумораи модарӣ дар оилаҳои нопурра меафзояд. Чунин дигаргуниҳо раванди иҷроиши вазифаҳои анъанавии оиларо заиф намуда, хусусияти тақсимоти иҷтимоии меҳнати оилавиро дигаргун сохта, ба мақоми иҷтимоии зан таъсири ҷиддӣ мерасонад. Бо ин сабаб

[73] Ниг.: Овчарова, Р.В. Психологическое сопровождение родительства [Текст] / Р.В. Овчарова. – М.: Изд-во Института Психотерапии, 2003. – 319 с.

модарони танҳо дар баробари ӯҳдадориҳои худ, мисли таълиму тарбияи кӯдакон ва кори хона маҷбур мешавад, ки мустақилона вазифаҳои мардро ҳам ба анҷом расонад, яъне дар корҳои истеҳсоли иштирок кунад, ба соҳибкорӣ ва тиҷорат машғул шавад ва талаботҳои моддии оиларо қонеъ гардонад.

Имрӯз модарони танҳо дар оилаҳои нопурра барои таъминоти оила ва фарзандони худ дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти ҷамъиятӣ иштирок мекунанд, ки ин ба дараҷаи маърифатӣ ва фарҳангии онҳо таъсири назаррас мерасонад. Модарони танҳои оилаҳои нопурра ба як қатор мушкилот гирифтор гардидаанд, бештари онҳо дар ҳолати камбизоатии мутлақ зиндагӣ мекунанд, ки мутобиқшавии онҳоро ба шароитҳои нави зиндагӣ мушкил мегардонад. Чунин занҳоро лозим меояд, ки худ барои рӯзгорашон пул кор кунанд ва дар натиҷа барои тарбияи кӯдакон вақт намеёбанд. «Аз як тараф, чунин модарон имконияти сохтани тақдири шахсии худро аз даст медиҳанд, аз тарафи дигар, онҳо солҳо дар ҳолати тарсу изтироб зиндагӣ мекунанд. Чунин модарон вақти холӣ ва ҳуқуқи бемор шудан надоранд… Ҳаёти модарони танҳо ҳамеша ҳузнангез аст, ҳарчанд агар онҳо худашон чунин тақдирро интихоб карда бошанд ҳам»[74].

Аксарияти модарони танҳо ҷавон ҳастанд, ҳанӯз аз ҷиҳати иҷтимоӣ ба ҳаёти мустақиона омода намебошанд, касбу маълумоти лозима надоранд, дар тарбияи кӯдакон таҷрибаи лозимаро ба даст наовардаанд. Баъдан, дар ҷомеаи анъанавӣ чунин занон дар афкори умум ва аз тарафи атрофиён маҳкум мешаванд. Ин гуна оилаҳо ҳамеша аз нарасидани хӯрока ва пӯшока танқисӣ мекашанд. Қариб ҳамаи даромади оила ба маҳсулоти хӯрока харҷ мешавад. Фарзандони чунин оилаҳо пайваста ба кӯмаки моддӣ, офиятбахшӣ ва худмуайяннамоӣ ниёз дошта, аз ҷиҳати

[74] Тамерланова, Л. Рожу по собственному желанию / Л. Тамерланова // Советская Белоруссия. – 2001. – №219-220. – С.5.

бад будани саломатӣ ва қафомонии зеҳнӣ азият мекашанд, нисбати дигар ҳамсолони худ худбаҳодиҳии паст доранд.

Аксарияти модарони танҳои ҷавон, ки таҳсилот, касб ва тахассус надоранд, сарчашмаи асосии зиндагиашон маоши волидайн ва кумакпулӣ барои модарони танҳо мебошад. Маҳз кумаки хешовандон, дӯстон, ҳамсояҳо ва дигар атрофиён воситаи мутобиқ шудани онҳо ба шароитҳои тағйирёбандаи иҷтимоию иқтисодии ҷомеа ба ҳисоб меравад. Баъзе аз модарони танҳо ба вазъи мушкили зиндагӣ тоб наоварда, майли худкушӣ менамоянд. Мувофиқи таҳқиқоти сотсиологии донишманди рус Т.Н. Каменева, ки дар байни модарони танҳо гузаронидааст, 15%-и пурсишшавандагон барои раҳоӣ ёфтан аз мушкилоти зиндагӣ фикри худкушӣ кардаанд. Модарони танҳои алоҳида ба сифати воситаи ҳалли имконпазири вазъи мушкили зиндагӣ машғул шудан ба фоҳишагиро дидаанд[75].

Занони танҳомонда ба хотири мисли дигар кӯдакони оилаҳои накӯаҳвол тарбия кардани кӯдакони худ меҳнати вазнини иловагиро ба дӯш мегирад. Ё баръакс, аз сабаби шиддати баланди психологӣ кӯдакони хурдсоли худро мавриди зӯроварӣ ва шиканҷа қарор медиҳад. Кӯдакони ин гуна оилаҳо ҳамеша дар ҳолати танқисии ҳамешагии моддӣ умри худро мегузаронанд, дуруст иҷтимоӣ намешаванд ва ба ҳама гуна каҷрафториҳо майл менамоянд.

Дар таҷриба кам ба мушоҳида мерасад, ки пас аз қатъи ақди никоҳ фарзандон дар тарбияи падарон монад, аммо ин далелҳо вуҷуд доранд. Барои падарони танҳое, ки тарбияи фарзандро ба ӯҳда гиранд, имконияту шароитҳои беҳтари иҷтимоишавии кӯдакон вуҷуд доранд. Падарони танҳо нисбат ба модарони танҳо имконияти зуд ташкил

[75] Ниг.: Каменева, Т.Н. Материнство в неполной семье: личностные и социальные проблемы: диссертация на соискание ученой степени кандидата социологических наук: 22.00.06 / Каменева Татьяна Николаевна. – Курск, 2003. – 160 с.

намудани оила, ба даст овардани даромади иқтисодӣ ва соҳиби манзили зист шуданро доранд, ки ин барои нигоҳубинӣ кӯдак хело зарур аст.

Дар аксар ҳолат фарзандони модарони танҳо душвортарбия мешаванд. Онҳо саводи паст доранд, аз дарсҳо мегурезанд, бо волидайн, муаллимон ва атрофиён рафтори дурушт доранд, ба намудҳои гуногуни каҷрафториҳо, мисли қиморбозӣ, тамокукашӣ, токсикомания, наркомания, арақнӯшӣ ва ғайра даст мезананд[76]. Чи хеле, ки таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, танҳо 45% кӯдакон пас аз ҷудо шудани волидайнашон дар таҳсил пешравиро нишон додаанд, аммо 41% онҳо барномаи таълимии мактабро аз худ карда натавонистаанд[77]. Кӯдакони душвортарбия ба оила мушкилотҳои зиёд меорад. Онҳо бо бадрафтории худ дар ҳеҷ куҷо муросо карда наметавонанд. Дигар кӯдакони ҳамсол аз муоширaт бо онҳо мегурезанд. Бештари вақташонро то ними шаб бо дигар ҳаммаслаконашон дар кӯча мегузаронанд. Дар байни ин гуна кӯдакон ҳатто субъкултураи хос ташаккул меёбад, ки ба каҷафториҳои гуногун даст мезананд.

Хулоса, оила муҳимтарин ниҳоди иҷтимоиест, ки дар рушди шахсият, танзиму назорати рафтори одамон, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва умуман, устувории ҷамъият нақши бағоят бузург мебозад. Мушоҳидаҳо ва таҳқиқотҳои гузаронидашуда собит менамоянд, ки шумораи модарони танҳо бо сабабҳои ҷудошавӣ ва ё дигар сабабҳо ботадриҷ меафзоянд ва ба як мушкилии ҷиддии иҷтимоии ҷамъият табдил меёбад. Вайроншавии оилаҳо боиси бад шудани ҳолати иқтисодӣ ҳамсарони ҷудошуда, махсусан, занон ва фарзандони онҳо, бе таълиму тарбия мондани фарзандони ятим, ба намудҳои гуногуни каҷрафторӣ даст задани фарзандони ҳамсарони ҷудошуда, бад шудани ҳолати равонии

[76] Ганишина, И.С. Неблагополучная семья и девиантное поведение несовер-шеннолетних: Учеб. пособие / И.С. Ганишина, А.И. Ушатиков. – М.: Издательство Московского психолого-социального института, 2006. – С. 64.

[77]Ахвердова, Е.В. Социокультурное ространство современной семьи: проблемы, пути решения, переспективы развития / Е.В. Ахвердова, В.А. Бурковская. – Елец, 2007. – С. 143.

ҳамсарони ҷудошуда, ба намудҳои гуногуни каҷрафторӣ даст задани ҳамсарони ҷудошуда мегардад.

Чун анъана фарзандон пас аз ҷудошавии ҳамсарон бо зан мемонанд ва вазъияти бе ин ҳам мушкили модари танҳоро боз ҳам мушкилтар мегардонад. Баъзе аз занон, махсусан, занони бефарзанд пас аз қатъи никоҳ бе манзили зист мемонанд, ба хонаи падару модари худ бармегарданд. Баъзе аз мардон бошад, пас аз ҷудо шудан аз ҳамсари худ аз аҳволи фарзандони ятиммондаи худ хабардор намешаванд ва ҳатто онҳоро фаромӯш мекунанд.

Ҳарчанд модарони танҳо, ки соҳиби фарзанд мебошанд, то охир баъзеи онҳо ҳамсари ҳаётии худро ёфта наметавонанд. «Ҳатто заноне, ки кӯдакро «барои худ» таваллуд мекунанд, то ба охир дар ӯ интизории ташкили оилаи пурра ва худро ба сифати ҳамсар дидан боқӣ мемонад. Бо афзудани синну соли модарони танҳо умеди ташкили ҳаёти оилавиашон ботадриҷ гум мегардад ва дар ҳақиқат тақдири на ҳамаи онҳо хурсандибахш аст»[78].

Фарзанд неъмати коллективии байни зану мард аст, аммо ҳамсарони ҷудошуда барои тарбия, нигоҳубин ва ғамхорӣ ба фарзандони худ ба як қарор омада наметавонанд ва имконияи дар рушди кӯдак баробар саҳм гузоштанро аз даст медиҳанд. Дар бештари ҳолат муносибати ҳамсарон пас аз ҷудошавӣ канда мешавад. Падар ба воситаи пардохти алимент ва ё дигар кӯмакҳои моддию пулӣ ба фарзанд ё фарзандонаш метавонад ёрдам расонад, аммо дар рушди маънавии онҳо пурра иштирок карда наметавонад.

Яке аз хатогиҳои модарони танҳо ин тамоми умр ғамхори намудан ба фарзандони нимаятими худ мебошад. Аммо бояд ин гуна модарон дарк намоянд, ки бояд дер ё зуд фарзандонашон бояд роҳи худро пайдо кунанд, дар ҷамъият мавқеи худро ёбанд ва оилаи мутақили худро бунёд

---

[78] Михеева, А.Р. Человек в сфере частной жизни: векторы трансформации семейных отношений [Текст] / А.Р. Михеева. – Новосибирск: ИЭОПП СО РАН, 2012. – С. 11.

намоянд. Агар модари танҳо тамоми умри худро ба кӯдак бахшад ва онро ба худ аз ҳад зиёд вобаста гардонида бошад, кӯдак дигар худ мустақилона зиндагии худро пеш бурда натавонад, пас модар ҳаёти кӯдаки худро вайрон кардааст. Ё ин ки модар аз ҳад зиёд ба зиндагии фарзанди худ дахолат кунад, пас аз оиладоршавиаш ҳам ба муносибатҳои фарзанд ва келинаш ҳамроҳ шавад ва пайваста ба кӯдакаш дар бораи қурбоннамоии ҳаёти худ баҳри беҳбудии фарзандаш ёддовар шавад, пас дар ин ҳолат ҳам зиндагии фарзандашро хароб месозад.

Аз ин рӯ, модарони танҳо бояд дарк кунанд, ки тарбияи кӯдак бе падар низ тарбияи муқаррарӣ аст, роҳи дурусту мувофиқи тарбияи кӯдакро ҷустуҷӯ намояд, ба ҳарос наафтад ва барои ҷуброн намудани набудани падар аз ҳад зиёд кӯшиш ба харҷ надиҳад. Модари ба истиробафтида ва барои ба фарзандаш худро қурбонӣ намудан омодабуда ҳеҷ гоҳ аз ӯҳдаи тарбияи дурусти кӯдаки худ намебарояд ва барои ин мақсад шароитҳои мусоиди рушди шахсиятро фароҳам оварда наметавонад. Қурбонии кӯр-кӯрона ва талоши аз қудрату тавоноии худ зиёди модари танҳо фарзандашро хушбахт карда наметавонад. Робитаю муносибати ошкоро, ҳақиқӣ, хайрхоҳона ва оптимистонаи модар бо фарзанд ва атрофиён дар оила муҳити мусоидро фароҳам меорад ва ба рушд ва тарбияи ҳаматарафаи кӯдак мусоидат менамояд.

# БОБИ 2. ШАРОИТИ ЗИНДАГИИ МОДАРОНИ ТАНҲО ДАР ТОҶИКИСТОНИ МУОСИР

## 2.1. Хусусиятҳои иҷтимоии зиндагонии модарони танҳо ва рафтори стратегии онҳо дар ҳолатҳои мушкили зиндагӣ

Дар ҳамаи ҷомеаҳо муносибатҳои дохили оилавӣ ба никоҳ ва шакли оила вобастагии калон дорад ва бо рушди ҷамъият тасаввуротҳо оид ба мазмуни никоҳ, нақшҳои оилавӣ ва тавлиди фарзанд тағйир меёбанд. Чун анъана оилаҳои Тоҷикистон васеъ буда, ки дар онҳо чанд насл зиндагӣ мекунанд ва бо тағйирёбии сохтори иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон сохтори оила ҳам аз ҷиҳати шумора ва ҳам аз ҷиҳати сифат тағйир ёфт.

Давлати шӯравӣ сиёсати беҳтар намудани ҳолати занонро пеш гирифта буд ва занонро ҳам модар ва ҳам корманд эътироф мекард. Бо ин мақсад барои мувофиқ намудани нақшҳои иҷтимоии занон кӯдакистонҳо амал карда, ба занон рӯхсатиҳои гуногун пешбинӣ шуда буданд. Дар давраи шӯравӣ сиёсати дастгирии модарӣ боиси анъанаи серфарзандӣ гардид. Пас аз солҳои 90-ум ва буҳрони иқтисодӣ оилаҳои серфарзанд ва васеи тоҷикистонӣ ба мушкилии ҷиддии иқтисодӣ гирифтор гардиданд[79]. То ҳол занон мисли замони шӯравӣ ҳам ба кори хона ва ҳам кори берун аз оилавӣ машғуланд, зеро мардони хона ба муҳоҷирати меҳнатӣ сафар менамоянд ва пешбурди зиндагӣ ва таълиму тарбияи фарзандон асосан ба души занон вогузор карда мешавад.

Дар вақтҳои охир ба нишондиҳандаҳои гендерӣ, ҳаёту фаъолияти модарони танҳо, шуғлмандӣ ва бекории занон, ки аз сиёсати иҷтимоӣ–иқтисодии мамлакат вобаста ба равандҳои гендерӣ асоснок карда шудааст, диққати махсус дода мешавад. Якчанд масъалаҳои ҷиддие, ки аз сатҳи рушди иҷтимоӣ–иқтисодии кишвар вобастаанд, дар навбати

---

[79] Хушкадамова, Х. Семейно-брачные отношения в Таджикистане [Текст] / Х. Хушкадамова // Социология власти. – 2010. – №3. – С. 96.

аввал дар камбизоатӣ ва сатҳи пасти шуғли занҳо, дастрасии маҳдуди модарони танҳо ба бозори меҳнат, зиёд шудани ҳиссаи модарони танҳо дар муҳоҷирати меҳнатӣ, урфу одатҳои муқарарии хонаводаҳо дар самти муносибатҳои оилавӣ ва гендерӣ ва ғайраҳо мушоҳида карда мешаванд. Махсусан, модарони танҳо дар ҳолатҳои мушкилоти зиндагӣ стратегияҳои махсуси рафтору фаъолияти худро кор карда баромадаанд.

Гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисоди бозоргонӣ ва пайдоиши шаклҳои гуногуни моликият дар соҳаи иҷтимоӣ-меҳнатӣ, тағйир ёфтани арзишҳо ва интизориҳои шаҳрвандон, пайдоиши талаботҳои нави бозори меҳнат ва технологияи нави истеҳсолӣ зуҳуроти бекориро ба вуҷуд оварданд. Бекорӣ дар байни занон низ дар ҳоли рушд аст. Сатҳи баланди афзоиши таваллуд, мавҷуд набудани ҷои кор, маоши ночиз, афзоиши нерӯи кории деҳот дар қиёс ба шаҳр вазъи шуғли аҳолиро мушкилтар гардонидааст. Сабабҳои асосии бекории занон анъанаҳои гузашта, сатҳи пасти тахассусмандӣ, аз таҳсил ва бозомӯзӣ дур мондан, вазнинии меҳнати хона ва тарбияи кӯдакон, паст будани музди маош ва аз тарафи кордиҳандаҳо қабул накардан ба кор ва ғайраҳо ба ҳисоб меравaнд.

Дар шароити маданияти мо аксаран вақт занон оиларо интихоб мекунанд, зеро надоштани шавҳар ва фарзанд барои зани тоҷик машкилии ҷиддӣ аст. Алоқа ва муносибатҳои иҷтимоии зани хонашин маҳдуд аст, якрангии зиндагӣ шавқу ҳаваси онҳоро гум менамояд ва аксаран ба таназзули фикрӣ оварда мерасонад. Баъдан, интихоби фаъолияти касбӣ ба зан сабукие намеорад, заро на ҳама занҳо дар ин самт бо сабабҳои дар боло номбаршуда ба муваффақиятҳо ноил мегарданд.

Мардҳо асосан ба корҳои сердаромад ва занон ба корҳои барояшон мувофиқ, ки барои иҷрои корҳои оилавиашон монеаъ эҷод насозад, майл менамоянд. Дар баробари ин аксарияти корфармоён кӯшиш менамоянд, ки занону духтаронро камтар ба кор ҷалб намоянд. Барои он ки

эҳтимолияти шавҳардор (агар шавҳардор набошад), ҳомиладор шудан ва ба рухсатии таваллуд баромадани занон бештар аст. Ҳангоми зарурати ихтисори ҷойи корӣ нахуст занон ба сифати объекти мувофиқ қарор мегиранд, зеро мувофиқи анъанаҳои қолабӣ ба ҷойи кор дар навбати аввал бояд саробони хона, яъне мардҳо таъмин шаванд.

Дар ҷомеаи имрӯзаи мо вақте бекорӣ мегӯянд, асосан бекории мардонро дар назар доранд, дар бораи бекории занону духтарон қариб ҳеҷ кас фикр намекунад. Меҳнати хонагӣ, ки аз тарбияи кӯдак, коркарди замини наздиҳавлигӣ ва дигар корҳои муҳими хона иборат аст, меҳнати асосии зани тоҷик мебошад ва ин меҳнат ҳамчун ӯҳдадории зани тоҷик ройгон ҳисобида мешавад. “Меҳнати хонагӣ бо вуҷуди пурмаҳсул ва аҳамиятнокии иқтисодиаш кори дуюминдараҷа маҳсуб шуда, ба собиқаи корӣ дохил намешавад, ҳатто дар даврони пирӣ барои он нафақапулӣ муқаррар нашудааст”[80].

Иқтисоди бозоргонӣ сохтори тақсими меҳнатро дар оила тағйир медиҳад, модарони танҳо бо сабабҳои мушкилоти иқтисодӣ ва набудани саробони оила маҷбур ҳастанд, ки берун аз оила кор кунанд. Модарони танҳо навобаста ба сабабҳо чунин мақом пайдо намуданашон (вайроншавии оила, фавти яке аз ҳамсарон ё беникоҳ тавлид намудан) ба як қатор мушкилоти иҷтимоӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Ба воя расонидани фарзандон ба модарони танҳо як мушкилии ҷиддӣ буда, заҳмату саргардониҳои зиёдро ба бор меорад ва новобаста аз таъминоти иқтисодӣ ҷиҳатҳои психологию ахлоқӣ низ дорад. Махсусан, модарони танҳо иҷтимоишавии фарзандон ва худмуайянкунии касбии онҳоро бе кумаку дастгирии давлат, ташкилотҳо ва атрофиён ба анҷом расонида наметавонанд. Дар шароити ҷомеаи муосири Тоҷикистон аксарияти модарони танҳо ба вазъи мушкили ҳаётӣ гирифторанд ва барои

[80] Шоисматуллоев, Ш. Насилие в отношении женщин: прошлое и настоящее / Ш. Шоисматуллоев. – Душанбе, 2005. – С. 45.

муътадил ба воя расонидани фарзандон ба кумаки ҷомеа ва давлат ниёз доранд.

Масъалаҳои муҳими иҷтимоию иқтисодии модарони танҳо таъмини манзили зист ва ташкили шароити зиндагӣ мебошад. Модарони танҳо пас аз ҷудошавӣ аз шавҳар ё вафоти шавҳари худ дар навбати аввал ба масъалаи манзили зист рӯ ба рӯ мегарданд. Баъдан, масъалаи таъмини моддӣ ва таълиму тарбияи кӯдакони ятиммонда ба миён меояд. Имкониятҳои истеъмолӣ ва вазъи моддии модарони танҳо нигаронкунанда боқӣ мемонанд. Модари танҳо кӯдакони хурдсолро дар хона танҳо ва бе таълиму тарбия монда, барои таъминоти моддии худ ва фарзандонаш ба ҷустуҷӯйи кор мебарояд.

Баъзе аз модарони танҳо як сарчашмаи даромад доранд, ин гуна оила аз ҳисоби кумакпулӣ барои бекорӣ ва ё кумакпулӣ барои кӯдакон зиндагӣ мекунад. Модари танҳо метавонад кор кунад, муваҗатан бекор бошад, муваққатан қобилияти амалкуниаш маҳдуд гардида бошад ва ё шахси ғайри қобили амалкунӣ эътироф гардида бошад. Дар ҳар сурат модари танҳо аз кӯмакпулии муқарраргардида маҳрум намегардад. Ҳарчанд аз ҷониби давлат кӯшишҳои кӯмак расонидан ба ин гуна оилаҳо ба мушоҳида мерасанд, аммо ин кӯмакҳо ниҳоят кам буда, барои қонеи оддитарин талаботҳои онҳо басанда нестанд.

Мувофиқи таҳқиқоти гузаронидаи Нафикова Гулнара Зайнулловна сарчашмаи асосии даромади оилаҳои нопурра алименти шавҳари қаблӣ, нафақаи ҳармоҳа барои кӯдаки ноболиғ ва музди меҳнати ғайритахассусии модари танҳо (агар кор кунад) мебошад. Бо сабаби паст будани сатҳи қобилияти харидорӣ ва маҳдудияти молиявӣ оилаҳои нопурра аз истифодаи ашёи маишӣ даст мекашанд ва даромади худро асосан ба хӯрокворӣ ва либос сарф менамоянд. Аммо сифати маҳсулоти хӯрокворunion оилаҳои нопурра паст аст, даромади кам ин оилаҳоро маҷбур менамоянд, ки истеъмолӣ маҳсулоти босифату қимати

хӯрокворӣ, мисли моҳӣ, гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ, мевагиҳоро маҳдуд намоянд. Дар баъзе оилаҳои нопурра пул ҳатто ба харидани нону картошка намерасад. Маҳдудияти хӯрока дар оилаҳои серфарзанди нопурраи деҳотҷойҳо бештар ба мушоҳида мерасад[81]. Аксарияти оилаҳои нопурра ҳамчун оилаи ниёзманд имконияти харидорӣ, сохтан ва ё таъмири манзили зистро надоранд. Аз сабаби паст будани даромади иқтисодӣ барои ҳалли масъалаҳои манзил аз бонкҳо қарз ҳам гирифта наметавонанд. Дар шаҳрҳо аксарияти оилаҳои нопурра манзили зисти худро надоранд ва иҷора мешинанд (махсусан, оилаҳои нопуррае, ки бо мақсади шуғлмандӣ аз деҳот ба шаҳр кучидаанд).

Баъзе аз занони деҳот пас аз ҷудошавӣ аз шавҳар ва ё сабаби дигаре, ки боиси модари танҳо гаштанашон мегардад, ба шаҳрҳо руй меоранд ва ба ҳама кори вазнин бо маоши кам ва аз имконият널ашон берун розӣ мешаванд. Махсусан, дар сехҳои дӯзандагӣ, пешхизмати ошхонаю тарабхонаҳо, фурушандаи марказҳои савдо, бозор ва савдои кӯчагӣ ба модарони танҳо зиёд вохӯрдан мумкин аст. Баъзан вақт баъзе аз модарони танҳо барои таъмини зиндагӣ ва қонеъ гардонидани талаботҳои моддии фарзандон аз танфурӯшию фоҳишагӣ ва дигар каҷрафториҳои нанговар рӯй намегардонанд.

Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки модарони танҳо асосан касбу ихтисоси рӯзгузаронӣ надоранд, хеле барвақт оиладор шудаанд ва барои зиндагии мустақилона ва бешавҳар омода нестанд. Онҳо на танҳо талаботҳои моддӣ ва маънавии фарзандони ятиммонда, балки зиндагии худашонро пеш бурда наметавонанд. Ҳолатҳое ҷой доранд, ки дигар хешовандон ба модари танҳо кумак мерасонанд, аммо кумакҳои онҳо ва собиқ шавҳарон дар сатҳи ақал талаботҳои моддӣ ва маънавии кӯдакон ва худи ӯро қонеъ гардонида наметавонад. «Оилаҳои нопурра оилаҳои

[81] Ниг.: Нафикова, Г.З. Институализация неполной семьи в трансформирующемся обществе: дисс. … канд. социол. наук: 22.00.04 / Нафикова, Гульнара Зайнулловна. – Уфа, 2005. – 151 с.

эҳтиёҷманд ва камбизоат буда, дар он модари танҳо нақши ҳам таъминкунанда ва ҳам тарбиятгарро якҷо иҷро менамояд»[82].

Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки аксарияти модарони танҳо мехоҳанд дар ақди никоҳ бошанд ва оилаи пурраро ташкил кунанд, ҳарчанд дар таҷриба чунин модарон нисбати занони бешавҳари бефарзанд имконияти камтар доранд. Маҳз ин ҳолат модарони танҳоро аз ҷустуҷӯйи шавҳар бозмедорад, бештари вақти худро ба нигоҳубини фарзанд ва кори хоҷагии хонагӣ мегузаронанд.

Дар замони муосир оилаҳои нопурраи тоҷик эҳтиёҷманд буда, ба як қатор мушкилӣ дучор мешаванд, ки камбизоатӣ, бекорӣ, бепарасторӣ, сатҳи нокифояи саводнокии кӯдакон, боло рафтани ҷинояткорӣ, нашъамандӣ, майхорагӣ, танфурӯши мисоли онҳост. Ноустувории оилаҳои нопурра, низоъ дар муносибатҳои волидайн бо фарзандон, беназоратӣ ва зиёдшавии ҷинояткории наврасон аз бӯҳрони арзишҳои оилавӣ шаҳодат медиҳанд. Ҳарчанд модарони танҳо фаъолии зиёди иқтисодӣ нишон диҳанд ҳам, аммо имконияти пурраи таъминоти фарзандони худро надоранд.

Албатта, воқеияти имрӯза нишон медиҳад, ки давлат уҳдадориҳои иҷтимоии худро ба хубӣ иҷро менамояд ва пайваста кӯдакони нимятими оилаҳои нопурра мавриди ғамхории доимӣ қарор доранд. Вале набояд фаромӯш сохт, ки ягон муассиса ва мушфиқтарин мураббӣ ҷойи муҳаббати падару модарро гирифта наметавонад. Равоншиносон ҳам собит намудаанд, ки чунин кӯдакон пайваста ба меҳри аъзоёни оила, махсусан, волидайн ниёзманданд. Бинобар ҳамин ҳам, ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеа ба ин масъала, таъмини ҳамоҳангии фаъолияти онҳо метавонад самараи зарурируо ба бор оварад.

Нисбат ба занони бефарзанд модарони танҳо дар бозори меҳнат имкони дарёфти кори нопурра доранд, онҳо имконияти пурра машғули

[82] Чурилова, Е.В. Состав и благосостояние неполных семей в России [Текст] / Е.В. Чурилова // Социологические исследования. – 2015. – №3 (371). – С. 79.

фаъолияти меҳнатиро надошта, дар натиҷа пешрафти касбии худро соҳиб шуда наметавонанд. Дар ҷомеаи мо корманди намунавӣ будан ва ҳамзамон модари намунавӣ будан ду мафҳуми бо ҳам зид мебошад, зеро модари танҳое, ки комилан фарзандони замонавӣ ва пешрафта тарбия кардан мехоҳад, пешрафти касбии худро таъмин карда наметавонад. Модароне, ки бо сабаби таълиму тарбияи фарзандон аз фаъолият дур мегарданд, то дараҷае ихтисосмандии хешро гум мекунанд.

Модарони танҳо дар ҳамон соҳаҳои бозори меҳнат фаъолият мекунанд, ки аз онҳо донишҳои махсус, таҷрибаи калони корӣ ва реҷаи ҷиддии корӣ талаб карда намешаванд. Махсусан, маоши меҳнатии модарони танҳо нисбати дигар кормандон хело кам аст, ки ба рӯзгори онҳо кифоягӣ намекунад. Чи қадаре, ки синну соли фарзандони модарони танҳо хурд бошад, ҳамон қадар имкониятҳои меҳнатии модарони танҳо маҳдуд мегардад. Бо калон шудани синну соли кӯдакон модарони танҳо барои кору фаъолият ва пешрафти шахсӣ имкони бештаре пайдо мекунанд. Аз сабаби он ки модарони танҳо дар қонунгузории меҳнатии Тоҷикистон имтиёзҳои махсус доранд (масалан, кумакпулиҳо, бо сабаби кӯдаки хурдсол доштан, қатъ нашудани шартномаи меҳнатӣ) аксарияти корфармоён барои ба кор қабул намудани модарони танҳо худдорӣ менамоянд.

Агар дар даврони Шӯравӣ модарони танҳо имконияти дар кӯдакистонҳо ҷой додани фарзандони худ ва бо ин васила ба фаъолияти пурраи корӣ машғул шуданро доштанд, аммо имрӯз шароити воқеӣ каме дигар шудааст. Аксарияти модарони танҳо бо маоши ночизи худ имконияти ҷой додани фарзандони худ ба кӯдакистонҳоро надоранд. Барои ин хизматрасонӣ аз хешовандон ва дигар шахсони наздики худ истифода мебаранд. Бо ин сабаб, онҳо ба корҳое даст мезананд, ки вақти пурраи кориро талаб намекунад ва ё хусусияти мавсимию муваққатӣ

доранд. Баъдан, имрӯз модарон ба таҳсилоти фарзандони худ таваҷҷуҳи бештар дода, бо умеди нақшаи таълимии мактабҳои миёнаи ҳамагонӣ нашуда, барои пешрафти фарзандони худ вақти бештареро ба харҷ медиҳанд. Зеро, агар модар дар баробари мактаб ба кӯдакони худ кор накунад, саводнокии онҳоро таъмин карда наметавонад. Ин гуна модарон барои ташкили дарсҳои иловагии фарзандони худ шароити молиявӣ надоранд ва маҷбур ҳастанд, ки пас аз кор барои баланд бардоштани сатҳи дониши кӯдакони худ бо онҳо машғул гардад.

Мушкилии дигаре, ки имрӯз баъзе аз модарони танҳо дар ҷойи кор рӯ ба рӯ мегарданд, зӯроварии шаҳвонӣ мебошад. Зӯроварии шаҳвонии занон дар ҷойи кор дар Тоҷикистон аксар вақт аз назари ҷомеа пинҳон мемонад, худи занон кӯшиш менамоянд, ки дар ин бора хомӯш бошанд, зеро оммавӣ намудани ин мушкилӣ ба онҳо як қатор масъалаҳои дигарро бор менамояд. Аввалан, ин гуна занонро атрофиён маҳкуму маломат мекунанд ва баъдан, онҳо дар ҷойи кор ба мушкилӣ гирифтор шуда, ҳатто эҳтимолияти аз кор озод шуданашон ба миён меояд.

Дар бораи зӯроварии ҷинсии занон дар ҷойи кор оморӣ расмӣ вуҷуд надорад. Дар низоми қонунгузории Тоҷикистон барои «ҳаракатҳои шаҳвонӣ бо истифода аз вазифаи хидматӣ» муҷозот пешбинӣ шудааст. Дар моддаи 140-и Кодекси ҷиноии Тоҷикистон омадааст, ки "маҷбур намудани шахс ба робитаи ҷинсӣ ё анҷоми ҳар ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ бо роҳи шантаж" бо ҳафтсад нишондиҳанда ҷарима ё то ду соли маҳрумият аз озодӣ анҷом хоҳад шуд[83]. Дар воқеият шумораи заноне, ки барои зӯроварии ҷинсии худ дар ҷойи кор ба мақомоти дахлдор шикоят кардаанд, хеле кам аст.

Яке аз стратегияи модарони танҳо дар ҳолатҳои мушкилоти зиндагӣ рӯй овардан ба муҳоҷирати меҳнатии хориҷа мебошад.

[83] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998, № 574 [манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj/content (санаи истифодабарӣ: 23.12.2021).

Модарони танҳое ҳастанд, ки дар Тоҷикистон фарзандони худро дар ихтиёри хешовандони наздики худ вогузошта ба вақти пурраи корӣ машғул мегарданд. Имрӯз мушоҳида мегардад, ки баъзе аз модарони танҳо дар Тоҷикистон фарзанд ё фарзандони хурдсоли худро ба бобою модаркалон ва ё дигар хешовандон гузошта ба муҳоҷирати меҳнатии берун аз кишвар сафар менамоянд. Ба андешаи мутахассисони Кумитаи кор бо занони Тоҷикистон аксарияти занҳои муҳоҷир маҳз пас аз гирифтани талоқ аз ҳамсарони худ тасмими ба Россия рафтанро мекунанд, чунки ба ин ақидаанд, ки танҳо дар муҳоҷират имкони тағийр додани зиндагиашонро доранд.

Дар раванди шаҳришавӣ масъалаҳои иҷтимоӣ меафзоянд ва ин раванд, махсусан, ба институти оила таъсири худро мерасонад. Тарзи зиндагии шаҳрӣ ба сохтори оилаҳо таъсир расонида, муносибатҳои аъзоёни оила, анъанаҳо ва арзишҳои оилавиро дигаргун менамояд. Ҳангоми баррасӣ ва таҳлили масъалаи оилаҳои нопурра ва ҳолати модарони танҳо на танҳо ҷинс, балки фарқиятҳои макони зистро ҳам ба назар гирифтан лозим аст, зеро имкониятҳои модарони танҳо дар шаҳр ва деҳот фарқ мекунанд ва ҳар яке афзалиятҳо ва маҳдудиятҳои худро дорад.

Дар шароити шаҳришавӣ шумораи оилаҳои нопурра ва модарони танҳо меафзоянд, зеро тарзи зиндагии шаҳрӣ зану мардро водор менамояд, ки ба рушди касбӣ диққат дода, ба муносибатҳои анъанавии оилавӣ камтар таваҷҷуҳ намоянд. Муҳити шаҳрӣ аз зану мард фаъолии касбию иҷтимоиро талаб менамояд. Аз ин сабаб, дар чунин шароит бо назардошти маданияти мавҷуда шумораи ҷудошавии ҳамсарон меафзоянд. Баъзе занон аз оила дида, худтадбиқнамоӣ ва пешрафт дар ҷойи корро авлотар медонанд ва дар ҳолати ба ин мақсадҳои онҳо монеа гаштани муносибатҳои оилавӣ, аз баҳри охирин мегузаранд ва ҷудо мешаванд. Мутаассифона, ин зуҳуроти иҷтимоӣ торафт дар муҳити

шаҳрҳои калони Тоҷикистон, махсусан, дар шаҳри Душанбе торафт меафзояд.

Дар деҳот низ кори занон мушкил ва хастакунанда аст, зеро дар баробари кори хона, инчунин ба кори саҳро ва хоҷагиҳои деҳқонӣ машғуланд. Модарони танҳо дар шароити деҳот низ дар тарбияи фарзандон ва таъминоти иқтисодии онҳо мушкилӣ мекашанд. Фарзандони ин гуна оилаҳои нопурра ҳанӯз аз даврони хурдсолӣ ба кори хона ва хоҷагидорӣ ҷалб карда мешаванд, ки ба таҳсилу тарбияи онҳо беасар намемонад. Модарони танҳо дар деҳот бо кумаки ночизи дигар аъзоёни хонавода ва хешовандон зиндагии худ ва фарзандонро пеш мебаранд ва эҳтиёҷманданд. Мутахассиси соҳаи гендер Т. Бозрикова дар ин масъала чунин ибрози назар менамояд: «Занони деҳот нисбати мардон бештар ба меҳнати бемузд машғуланд, ки ин корҳоро на танҳо дар хона, балки дар корхонаҳои оилавӣ, хоҷагиҳои фермерӣ ва ғайраҳо ба анҷом мерасонанд. Бартараф намудани монеаҳои роҳи таъмини баробарии гендерӣ дар соҳаи шуғлмандӣ ва сафарбарномоии занон ба бозори меҳнат бевосита аз васеъ гардонидани дастрасии занон ба таҳсилот, ба даст овардани малакаҳо ва донишҳои касбӣ, рушди инфрасохтори таҳсилоти томактабӣ ва хизматарасонии маишӣ, коммуникатсияи нақлиётӣ ва ғайраҳо вобастагӣ дорад»[84].

Масъалаи дигаре, ки дар ин ҷо бояд мавриди таваҷҷуҳ қарор гирад, ба шаҳрҳо омадани модарони танҳо мебошад. Аксарияти модарони танҳо барои таъмини рӯзгор ба шаҳрҳо омада кор мекунанд. Онҳо асосан дар ошхонаю тарабхонаҳо ба сифати пешхизмат ва фаррош, дар бозор ва дигар шаклҳои хизматрасонӣ машғул мешаванд. Аксарияти ин гуна занон касбу ихтисоси зарурӣ надоранд ва ба корҳои хастакунанда

[84] Бозрикова, Т. Ключевые приоритеты по преодолению неравного доступа сельских женщин таджикистана к ресурсам / Т. Бозрикова // Гендерное равенство, социальная защита и развитие сельских регионов: взгляд из Восточной Европы и Центральной Азии. – Будапешт, 2016. – С. 53.

машғуланд. Аксарияти онҳо дар шаҳр ицоранишинанд ва вазъи мушкили нигаронкунанда доранд.

Барои таъмини модарони танҳо ба ҷойи кори мусоид дар шаҳр ва муқаррар намудани имтиёзҳо яке аз тадбирҳои ҳифзи иҷтимоии онҳо мебошад. Мақомоти дахлдор бояд ба модарони танҳое, ки дар ҳақиқат соҳибкасб шудан мехоҳанд ва хоҳиши кор кардан доранд бояд кумак намояд. Зеро баъзе аз модарони танҳо аз сабаби мушкилии таъминоти иҷтимоии хонавода ва кӯдаконашон даст ба ҳар гуна каҷрафториҳо мезананд. Махсусан, дар шаҳрҳо занони қаллобу фоҳиша ва ҷинояткор аз ҳисоби занони фарзандори аз шавҳарашон ҷудошуда торафт меафзояд.

Як мушкилии асосии оилаҳои нопурра ва модарони танҳо, пеш аз ҳама нарасидани манзили истиқоматӣ мебошад, зеро аксарияти модарони танҳо пас аз ҷудо шудан аз шавҳарҳои худ бе хонаи шахсӣ мемонанд. Махсусан, барои модарони танҳое, ки дар муҳити шаҳрӣ зиндагӣ ва кору фаъолият мекунанд, манзили зист мушкилии асосии ба ҳисоб меравад. Бештари ин гуна модарон қисми зиёди маош ва даромади пулии худро ба иҷорапулӣ сарф мекунанд.

Масъалаи дигар иҷтимоишавии кӯдакон дар оилаҳои нопурраи шаҳрӣ мебошад, зеро дар муҳити шаҳр таълиму тарбияи фарзандон барои модарони танҳо хеле вазнин аст. Муҳити шаҳрӣ аз модарони танҳо фаъолӣ ва касбиятро талаб менамояд, аммо барои модарони танҳо дар муҳити шаҳрӣ анҷом додани ҳам таълиму тарбия ва ҳам пешрафти касбӣ мушкил мебошад. Ҳарчанд торафт модарии танҳо ба як зуҳуроти муқаррарӣ табдил меёбад, аммо имрӯз ҳам дар ҳамаи маданиятҳо оилаи пурра намунаи оилаи идеалӣ қабул шудааст, ки ҳаёти накӯаҳволонаи оилавиро таъмин мекунад ва мушкилоти кӯдакону наврасон бештар ба норасоии тарбия дар оилаҳои нопурра марбут дониста мешавад. Дар оилаҳои танҳо модар бештар кор мекунад, барои рӯзгорашон пул кор

кунанд, барои тарбияи фарзанд вақти кам меёбад, аз ин сабаб аксарияти кӯдакони ин гуна оилаҳо марҳилаи вазнини наврасиро аз сар мегузаронанд.

Ҷомеашиноси рус А. Харчев низ махсус дар бораи оилаҳои нопурра, харобшавии нақшҳои оилавии ҳамсарон ва аз тарафи онҳо пурра иҷро нашудани ӯҳдадориҳои оилавӣ таҳқиқоти арзишманде гузаронидааст[85]. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки ба тавлиди кӯдак дар оилаи нопурра сохтори оилае, ки қаблан зан аз кӯдаки дар он зиндагӣ мекард, таъсири калон мерасонад. Зани дар оилаи нопурра таваллудшуда ва ба воя расида, эҳтимол дорад, ки ин амсилаи рафторро идома диҳад ва рафтори модарони худро такрор кунад. «Кам нестанд ҳолатҳое, ки модарии танҳоро насли нав такрор мекунад... Мувофиқи омори ҷаҳонӣ писарчае, ки дар оилаи нопурра калон шудааст ва ҷойи падар аз аввал холӣ аст, нисбати ҳамсоли аз оилаи накуаҳволаш имконияти бештари ба маҳбас афтиданро дорад. Дар духтарони бе падар ба воярасида имконияти модари танҳо шудан панҷ маротиба зиёд аст. Дар байни кӯдакони зери назари модари танҳо калоншуда майхораю нашаъамандон хеле зиёданд»[86].

Бо модар мондани фарзандон пас аз қатъи ақди никоҳ зуҳуроти маъмул ва паҳншуда мебошад, ки аслан аксарияти падарон ихтиёрона даъвои гирифтани фарзандонро намекунанд[87]. Аввал ин ки фарзандон бештар ба ғамхории модарон эҳтиёҷманданд ва ба модар бештар одат кардаанд ва баъдан, аксарияти падарон берун аз хона фаъолият мекунанд ва барои тарбияи фарзандони нимаятим вақти кофӣ надоранд. Инчунин аксарияти падарон пас аз қатъи ақди никоҳ бо ҳамсари пештараашон зуд аз нав оиладор мешаванд ва ҳолати фарзандон дар зери дасти модарандар хуб нахоҳад буд. Дар аввал пас аз қатъи ақди

---

[85] Ниг.: Харчев, А.Г. Брак и семья в СССР [Текст] / А.Г. Харчев. – М.: Мысль, 1979. – 366 с.
[86] Григорьева, О. Одинокое материнство / О. Григорьева // Советская Белоруссия. – 2001. – №1. – С. 3.
[87] Ниг.: Шевченко, И.О. Ситуация после развода: отцы и дети [Текст] / И.О. Шевченко // Социологические исследования. – 2015. – №3. – С. 72.

никоҳ падарон зуд-зуд аз ҳол фарзандонашон хабар мегиранд, аммо бо гузашти вақт ин дидорбинӣ кам мегардад.

Муносибати падар бо фарзандон пеш аз ҳама аз модар ва баъдан, аз худи падар вобастагӣ дорад. Ҳолатҳое ҷой доранд, ки модар тамоми алоқаҳои фарзандонро бо падарашон мебандад ва бо ин аз падари фарзандон қасос гирифтан мехоҳад. Кор то дараҷае мерасад, ки фарзандонро модар ба зидди падари худ таҳрик медиҳад ва фарзандон ҳатто падари худро дигар чашми дидан надоранд. Аммо пас аз балоғат расидан мефаҳманд, ки хато кардаанд ва дар суроғи падари худ мегарданд. Агар волидайн пас аз қатъи ақди никоҳ муносибатҳои мусбии худро нигоҳ дошта тавонанд, падар низ хоҳиши дидани фарзандони худро дошта бошад, пас иштироки падар дар таълиму тарбия фарзандон бо додани алимент маҳдуд намегардад.

Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки сатҳи шуур ва маданияти ҳуқуқии аксарияти модарони танҳо дар сатҳи паст қарор дорад. Ҳангоми қатъ шудани ақди никоҳ бештари ҳолат модарони танҳо, ки эҳтимолан таълиму тарбияи фарзандонро ба ӯҳда мегиранд, барои гирифтани алимент ба суд муроҷиат намекунанд. Давоми нимсолаи дуюми соли 2018 судҳои Тоҷикистон тақрибан 700 парвандаи падаронеро баррасӣ кардааст, ки пас аз ҷудо шудан аз ҳамсарони худ аз пардохти маблағи алимент саркашӣ кардаанд. Аз ин шумора бо қарори суд 585 нафарашон барои напардохтани маблағи алимент аз 6 моҳ то се сол аз озодӣ маҳрум гаштаанд. Ин далелҳо аз бемасъулиятӣ ва бепарвоии падарон дар таълиму тарбия ва ғамхорӣ ба фарзандон шаҳодат медиҳад.

Бояд ёддовар шавем, ки соли 2017 дар моддаи 178-уми Кодекси ҷиноӣ тағйиру иловаҳо ворид карда шуд ва мувофиқи муқаррароти нав шахсоне, ки давоми 3 моҳ аз пардохти алименти фарзандон саркашӣ мекунанд, онҳоро то 3 сол маҳрумшавӣ аз озодӣ таҳдид менамояд. Ба

фикри мо барои пардохти алимент аз ҷониби падар бояд дар қонунгузорӣ тағйиротҳо илова гарданд. Масалан, падароне, ки маблағи алиментро насупоридаанд, барои сафар ба хориҷи кишвар иҷозат дода нашаванд, бонкҳо ба додани қарз ба чунин ашхос худдорӣ намоянд ва ғайраҳо.

Мутаассифона, духтарони тоҷик пас аз хатми мактаби миёна дар дуроҳаи зиндагӣ қарор мегиранд. Хонданро давом диҳанд ва кор кунанд ва ё зиндагии оилавиро ташкил намоянд, зеро дар Тоҷикистон андешаи ҷавонписарон нисбати духтарони таҳсилдида ва ба фаъолияти меҳнатии берун аз оила машғулбуда на ҳама вақт мусбӣ аст. Баъдан, бештари ҷавонони тоҷик бо духтарони «нохонда» никоҳ бастанро афзалтар мешуморанд. Яъне зане, ки давом додани таҳсил, машғул шудан ба пешрафти касбӣ ва ё машғул шудан ба илмро интихоб мекунанд, дар зиндагии оилавӣ бисёр чизҳоро қурбон мекунанд.

Баъзан вақт, зиндагии комили оилавии худро аз даст медиҳан, ба ибораи мардум «пирдухтар» мешаванд, баъзеашон маҷбур мешаванд, ки ба сифати зани дуюму сеюм розӣ шаванд. «Зиддияти байни модарӣ ва фаъолияти касбӣ масъалаи ҷиддӣ мебошад, аммо аксарияти занон омода ҳастанд, ки пешрафти касбӣ ва фаъолияти илмии худро қурбони таваллуд ва тарбияи кӯдакон намоянд… Кӯшиши якҷоя намудани нақшҳои модарӣ ва касбӣ аз занони ҷавон шиддат ва нерӯи зиёди ҷисмонию маънавиро талаб менамояд»[88]. Занони шавҳардор ва кӯдакдоре, ки дар илм, сиёсат ва фаъолияти ҷамъиятӣ ба пешрафт ноил гаштаанд, на танҳо соҳиби қобилият ва зеҳни бузурганд, балки ин аз меҳнатдӯстӣ, таҳаммулпазирӣ, сабру тоқат, матонату исроркорӣ ва шикастнопазирии онҳо гувоҳӣ медиҳад.

[88] Грицай, Л.А. Материнство и наука: к вопросу о родительских установках современных российских женщин-ученых [Текст] // Социология науки и технологий. – 2011. – № 4. – С. 103.

Хулоса, занони танҳо дар оилаҳои нопурра як қатор масъалаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ доранд, махсусан, дар масъалаи таълиму тарбия ва таъминоти иқтисодии фарзандон ба як қатор мушкилот гирифтор гардидаанд. Модарони танҳо дар ҳолатҳои мушкили зиндагӣ аз тадбирҳои гуногун истифода мебаранд, махсусан, машғул шудан ба корҳое, ки тахассусмандиро талаб намекунанд ва вақти нопурраи корӣ доранд. Баъзе аз модарони танҳо ба шаҳрҳои калон омада, иҷоранишин мешаванд ва ба корҳои вазнини хастакунанда машғул мегарданд. Ҳамзамон, рӯ овардан ба муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ барои модарони зиёди танҳо рафтори стратегӣ дар ҳолатҳои мушкилӣ ҳаётӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, бояд механизмҳои расонидани кумакҳои иҷтимоӣ барои бартараф намудани масъалаҳои оилаҳои нопурра ва модарони танҳо кор карда баромада шаванд.

## 2.2. Хусусиятҳои иҷтимоишавии кӯдакон дар оилаҳои нопурраи Тоҷикистон

Муайян шудааст, ки инсон новобаста аз хоҳишҳои худ берун аз ҷомеа ва озод аз он зиндагӣ карда наметавонад. Ба ин хотир инсонро мавҷуди иҷтимоӣ арзёбӣ менамоянд ва раванди бошуургардӣ ва иҷтимоӣ гаштани инсон натиҷаи иҷтимоишавӣ ва ҷараёни омӯзиш аст. Инсоният барои азхуднамоии арзишу меъёрҳои иҷтимоӣ вақти зиёдеро талаб менамояд, зеро инсон на танҳо дар кӯдакӣ, балки дар наврасию ҷавонӣ раванди омӯзишро давом медиҳанд. Аз ин рӯ, инсон ба ҳама гуна шароит қобилияти мутобиқшавӣ дорад ва ба муносибатҳои мураккаби иҷтимоӣ ворид мегардад.

Барои сифатҳои иҷтимоиро касб кардан бояд инсон раванди иҷтимоишавиро гузарад, зеро инсон нисбат ба дигар мавҷудоти зинда оҷиз таваллуд мешавад ва ниёз ба дастгирӣ ва ғамхорӣ дорад. Э. Гидденс дар ин масъала хеле бомаврид қайд намудааст: «Ҳайвоноти олӣ бояд воситаҳои мувофиқи рафторро омӯзанд. Насли навзоди ҳайвоноти

ширхор пас аз таваллуд комилан оҷизанд, ба кумаку ғамхории калонсолон эҳтиёҷманд мебошанд. Кӯдаки навзоди инсон бошад аз дигар ҳайвонҳои ширхор дида оҷизтар аст. Кӯдаки инсон агар дар давоми ақаллан 4-5-соли аввал аз кумаки дигарон бархурдор нагардад, зинда намемонад»[89]. Дар ҷамъият ба насли наврас меъёру арзишҳои муқарраргаштаи иҷтимоиро волидайн меомӯзонанд, онҳоро ба ҳаёти иҷтимоӣ омода месозанд ва таҷрибаи зиндагии ғун намудаашонро меомӯзонанд.

Аз ин ҷо метавон хулоса баровард, ки иҷтимоишавӣ қабл аз ҳама раванди азхуднамоии меъёрҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва нақшҳои иҷтимоӣ мебошад, ки тамоми умр давом менамояд. Маҳз иҷтимоишавӣ ба мо ошкор месозад, ки инсон чи гуна роҳи дурударози чанд миллионсолаи эволютсияи биологӣ ва чанд ҳазорсолаи таҳаввулоти фарҳангиро дар як муддати кӯтоҳ тай намуда, аз мавҷуди оддии биологӣ ба мавҷуди нерӯманди иҷтимоӣ табдил меёбад.

Сифатҳои шахсӣ маҳсули ҷомеа, муносибатҳои иҷтимоӣ, раванди коммуникатсия ва натиҷаи иҷтимоишавӣ мебошанд. Таъсири ҷомеа ба фард ва ба шахс табдил додани ӯ дар илми сотсиология - иҷтимоишавӣ (сотсиализатсия) ном гирифтааст. Иҷтимоишавӣ раванди азхудамоии фарҳанг (меъёрҳо, арзишҳо, идея, қоида, рафтор ва қолабҳои ҳукумрони ҷомеа мебошад. Иҷтимоишавӣ гуфта, ҷараёни ба ҳамтаъсирасонии иҷтимоиро менамонд, ки дар раванди он одамон донишҳо, назарҳо, присипҳо ва қоидаи рафтори ҳаётан муҳими ҷомеаро аз худ мекунанд. Маҳз бо воситаи иҷтимоишавӣ организми оддии биологӣ ба мавҷуди иҷтимоии созандаю эъҷодкор, яъне шахс табдил меёбад. Бе ҷараёни иҷтимоишавӣ аз як насл ба насли дигари инсонӣ интиқол додани мероси фарҳангӣ ғайриимкон аст.

---

[89] Гидденс, Э. Социология [Текст] / Э. Гидденс. Науч. ред. В.А. Ядов. – М.: Эдиториал УРСС, 1999. – С. 69

Ба раванди иҷтимоишавии шахс сотсиологи фaрансӯз Э. Дюркгейм таваҷҷӯҳи ҷиддӣ зоҳир намуда, зери ин мафҳум амали шуури коллективӣ ва аз як насл ба насли дигар гузаштани меъёрҳо ва анъанаҳои иҷтимоиро фаҳмидааст. Э. Дюркгейм менависад: «Ҷомеа ҳамон вақт вуҷуд дошта метавонад, ки дар байни аъзоёни он ба дараҷаи зарурӣ монандӣ ва шабоҳат вуҷуд дошта бошад. Тарбия ин гуна шабоҳатро такрористеҳсол ва устусор мегардонад… аммо аз дигар тараф, бе фарқият ва гуногунрангӣ боз мавҷудияти ҳамкориҳо ва ширкатҳо ғайриимкон мегарданд. Дар ин ҳолат ҳам тарбия ин зарурати тафовутҳоро ҳифз менамояд… дар ин ду ҷанбаи худ дар иҷтимоишавии насли наврас инъикос мегардад»[90].

М. Вебер иҷтимоишавиро мутобиқати одамон ба институтҳои ҷомеа ва василаи қабули меъёрҳои эътирофи умумгаштани иҷтимоӣ номидааст. Т. Парсонс бошад иҷтимоишавиро ҳамчун ҷараёни адаптатсияи функсионалистии фард мефаҳмад. Ба андешаи ӯ иҷтимоишавӣ «як воситаи барқарорнамоии тавозуни иҷтимоӣ аст».[91] Дар «Идеологияи немис» - и К. Маркс ва Ф. Энгелс дар мавриди иҷтимоишавии шахс чунин омадааст: «инкишофи шахс ба инкишофи дигар фардҳо, ки дар муоширати бевосита ва ё бавосита қарор дорад, вобастагии зиёд дорад.. наслҳои мухталифи фардҳои муносибати тарафайндошта бо ҳам алоқаманд мебошанд... мавҷудияти ҷисмонии наслҳои баъдинаро наслҳои гузашта муайян менамоянд… таърихи фарди алоҳида ҳеҷ гоҳ аз таърихи фардҳои пешгузашта ё муосиронаш чудо буда наметавонад, балки мавҷудияти онро муайян менамояд».[92]

Сотсиологи америкоӣ Н. Смелзер дар бораи иҷтимоишавӣ чунин менависад: «Иҷтимоишавӣ на танҳо ба мо имконият медиҳад, ки

---

[90]Дюркгейм, Э. Социология. Ее предмет, метод, предназначение / Э. Дюркгейм. Пер. с фр., составление, послесловие и примечания А.Б. Гофмана. – М.: Канон, 1995. – С. 154.

[91] Ниг.: Парсонс, Т. Система современных обществ / Т. Парсонс. – М.: Академ. проект, 1997. – С. 41–42.

[92] Маркс, К. Немецкая идеология. Избр. соч.: В 9 т. Т. 2 / К. Маркс, Ф. Энгельс. – М., 1985. – С. 411–412.

тавассути азхуднамоии нақшҳои иҷтимоӣ бо ҳам муошират намоем, балки ҳифзу нигоҳдошти ҷомеаро таъмин менамояд. Ҳарчанд шумораи аъзоёни ҷомеа пайваста тағйир меёбад, одамон таваллуд мешаванд ва мемиранд, иҷтимоишавӣ ба нигоҳдории худи ҷомеа мусоидат менамояд, ба шаҳрвандони насли нав идеалҳо, арзишҳо ва намунаи рафтори мақбули умумгаштаро меомӯзонад».[93] Ба андешаи Н. Смелзер иҷтимоишавӣ раванди ҳамгироии шахс бо ҷомеа дар шаклҳои гуногуни умумиятҳои иҷтимоӣ (гурӯҳҳо, институтҳои иҷтимоӣ, ташкилотҳои иҷтимоӣ) тавассути аз ҷониби онҳо азхуднамоии унсурҳои маданият, меъёрҳо ва арзишҳои иҷтимоӣ мебошад, ки дар натиҷаи он сифатҳои муҳими иҷтимоии шахс ташаккул меёбанд. Ба раванди иҷтимоишавии шахс омилҳои муайяне, мисли интизорӣ, тағйирдиҳии рафтор ва кушиши мувофиқат намудан ба ин интизориҳо таъсир мерасонанд. Н. Смелзер ду зина иҷтимоишавиро аз ҳам ҷудо менамояд. Дар марҳилаи аввал фард ба шароитҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ба вазифаҳои нақшӣ, меъёрҳои иҷтимоӣ, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, ташкилотҳо, институтҳои иҷтимоӣ ва умуман муҳити ҳайёту фаъолияти худ мутобиқ мегардад. Дар давраи дуюм, ки интериоризатсия ном дорад, меъёрҳо ва равишҳои иҷтимоӣ ба олами ботинии шахс пайваст мегарданд.[94]

Сотсиологи машҳури англис Э.Гидденс раванди иҷтимоишавии шахсро чунин тасвир намудааст: «Иҷтимоишавӣ равандест, ки навзоди оҷиз ботадриҷ ба мавҷуди бошуури худшинос табдил меёбад, ба моҳияти маданияте, ки дар он таваллуд шудааст, сарфаҳм меравад. Иҷтимоишавӣ кадом як навъи «барномасозии фарҳангӣ» нест, ки кӯдак пассивона онро қабул намояд, балки аз давраҳои аввали таваллуд ниёзҳо ва талаботҳоро ҳис менамояд ва дар навбати худ ба рафтори он одамоне, ки ба ӯ ғамхорӣ менамоянд, таъсир мерасонад».[95]

---

[93] Смелзер, Н. Социология [Текст] / Н. Смелзер. Пер. с англ. – М.: Феникс, 1994. – С.67.
[94] Ниг.: Смелзер, Н. Социология [Текст] / Н. Смелзер. Пер. с англ. – М.: Феникс, 1994. – 688 с.
[95] Гидденс, Э. Социология [Текст] / Э. Гидденс. Науч. ред. В.А. Ядов. – М.: Эдиториал УРСС, 1999. – С. 69.

Сотсиологи тоҷик Ш. Шоисматуллоев зери мафҳуми «иҷтимоишавӣ» ҳам ҷараёни омӯзиши меъёрҳои иҷтимоӣ ва ҳам раванди мутобиқшавии фарҳангиро фаҳмидааст. Донишманд мафҳуми «иҷтимоишавӣ»-ро бо мафҳумҳои «ташаккулёбӣ», «инкшофёбӣ», «мутобиқшавӣ», «таълиму тарбия», «худмуаяннкунӣ» ва ғайра ҳаммаъно медонад. Ба ақидаи Ш. Шоисматуллоев «иҷтимоишавӣ» ва «ташаккулёбии шахс» гуфта, «ҳамон лаҳзаи тасври ҷараёни барқароршавии шахсиятро меноманд, ки дар ин лахза шахс на ҳамчун субъекти муносибатҳои иҷтимоӣ, балки объекти таъсири иҷтимоӣ баромад менамояд»[96].

Ҷараёни иҷтимоишавӣ бетанаффус буда, то охири умр давом менамояд. Ҷаҳони ичтимоӣ тағйир меёбад ва талаб менамояд, ки мо ҳам баробари он тағйир ёбем. Ҳаёт худ мутобиқшавии одамон ба тағйиротҳои иҷтимоӣ аст. Мушкилиҳои зиндагӣ ва зарурати ҳалли онҳо шахсро водор менамояд ҳамеша дар ҷустуҷӯ, такопӯ ва фаъолияти мунтазами эҷодӣ-истеҳсолӣ бошад. Иҷтимоишавии шахс яке аз масъалаҳои муҳими ҷомеа буда, дар ҳолати нодуруст корбаст намудани он боиси пайдоиши каҷрафториҳои иҷтимоӣ: бадахлоқӣ, оворагардӣ, нашъамандӣ, дуздӣ, ғоратгарӣ, майхорагӣ ва дигар рафторҳои ношоями фардӣ ва гурӯҳи мегардад. Иҷтимоишавии шахс ба шароитҳои маданияти миллӣ ва ҷаҳонӣ низ алоқамандии зич дорад, яъне омӯзиш на аз рафтори як гурӯҳ ё умумият, балки аз маҷмӯи хусусият, рафтору шуур ва сифатҳои иҷтимоии маданияти миллӣ шурӯъ мегардад, ки барои ҷамъият муҳим мебошанд. Омӯхтани маданияти миллӣ дар доираи қоидаи рафтор ва шуури ҷамъияти умумиинсонӣ мутобиқ шудаи яке аз хусусиятҳои муҳими иҷтимоишавии шахс аст. Тарғиби нишондодҳои муайяншудаи арзишҳои иҷтимоӣ-миллӣ низ ба тағйирёбии сифати иҷтимоии инсон таъсири амиқ мерасонад.

[96] Шоисматуллоев, Ш. Таджикистан в зеркале преемственности и смены поколений / Ш. Шоисматуллоев. – 2-е издание. – Душанбе: Ирфон, 2008. – С. 48.

Инсон дар ҷараёни зиндагиаш вобаста ба синусол, вазъи иқтисодӣ-сиёсӣ ва иҷтимоӣ, чандин маротиба симои шахсӣ, сифати иҷтимоии хешро тағйир медиҳад. Ӯро зарур аст, ки дар ҳар гуна шароит ба муносибатҳои иҷтимоӣ мутобиқ гардад, вагарна ҳаёти хешро ҳифз карда наметавонад. Маҳз раванди иҷтимоишавӣ мутобиқшавии шахсро дар ҳама вазъи иҷтимоӣ таъмин менамояд. Пас, иҷтимоишавӣ атрибути асосии ҳаёти инсон буда, бе он зиндагонии иҷтимоии фард ғайриимкон аст.

Ба андешаи муҳаққиқон нақши оила дар иҷтимоишавии шахс ниҳоят бузург аст. Дар раванди иҷтимоишавии шахс оила нақши намоён мебозад. Тавассути оила шахс ба ҳаёти иҷтимоӣ омода шуда, ҳамчун фарди комилҳуқуқи ҷомеа эътироф мешавад. Моҳияти ҳамчун омили иҷтимоишавӣ баромад намудани оила дар он зоҳир мешавад, ки «вазъи иҷтимоии волидайн дар давоми 20 соли ҳаёт статуси иҷтимоии кӯдакро муайян месозад. Маҳз касбу машғулияти волидайн дараҷаи маърифатнокӣ ва маданияти аъзоёни оиларо муайян менамояд»[97]. Дар оила кӯдак самимӣ ва таҳти назорати ҷиддии волидайн иҷтимоӣ мегардад. Ҳарчанд дар баробари ин оила метавонад ба раванди иҷтимоишавӣ таъсири бад расонад. Ҳакими хитоӣ Кофутси оиларо воситаи табиии худвоқеъгардонии кӯдак номидааст. Ба ақидаи ӯ оила ибтидои кори хайр аст, ки волидайн бошуурона барои рушди мувофиқи кӯдакони худ кӯшиш менамоянд ва вазифаи оила таваллуд ва ба воя расонидани кӯдаки аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва маънавӣ солим мебошад.

Оила имкониятҳои зиёд дорад, ки дар кӯдак эҳсоси дӯстдорӣ, озодӣ, эҳтироми дигарон, масъулият, кӯшиш ба маърифат ва эҷодкориро ташаккул диҳад. Оила организми мувофиқи зиндаест барои барқарорнамоӣ ва комилгардонии эҳсосоти инсонӣ. Меҳру муҳаббати падару модар зарурати эҳсонкоронаест барои инсоният. Ҷудошавии

[97] Волков, Ю.Г. Социология: учебник для вузов / Ю.Г. Волков. – М.: Гардарики, 2007. – С. 96-97.

оилаҳо ва ятим мондани кӯдак ё наврас хатарест барои рушди ҷисмонӣ, маънавӣ ва эмотсионалии ӯ.

Вазъи пасти зиндагии иҷтимоии волидайн, майхорагӣ, низоъҳои мунтазами байни волидайн, бегонашавӣ ва каҷрафтории падару модар, набудани яке аз волидайн ва муносибати бади волидайн нисбат ба фарзандони худ ба ҷаҳонбинӣ, характер ва рафтори кӯдакон таъсири манфӣ мерасонад».[98] Ятимон, ки аз падару модар маҳруманд, иҷтимоишавии ибтидоии хешро дар зери таъсири хешовандони наздики худ, мактаб ва ё ятимхонаҳо мегузаронанд. Ҳарчанд ятимхонаҳо ба ятимон шароитҳои хуби зиндагиро таъмин менамоянд, аммо боз ба онҳо тарбияи самимӣ ва меҳру муҳаббати волидайн намерасад. Муносибати наздик ва эмосионалиии волидайнро ҳеҷ кас ва ё институти иҷтимоие иваз карда наметавонад. Солҳои охир кӯшиши аз оила ҷудо намудани ин вазифа ба назар мерасад, яъне вазифаи иҷтимоикунонии шахсро ба ӯҳдаи мактабҳо, хонаи бачагон, коллективи меҳнатӣ, ташкилотҳои иҷтимоӣ вогузор менамоянд. Аммо бо вуҷуди ин кӯшишҳо оила муҳимтарин институти иҷтимоишавӣ боқӣ мемонад.

Дар оилаҳои нопурра масъалаи амалӣ намудани вазифаи иҷтимоишавии кӯдакон бисёр шиддат мегирад, зеро оилаи нопурра ин вазифаи худро дар сатҳи зарурӣ ба сомон расонида наметавонад. Табиист, ки бе падар ё модар вазифаи иҷтимоишавии оила нокомил мегардад ва кӯдакони ин гуна оилаҳо худро шахси комили ҷамъият эҳсос намекунанд ва дар натиҷа ба муҳити иҷтимоӣ зуд ва мувофиқ мутобиқ шуда наметавонанд. Дар оилаи нопурра аз сабаби аз ҳад зиёд банд будани падар ва модари танҳо кӯдакон беназорат мемонанд ё ба онҳо дар сатҳи кофӣ таваҷҷуҳи лозима дода намешавад. Чӣ қадаре, ки ғамхорию меҳрубонӣ ва навозиш нисбати кӯдак кам бошад, ҳамон қадар нокамолӣ дар шахсияти кӯдак айён гардида, дар ӯ бефаъолиятӣ,

[98] Волков, Ю.Г. Социология: учебник для вузов / Ю.Г. Волков. – М.: Гардарики, 2007. – С. 96-97.

бепарвой, танбалӣ, сустиродагӣ ва канораҷӯйӣ ташаккул меёбад. Умуман, «дар оилаҳои нопурра раванди иҷтимоишавии кӯдакон, азхудшавии меъёрҳои иҷтимоӣ ва арзишҳои фарҳангӣ ё аз вақташ тезтар ё таъхирӣ сурат мегирад»[99].

Аз таҳқиқи нуқтаи назари муҳақиқони соҳавӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки иҷтимоишавии кӯдакон дар оилаҳои нопурра чунин хусусиятҳо дорад:

1. Таваҷҷуҳи зиёд ба фарзандони нимятим аз тарафи баъзе модари танҳо, ки дар натиҷа онҳо аз ҳад зиёд инҷиқ, нозук ва номустақилу вобаста ба воя мерасанд;
2. Модарони танҳо барои таъминоти моддии фарзандон бештар ба кори беруна банд шуда, дар натиҷа аз ҷараёни тарбияи кӯдакон дур мемонанд. Бо бузургтар шудани кӯдакон талаботҳои моддии онҳо низ меафзояд, модари танҳо, ки қаблан тамоми талаботҳои модии кӯдакро зуд ва саривақт қонеъ мегардонд, акнун ин вазифаро пурра иҷро карда наметавонад. Дар натиҷа байни модарони танҳо ва фарзандон зиддиятҳо ва низоъҳо ба миён меоянд;
3. Аксарияти модарони танҳо ба робитаю алоқаҳои байни фарзандони бо падари худ мегарданд. Баъзе аз падарон пас аз қатъи ақди никоҳ дар тарбияи фарзандони худ иштирок кардан мехоҳанд, аммо модарони танҳо ба ин роҳ намедиҳанд. Дар натиҷа кӯдакон яктарафа ва бе таъсири падар ба воя расида, сифатҳои беҳтарини нақшии падарро намеомӯзанд[100].

Дар оилаҳои нопурра ичтимоишавии кӯдакон самаранок нестанд ва мутахассисони соҳа иқтидори пасти иҷтимоишавии оилаҳои нопураро нисбати оилаҳои пурра собит намудаанд. Оилаҳои нопурра

---

[99] Шевченко, И.О. Ситуация после развода: отцы и дети [Текст] / И.О. Шевченко // Социологические исследования. – 2015. – №3. – С. 75-76.

[100] Ниг.: Социальная работа с различными группами населения. Учебное пособие. Под редакцией доктора педагогических наук, профессора Н.Ф.Басова. – М.: Проспект, 2013. – С. 476-484.

мутобиқшавии комили иҷтимоии кӯдаконро таъмин карда наметавонанд. Дурустии ақидаҳои болоиро далелҳои зерин собит месозанд:

– мушкилоти рафтори иҷтимоии кӯдакон дар оилаҳои нопурра;
– сатҳи пасти саводи кӯдакон ва кӯшиш надоштан ба дастовардҳои шахсӣ;
– афзудани рафторҳои бадахлоқонаи кӯдакон ва ҳуқуқпоймолкунии онҳо;
– дар сатҳи баланд ҷой доштани рафтори дағалона ва ҷангҷӯёна.

Мушкилоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ на дар ҳамаи оилаҳои нопурра вуҷуд доранд. Мушкилоти нисбатан вазнину роҳи ҳалли муайян надошта ин мушкилоти иҷтимоӣ-психологӣ мебошад, ки дар муносибатҳои байниҳамдигарии аъзоёни оилаҳои нопурра, пеш аз ҳама дар кӯдакон ба назар мерасанд. Бо назардошти он, ки қисми зиёди оилаҳои нопурра аз модару фарзандони ӯ иборат мебошанд, одатан, ин масъалаҳо ба занон дахл доранд. Аввалан, ин баъд аз ҷудо шудани волидайн дар кӯдакон ҳисси озурдагӣ ва рӯҳафтодагии пайдо мешавад. Баъзан кӯдакон худро сабабгори асосии вайроншавии оилаашон медонанд.

Ҳолатҳое ҷой доранд, ки занҳо худро барои вайроншавии оила дар назди фарзандон гунаҳгор медонанд ва онҳо ҳамаи кӯшишҳои худро ба харҷ медиҳад, то ки талаботҳои фарзандонашро дар сатҳи зарурӣ қонеъ гардонанд ва сифати ҳаётиашон дар муқоиса бо фарзандони оилаҳои солим паст нагардад. Дар чунин ҳолат нигоҳубини фарзандони ятим монда пурра ба дӯши зан қарор гирифта, ҳамаҷониба кори хонагии онҳоро зиёд мекунад. Модарони танҳо ин вазифаи вазнинро ба ӯҳда гирифта, диққату вақти заруриро ба тарбияи фарзандон ҷудо карда наметавонад. Дар мавридҳои дигар зан хашми худро барои вайрон шудани оила ба фарзандон равона мекунад. пайдо мешавад.

Дар ҳамаи аз ин ҳолатҳо фазои психологии оилавӣ номусоид мегардад, зеро пас аз ҷудошавӣ ва ё фавти яке аз волидайн иҷтимоишавии кӯдакон рӯ ба мушкилӣ меорад. Дар ҳолати такроран оиладор шудани падар ё модари онҳо як қатор мушкилоти иҷтимоӣ сар мезананд. Масалан, агар модари ятим шавҳар кунад, эҳтимолият дорад, ки ӯ мавриди беэътиноӣ ва ё зӯроварии падари ӯгайи худ қарор гирад ва ё баръакс, дар ҳолати аз нав оиладор шудани падари нимятим мумкин аст модари ӯгайаш ба иҷтимоишавии муътадили ӯ монеа эҷод намояд.

Кӯдакони ятим бо сабаби дуруст иҷтимоӣ нагаштан ва маҳдудиятҳои ҳаётӣ мустақилона аз ӯҳдаи ҳал кардани бисёр мушкилоти худ намебароянд ва ба кӯмаки иҷтимоӣ ниёз доранд. Аксар вақт ин кӯдакон мавриди фишор, муносибати бераҳмона ва зӯроварии дигар аъзоёни оилаи бо ном «саробон» гирифтор мегарданд. Аз ин рӯ, ташкили ҳифз ва дастгирии иҷтимоии онҳо аз ҷониби муассисаҳои иҷтимоии дахлдор ва кормандони иҷтимоӣ амали ногузир мебошад.

Донишманди машҳур В. Сатир[101] ба ин ақида аст, ки дар оилаҳои нопурра кӯдак дар бораи хусусиятҳои ҷинсии занону мардон тасаввуроти комил пайдо карда наметавонад. Кӯдак бо кадом волидайне монад, нисбати ҷинси волидайни набуда тасаввуроти манфӣ пайдо менамояд. Аз ин рӯ, В. Сатир қайд менамояд, ки зани бешавҳаре, ки тарбияи фарзандро ба ӯҳда дорад, бояд кӯшиш намояд, ки фарзандаш ҳамаи мардонро одамони бад ҳисоб накунад. Зеро агар кӯдак мард бошад худро ҳамчун марди хуб тасаввур карда наметавонад ва агар кӯдаки нимятим зан бошад, оянда бо ҷинси муқобили худ муносибатҳои солими тарафайнро барқарор карда наметавонад. Зеро кӯдакони оилаи нопурра, ки бо модарони танҳо зиндагӣ мекунанд, амсила (модел)-и

[101] Ниг.: Сатир В. Как строить себя и свою семью / В. Сатир. Пер. с англ.: улучш. изд – М.: Педагогика-Пресс, 1992. – С. 69.

муносибатҳои зану мардро мушоҳида намекунанд ва оянда дар ин самт таҷриба пайдо кардан наметавонанд.

Баъзе аз писарчаҳои дар оилаи нопурра бо роҳбарии модари танҳо ба воя расида ба ин боваранд, ки дар ҷамъият қарорҳои муҳимро зан мебарорад ва мардон оҷизу ҳақиранд. Ҳатто онҳо ба хотири модари танҳояшон аз зиндагии шахсию мустақили худ даст мекашанд. Ё баръакс, аз модарони танҳои худ зӯроварии зиёд дида, нисбати ҷинси зан нафрат пайдо менамоянд. Дар натиҷа онҳо оянда пурра тобеи зан мегарданд ва ё нисбати зан муносибати бад мекунанд. Духтарони дар оилаҳои нопурра ба воя расида низ тасаввуроти нодуруст нисбати муносибати зану мард пайдо карда метавонанд. Онҳо дар оянда метавонанд пурра ба мард худро бахшанд ва дар ивази он чизе талаб накунанд ва ё баръакс аз ҳад худро мустақил пиндошта, ба зиндагиашон ягон мардро роҳ додан намехоҳанд. Аз ин рӯ, пас аз ҷудошавии ҳамсарон ва пайдо шудани оилаи нопурра кӯдакон барои мутобиқ шудан ба вазъияти нав ниёз ба кумаку дастгирӣ доранд.

Дар иҷтимоишавии кӯдакон ҳам зан ва ҳам шавҳар нақши худро мегузоранд ва дар ду соли аввали ҳаёт кӯдак дар бораи рафтори занонаю мардона тасаввурот пайдо менамояд. Ҳарчанд тифли хурдсол ба ҷинси худ сарфаҳм ҳам наравад, аммо симои модар, падар ва дигар хешовандони наздикро дарк мекунад. Минбаъд кӯдак қолабҳои оилавиро тақлид намуда, дар кӯдакистон рафтори кӯдакони дигарро мушоҳида менамояд. Махсусан, дар давраи наврасӣ таълиму тарбияи фарзандон барои волидайн мушкил мегардад, аз тарбиятгарон таваҷҷуҳи махсусро талаб менамояд. Аз ин давра наврасон ба имкониятҳои волидайн баҳои воқеӣ медиҳанд ва ба ҷаҳон бо чашми дигар нигоҳ мекунанд. Онҳо то ин лаҳза падару модари худро аз ҳад абадқудрат ва меҳвари ҳаёти худ медонистанд. Акнун дарк мекунанд, ки волидайни

онҳо мисли дигарон ҳастанд ва на ҳамаи мушкилии онҳоро ҳал карда метавонанд.

Дар оилаҳои нопурра, ки ин гуна оиларо донишмандони рус Т.А. Гуркова ва Н.А. Орлова «оилаи модарӣ»[102] меноманд, ин гуна хусусиятҳои иҷтимоишавӣ пурра мушоҳида намешавад. Модарони оилаҳои нопурра нисбат ба волидайни оилаҳои пурра барои таълиму тарбия ва назорати кӯдакон қариб ду маротиба камтар вақт доранд, зеро бештар барои таъминоти моддии кӯдаконашон ба кори берун аз хона банд ҳастанд. Баъдан, кӯдакони оилаҳои нопурра нисбати ҳамсолони дигари худ суст мехонанд ва барои рафторҳои нодурусти кӯдак ба мактаб 43%-и модарони танҳоро даъват кунанд, пас ҳамзамон 25,7%-и волидайни оилаҳои пурраро даъват менамоянд[103]. Таъсири гурӯҳҳои каҷрафтор ба кӯдакони оилаҳои нопурра нисбат ба оилаҳои пурра се баробар зиёд аст (14,7% муқобили 5,2%)[104].

Агар оила дар марҳилаҳои аввали иҷтимоишавии фарзандон нопурра шавад ва ё аз ибтидо нопурра бошад, пас дар назари фарзандон намунаи рафтори нақшӣ намемонад. «Онҳо ҳангоми ба воя расидану мустақилона оила ташкил кардан, на ҳама вақт рафторҳои ҷинсию нақшии худро дуруст ба роҳ мемонанд, ки ин ба моҷаро ва вайроншавии вазифаҳои оилавӣ бурда расонида, сабаби парокандашавии он мегардад»[105].

Натиҷаи маҳрум намудани кӯдак аз робита бо падараш дар он зоҳир мегардад, ки кӯдак дар рӯҳияи феминисти тарбия меёбад, зеро

---

[102]Гурко, Т.А. Развитие личности подростков в различных типах семей / Т.А. Гурко, Н.А. Орлова // Социологические исследования. – 2011. – №10. – С. 99-108.

[103] Синельников, А.Б. Супружество, отцовство и материнство в Российском обществе // Социологический журнал. – 2015. – № 4. – С. 134.

[104] Кучмаева, О.В. О современной семье и ее воспитательном потенциале / О.В. Кучмаева, Е.А. Марыганова, О.Л. Петрякова, А.Б. Синельников // Социологические исследования. – 2010. – № 7. – С. 50-51; Синельников, А.Б. Супружество, отцовство и материнство в Российском обществе / А.Б. Синельников // Социологический журнал. – 2015. – №4. – С. 133-134.

[105] Баҳромбеков, В. Кори иҷтимоӣ бо оила. Воситаи таълимӣ [Матн] / В. Баҳромбеков, Х. Зеваров, Ф. Миров – Душанбе, 2013. – С. 9.

берун аз оила писарбачаро қариб занҳо тарбия мекунанд. Ҳам дар кӯдакистон ва ҳам дар синфҳои ибтидоӣ эҳтимолияти зиёд аст, ки ба кӯдак занҳо тарбия диҳанд, зеро ин касбу пешаҳо дар кишварҳои пасошӯравӣ касбҳои «занона» ҳисобида мешаванд[106]. Чунин хусусиятҳо дар иҷтимоишавии кӯдакони оилаҳои нопурра мушоҳида мешавад: кӯшиши ками маърифатӣ, майли кам доштан ба касбомӯзӣ, кӯшиши зиёд ба мустақилият, муошрати маҳдуд ба ҳамсолон, худбаҳодиҳии паст, майл ба гузаронидани вақт дар танҳоӣ ва ғайраҳо. Майли асосии кӯдакони оилаҳои нопурра на дастовардҳои касбӣ, балки ташкили оилаи хуб мебошад, зеро дар ҳаёти худ доимо эҳтиёҷмандиро ба оилаи пурра эҳсос менамоянд.

Барои иҷтимоишавии муътадили кӯдакон иштироки ҳарду волидайн хело зарур аст. Дар оилаҳои патриархалӣ падар таъминкунандаи оила, муҳофизатгар ва идоракунандаи оила ҳаст, ки писарчаҳо дар оянда зери таъсири падар ин сифатҳоро нусхабардорӣ ва тақлид мекунанд. Падар ба кӯдак мустақилият, худназораткунӣ, худидоракунӣ, масъулиятшиносӣ ва мубориза барои расидан ба мақсадҳоро меомӯзонад. Бештари кӯдаконе, ки бе таъсири падар ба воя расидаанд, ин сифатҳоро пурра аз бар накардаанд[107].

Аксарияти кӯдаконе, ки бе тарбияи падар ба воя расидаанд, мустақил нестанд, худбаҳодиҳии паст ва ба модар вобастагии зиёд доранд, нақшҳои гендериро пурра аз худ накардаанд. Оянда писарчаҳои оилаҳои нопурра дар ҷомеаҳои анъанавӣ, ки нақши муайянкунандаро мардон мебозанд, ҷойгоҳи худро пайдо карда наметавонанд. Ҳамзамон модарони танҳо дар оилаҳои нопурра уҳдадориҳо ва масъулияти зиёдро

---

[106] Шевченко, И.О. Ситуация после развода: отцы и дети [Текст] / И.О. Шевченко // Социологические исследования. – 2015. – №3. – С. 74.
[107] Овчарова, Р.В. Психологическое сопровождение родительства [Текст] / Р.В. Овчарова. – М.: Изд-во Института Психотерапии, 2003. – С. 46-47.

ба зимма мегирад. Бо ин сабаб, онҳо пайваста дар ҳолати изтиробнокӣ ва ҳолати шиддатноки равонӣ қарор доранд.

Хулоса, мушкилии иҷтимоишавии оилаҳои нопурра дар худэҳсоснамоӣ ва мутобиқшавии кӯдакон инъикос мегардад. Дар шароити нокифояи сатҳи зиндагӣ, ночиз будани даромади иқтисодӣ, мушкилии таъминоти озуқаворӣ, сатҳи пасти дастрасӣ ба хизматрасонии тиббӣ ва дигар хизматрасониҳои иҷтимоии оилаҳои нопурра иҷтимоишавии кӯдакон дар сатҳи муътадил намегузарад. Хусусиятҳои ҳаёту фаъолияти оилаҳои нопурра, мисли таваҷуҳи лозима надоштан ба таҳсилоти мактабӣ, мавҷудияти зуҳуроти каҷрафторӣ, мушкилоти моддӣ, ворид шудани аъзоёни хурдсоли оила ба фаъолияти меҳнатии барвақта ва ғайраҳо ба ташаккулёбии сифатҳои шахсии кӯдакони оилаҳои нопурра таъсири манфӣ мерасонанд.

## 2.3. Сиёсати иҷтимоии давлат нисбати модарӣ дар оилаҳои нопурраи Тоҷикистон

Ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун низоми чорабинии давлатӣ барои ҳифзи иҷтимоии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ равона гардидааст. Таъиноти он барои шахсони эҳтиёҷманд тавассути чорабиниҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ташкилию техникӣ ва меъёрию ҳуқуқӣ фароҳам овардани шароити мусоиди зиндагӣ, таъмини сатҳи муътадили ҳаёт ва рушди қобилияти ҷисмонию зеҳнӣ мебошад. Низоми ҳифзи иҷтимоӣ барои шахсони эҳтиёҷманд кумакпулиҳо дар шакли нафақаи ҳармоҳа, ҷубронпулиҳо дар шакли кумакпулӣ барои бекорӣ, имтиёзҳо барои пардохти пули нерӯи барқ ва ғайраҳо муқаррар намудааст. Низоми кумакпулиҳо ва имтиёзҳои иҷтимоӣ тавассути зиёда аз 20 санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ танзим шудааст[108]. Дар Тоҷикистон аз

[108]Проект «Техническая помощь в рамках Программы поддержки формирования политики в сфере социальной защиты в Таджикистане – компонент социальных выплат и льгот». – Душанбе, 2010. – С. 11.

ҳисоби маблағҳои буҷетӣ 540 намуди кафолатҳои иҷтимоӣ, кумакпулиҳо, пардохтҳо, имтиёзҳо ва ҷубронпулиҳо ба 92 категорияи эҳтиёҷманди аҳолӣ, мисли собиқадорони ҷангу меҳнат, маъюбон, бекорон, муҳассилини ҷавон, оилаҳои камбизоат, модарони танҳо ва дигарон дастрас карда мешаванд[109].

Аз ҳама самти аҳамиятноки кумаки иҷтимоӣ таъминоти нафақаи иҷтимоӣ ва ёрии иҷтимоии суроғавӣ мебошад. Махсусан, кумаки иҷтимоии суроғавӣ торафт дар тамоми ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозӣ мегардад. Ба оилаҳои эҳтиёҷманд дар як сол 400 сомонӣ (дар як семоҳа 100 сомонӣ) кумакпулӣ дода мешавад[110]. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки аниқ муайян намудани камбизоатон тақрибан номумкин аст. Баъзан вақт ба рӯйхати кумаки иҷтимоии суроғавӣ шахсоне ворид мегарданд, ки ба кумаки иҷтимоӣ эҳтиёҷмандии зиёд надоранд. Баъдан, дар давлатҳои ру ба рушд даромади аҳолӣ зуд тағйир меёбад ва ҳар сари вақт камбизоатонро аз нав ба қайд гирифтан лозим аст.

Ҳолатҳое ҷой дорад, ки интихоби оилаҳои камбизоат мувофиқи муқаррарот сурат намегирад ва боиси шиддат гирифтани норозигии аҳолии эҳтиёҷманди маҳаллӣ муайян мегардад. Баъзан вақт ду ҳамсояе, ки тақрибан ях хел камбизаоатанд, яке кумаки иҷтимоии суроғавӣ мегирад ва дигараш ба ин рӯйхат ворид нашудааст. Мушкилии асосӣ ин аст, ки ҳаҷми кумакпулиҳои иҷтимоӣ бо афзудани нархи молу маҳсулот ва хизматрасониҳо тағйир (индексатсия) намеёбанд. Бо сабаби кам будани ҳаҷми нафақа, кумакпулиҳо ва имтиёзҳо на ҳама вақт ин кумакҳо вазъи накӯаҳволии гурӯҳҳои эҳтиёҷманди аҳолиро беҳтар карда

---

[109]Концепция социальной защиты населения Республики Таджикистан, утв. Постановлением Правительства Республики Таджикистан от 29 декабря 2006 года № 783 (пункт 7). [электронный ресурс]. URL: https://nafaka.tj/images/zakoni/strategiya.pdf (дата обращения: 15.01.2022).
[110] Оценка на основе национального диалога по вопросам социальной защиты. На пути к национально установленному минимальному уровню социальной защиты в Республике Таджикистан / Группа технической поддержки по вопросам достойного труда и Бюро МОТ для стран Восточной Европы и Центральной Азии. – М.: МОТ, 2018. – С. 28.

метавонанд. Кумакпулиҳои иҷтимоӣ ҳарчанд муддати кӯтоҳе баъзе аз мушкилиҳои кӯчаки модарони танҳоро ҳал менамояд, аммо барои дарёфти ҷойи кори мувофиқ ва таъминоти моддии оилаҳои нопурра кофӣ нест.

Барои бо роҳи демократӣ рушд ёфтани Тоҷикистон тақвият додани сиёсати гендерии давлат ва баланд бардоштани маърифати гендерии шаҳрвандон аҳамияти бузург дорад. Баробарии гендерӣ (баробарҳуқуқӣ, баробарии иҷтимоӣ, баробарии имкониятҳо ва шароитҳои рушдёбии занону мардон дар ҷомеа) ва адолати гендерӣ (муносибати якхела ба занону мардон) номувозинатии гендерии ҷомеаро аз байн мебаранд. Дар ин самт заминаи ҳуқуқии ҳалли масъалаҳои гендерӣ муҳайё гардидааст. Дар замони муосир фаъолияти қонунгузорӣ барои таъмин намудани ҳуқуқҳо ва имкониятҳои баробари занону мардон ба он асос ёфтааст, ки ҳуқуқи занон қисмати ҷудонопазири ҳуқуқи инсон ба ҳисоб меравад. Баробарҳуқуқӣ ва имкониятҳои баробари занону мардон дар як қатор санадҳои меъёри – ҳуқуқии байналмиллалӣ ва миллӣ эътироф ва кафолат дода шудаанд.

Барои Тоҷикистони муосир, ки мувофиқи моддаи 1-уми Конститутсия давлати иҷтимоӣ аст ва ба шаҳрвандон сатҳи муайяни наўаҳволиро кафолат медиҳад, яке аз вазифаҳои муҳим такмили сиёсати иҷтимоӣ бо назардошти баробарии гендерӣ ба ҳисоб меравад, зеро сатҳи пасти шуғлмандии занон, эҳтиёҷмандӣ, қолабҳои анъанавии гендерӣ ва маҳдудияти пешрафти касбии онҳо чунин заруриятро ба вуҷуд овардааст. Принсипи баробарии ҷинсӣ дар ҳама санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Тоҷикистон ба инобат гирифта мешаванд. Дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Тоҷикистон барои ҳифзи оила, модар ва кӯдак базаи мувофиқи ҳуқуқӣ муқаррар гардидааст.

Аз ҳама муҳимаш 1-уми марти соли 2005-ум Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои

давлатии баробарҳуқуқии мардон ва занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо»- ро қабул намуд, ки аз 23 модда иборат аст. Аҳамияти қабули ин қонун аз он иборат аст, ки таъмини кафолатҳои конститутсионии баробарҳуқуқии занону мардонро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ танзим намуда, барои аз байн бурдани табъиз аз рӯи ҷинсият равона карда шудааст ва имкониятҳои баробарро барои занону мардон кафолат медиҳад[111].

Дар моддаи 3 – уми ин қонун омадааст «Вайрон намудани принсипе, ки ба баробарии гендерӣ асос ёфтааст (гузаронидани сиёсати давлатӣ ё содир кардани амалиёти дигаре, ки мардону занонро аз рӯи ҷинс дар мавқеи нобаробар қарор медиҳад), поймолкунии ҳуқуқ шуморида мешавад ва бояд бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур бартараф карда шавад»[112]. Иштироки баробари мардону занон дар идоракунии давлатӣ муҳимтарин нуктаи қонуни мазкур аст. Масалан, дар моддаи 5-уми қонун дарҷ гардидааст, ки «давлат иштироки баробари мардону занонро дар идоракунии давлатӣ кафолат медиҳад. Давлат баробарии мардону занонро дар шохаҳои қонунгузорӣ, иҷроия ва судии ҳокимияти давлатӣ бо тарзу воситаҳои ҳуқуқӣ, ташкил ва таъмин менамояд»[113].

Дигар моддаҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолати давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имконоти баробар барои амалигардонии онҳо» масъалаи таҳсили баробари занону мардон дар макотиби таҳсилоти умумӣ, миёнаи касбӣ, олӣ, таъмин намудани шароитҳои имтиёзноки таҳсил ба духтарони деҳоти ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон, баланд бардоштани маърифати гендерии шаҳрвандон тавассути ташкил намудани курсҳои махсуси таълимӣ ба занону

---

[111] Чурилова, Е.В. Состав и благосостояние неполных семей в России / Е.В. Чурилова // Социологические исследования. – 2015. – №3 (371). – С. 9.

[112] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолати давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имконоти баробари барои амалигардонии кардани онҳо», аз 01.03.2005, №89 [манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj/content (санаи истифодабарӣ: 24.12.2021).

[113] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолати давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имконоти баробари барои амалигардонии кардани онҳо», аз 01.03.2005, №89 [манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj/content (санаи истифодабарӣ: 24.12.2021).

духтарон ҳангоми қабул ба кор, болоравӣ дар хизмат ва аз кор озод намудан ба инобат гирифтани санадҳои ҳуқуқӣ ва вазъияти оилавӣ, таъмини имкониятҳои баробар дастрас будани захираҳои иқтисодию иҷтимоӣ ба мардону занон ва фаъолияти озоди соҳибкорӣ, мусоидат ба баробарии гендерӣ дар дигар муносибатҳои меҳнатӣ мустаҳкам гардидаанд. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки ин меъёрҳои қонунро вайрон мекунанд, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Модарони танҳо дар баробари маъюбон табақаи камбизоат ва эҳтиёҷманд мебошанд ва ниёз ба кумаку дастгирии моддӣ ва молиявӣ доранд. Аз ин сабаб, дар сиёсати давлатии иҷтимоӣ бояд тарзи ҳаёт, амсилаҳои рафтор ва вазъи иҷтимоии модарони танҳо ба инобат гирифта шаванд. Яке аз самтҳои ҳифзи иҷтимоии модарони танҳо ин ташкили шароитҳои имтиёзноки меҳнатӣ аст, то онҳо баробари мардон меҳнат накунанд ва барои тарбияи кӯдакон вақт пайдо намоянд. Дар баробари ин, модарони танҳо бояд ҷойи кор, кумакпулиҳо ва кумакҳои моддиро дастрас намоянд.

Дар қонунгузории меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳифзи занон ва ҳолати репродуктивии онҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир шудааст. Ҳоло занони Тоҷикистон дар бозори меҳнат нисбат ба мардон дар вазъи манфиатовар қарор надоранд, онҳо асосан дар корҳои маошаш кам, мисли хоҷагии қишлоқ, тандурустӣ ва маориф машғуланд. Бештари занон дар корҳои ғайрирасмӣ банданд, махсусан, хоҷагии қишлоқ ва бинобар ин, дар ин ҳолат ҳангоми ҳомиладорӣ ва таваллуд на ҳама вақт ба кумакпулиҳо ба модарӣ алоқаманд дастрасӣ доранд, зеро чораҳои махсуси ҳифзи модарӣ дар қонқнгузории меҳнат танҳо нисбати занони дар соҳаи расмӣ машғулбуда дахл дорад. Корфармоён бо сабаби пайдо шудани уҳдадориҳои иловагии меҳнатӣ бо занон шартномаи меҳнатӣ намебананд ва аз меҳнати онҳо тавассути шуғли ғайрирасмӣ истифода

мебранд. Аз ин сабаб, бояд дар қонунгузории миллӣ ин хусусиятҳои меҳнати занон вобаста ба вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии кишварамон ба инобат гирифта шавад.

Дар Тоҷикистон, махсусан аҳолии деҳот амсилаи анъанавии оилаи серфарзандро давом медиҳанд ва аз ин ҳисоб ҳиссаи аҳолии ҷавон зиёд гардида, масъалаи бекориро шиддат медиҳад. Дар ин ҳошия муҳоҷирати меҳнатӣ яке аз роҳҳои шуғлмандии аҳолӣ ва стратегияи кам кардани сатҳи камбизоатӣ ба ҳисоб меравад. Аммо дар Тоҷикистон низоми суғуртаи иҷтимоӣ нисбати муҳоҷирони меҳнати ва аъзоёни оилаҳои онҳо паҳн намегардад. Бо назардошти доираи паҳншавии муҳоҷирати меҳнатӣ дар Тоҷикистон дар сатҳи давлат кор карда баромадани механизмҳои суғуртаи иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатӣ ва тадбирҳои ҳифзи иҷтимоии аъзоёни оилаҳои онҳо вазифаи аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад.

Соли 2016 шумораи аҳолии қобили меҳнати аз 15 сола то 75 сола дар Тоҷикистон 5,31 млн нафарро ташкил дод, ки аз онҳо 2,55 млн – зан ва 2,75 млн – мард мебошанд. Шуғлмандии асосии аҳолӣ ба хоҷагии деҳот рост меояд, ки дар ин соҳа тақрибан 45,8% меҳнат мекунанд. Дар соҳаи тиҷорати яклух ва чакана, таъмири нақлиёт 10,6%, сохтмон 8,6% ва соҳаи маориф 8,1%-и аҳолӣ машғуланд. Мувофиқи ахбороти таҳқиқи қувваҳои меҳнатӣ дар Тоҷикистон соли 2016 мувофиқан 45,5%-и аҳолии қобили корӣ аз ҳисоби худ (худшуғлмандӣ) кор мекарданд, 34,8%-и аҳолӣ кормандони кироя мебошанд, 10,7% корфармо ба ҳисоб меравaнд ва 8,5% ба ёрии аъзоёни оила машғуланд *(нигаред ба расми 11).* Мувофиқи ахбороти сарчашмаҳои гуногун дар Тоҷикистон машғулияти ғайрирасмӣ аз 30 то 50%-и аҳолии қобили меҳнатро фаро мегирад. Бахши зиёди шуғли ғайрирасмӣ дар Тоҷикистон ба бахши хоҷагии

қишлоқ рост меояд[114]. Мутаассифона, шахсони ба кори ғайрирасмӣ машғулбуда ба чорабиниҳои ҳифзи иҷтимоӣ фаро гирифта намешаванд. Дар ҷойи кор барои синамаконии кӯдакон ҷойи махсус ҷудо карда нашудааст.

**Расми 11.**

**Сохтори шуғлмандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон** *(соли 2016, %)*




Шуғлмандии мардон нисбати занон ду маротиба зиёд аст, бо сабаби баланд будани сатҳи таваллуд занон нисбати мардон имконияти ками ба кор таъминшавӣ доранд. Бисерфарзандӣ ба занон имконият намедиҳад, ки ба корҳои расмӣ машғул шаванд. Заноне, ки кор мекунанд, асосан ба корҳои вазнини ғайрирасмӣ, корҳои маошашон пасти соҳаи хоҷагии қишлоқ, тандурустӣ, маориф банданд (тақрибан 82,5% - и занони шуғлманд дар ин соҳаҳо банданд). Вазъи оилавӣ ба шуғлмандии занон таъсири калон мерасонад, зеро дар байни занони шавҳардор ҳамагӣ 36% кор мекунанд. Сатҳи шуғлмандӣ дар байни занони аз ҳамсарашон ҷудошуда, занони аз шавҳаронашон ҷудо зиндагӣ мекардагӣ ва бева аз 72% то 81% мерасад[115].

---

[114] Оценка на основе национального диалога по вопросам социальной защиты. На пути к национально установленному минимальному уровню социальной защиты в Республике Таджикистан / Группа технической поддержки по вопросам достойного труда и Бюро МОТ для стран Восточной Европы и Центральной Азии. – М.: МОТ, 2018. – С. 27.

[115] Ниг.: Система охраны материнства и ухода за детьми в Центральной Азии: национальные исследования в Казахстане и Таджикистане / Группа технической поддержки по вопросам достойного труда и Бюро МОТ для стран Восточной Европы и Центральной Азии. – М.: МОТ, 2014. – С. 28.

Худшуғлмандӣ яке аз хусусиятҳои дигари шуғлмандии занон мебошад. Ба худшуғлмандӣ дохил мешаванд:

- корфармоёни фардӣ, ки аз меҳнати кироя истифода мебаранд;
- соҳибкорони инфиродӣ, ки ба таври фардӣ ва ё бо ҷалби меҳнати бемузди аъзоёни оилаи худ кор мекунанд;
- аъзоёни кооперативҳои меҳнатӣ;
- кормандони бемузди корхонаи оилавӣ, ки соҳибкори инфиродии оилаи худро дастгирӣ мекунанд;
- шахсоне, ки ба истеҳсоли молу маҳсулот ва хизматрасонии истеъмоли шахсӣ ва ё истеъмоли хоҷагии хонавода (агар неъматҳои истеъсолнамудаи онҳо қисмати муҳими истеъмолоти оилаи онҳоро ташкил кунанд) бандаанд[116].

Дар қонунгузории иҷтимоии Тоҷикистон барои ҳифзи иҷтимоии занони бекор як қатор муқаррарот муайян карда шудаанд. Дар бозори меҳнат занон нисбат ба мардон камтар ҷойи кор меёбанд, аз ин рӯ, дар Хадамоти шуғли аҳолӣ нисбати мардон занони бекор бештар ба қайд гирифта шудаанд, ҳарчанд корҳои пешниҳодшавандаи ин хадамот маоши кам доранд. Ҳарчанд бекорони бақайдгирифта зиёданд, аммо шумораи занони бекоре, ки кумакпулӣ барои бекорӣ мегиранд, хело кам мебошанд(5,1%-и бекорони бақайдгирифташуда). Яъне дар байни шумораи бекорони бақайдгирифташуда занон зиёдтаранд, аммо аз 24%-и бекорони кумакгиранда, танҳо 5,1% зан аст[117].

Мувофиқи моддаи 27-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» барои дастрас намудани кумакпулӣ барои бекорӣ шахси бекор давоми се соли охир то муроҷиат ба Хадамоти шуғли аҳолӣ бояд собиқаи корӣ дошта бошад ва аз маошаш

---

[116]Furthermore Бободжанов, Р. Национальный отчет по человеческому развитию 2008–2009. / Р. Бободжанов [и др.] // Занятость в контексте человеческого развития. – Душанбе, 2010. – С. 75.
[117] Законодательство и политика Республики Таджикистан в сфере социальной защиты населения: гендерный анализ. – Душанбе, 2012. – С. 76.

андози иҷтимоӣ супорида бошад. Кумакпулӣ барои бекорӣ дар ҳаҷми 50%-и музди миёнаи маоши ҷойи кори охирин, ки дар шаш моҳи охири кор пардохт гардидааст, аммо на камтар аз ҳадди ақали маош дода мешавад. Шаҳрвандоне, ки дар 3 соли охири то муроҷиат ба Хадамоти шуғли аҳолӣ камтар аз 18 моҳи тақвими кори музднок дошта бошанд, пас кумакпулӣ дар ҳаҷми ҳадди ақали маош пардохта мешавад. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки занон нисбати мардон маоши камтар мегиранд ва эҳтимолан занон бештар давоми се соли охир камтар аз 18 моҳи тақвими кори музднок доранд.

Аз ин муқаррароти қонун маълум мегардад, ки дар байни занон ва мардон ҳангоми гирифтани кумакпулӣ барои бекорӣ фарқияти ҷиддӣ пайдо мегардад. Ҳарчанд дар ин қонун принсипҳои гендериро вайрон намекунад, аммо занон дар Тоҷикистон аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол нестанд ва баъзан дурудароз бекоранд ва ё дар корҳои ғайрирасмӣ фаъолият доранд. Бо ин сабаб, онҳо ҳамчун бекор ба қайд гирифта шаванд ҳам, аммо барои бекорӣ кумакпулӣ гирифта наметавонанд. Аз ин рӯ, дар Тоҷикистон имконияти мардон барои гирифтани кумакпулӣ барои бекорӣ нисбати занон зиёдтар аст.

Дар қонунгузории Тоҷикистон ҳангоми ба кор қабул кардани заноне, ки қобилияти сусти рақобат дар бозори меҳнат доранд, имтиёзҳо муайян карда шудааст. Мувофиқи моддаи 9-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» барои ба кор қабул намудан ба категорияҳои зерини аҳолӣ квота муқаррар карда шудааст:

- маъюбон;
- ятимони ба балоғат нарасида;
- шахсоне, ки аз хизмати ҳарбӣ ва сохтори ҳарбӣ озод шудаанд;
- шахсоне, ки аз муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва муассисаҳои табобати маҷбурӣ озод шудаанд;

- волидайни танҳо, инчунин шахсоне, ки кӯдакони ноболиғ ва кӯдакони маъюб доранд;
- волидайне, ки зиёда аз панҷ кӯдаки ноболиғ дорад;
- шахсони то 18 солае, ки бо сабаби вафти волидайн ва ё дигар сабабҳо сарвари оила ба ҳисоб меравад;
- шахсоне, ки то баромадан ба нафақаи синну солӣ то ду сол боқӣ мондааст;
- шахсони то 18 сола ва ҷавононе, ки баъди хатми муассисаи таълимӣ ба кор бо дархости Хадамоти давлатии шуғли аҳолӣ равона карда шудаанд[118].

Имкониятҳои баробари гирифтани маълумот баробарҳуқуқии мардону занонро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёт таъмин менамояд. Дар ҷомеаи демократӣ ва кушод таҳсилот воситаи беҳтаринест, ки ба занон имконият медиҳад ба мақомҳои баланди иҷтимоӣ расанд, яъне таҳсилот ҷойивазнамоии иҷтимоии занонро таъмин менамояд. Ҳарчанд гирифтани маълумоти олӣ на ҳама вақт ҷойивазнамоии болоравандаи шахсиятро таъмин менамояд, аммо надоштани он низ монеи дастовардҳои шахсӣ мегардад. Ҳамасола дар Тоҷикистон аз 150 ҳазор таҳсилкарда тақрибан 120 ҳазор нафарашон бекор мемонанд. Мувофиқи таҳқиқоти Созмони Ҷаҳонии Меҳнат танҳо 30 дарсади ҷавонон баъди хатми мактаби миёна ё донишгоҳ тавонистаанд дар давоми як сол дар Тоҷикистон ҷойи кор пайдо кунанд[119].

Қонунгузории Тоҷикистон барои ҳифзи ятимон низ, ки фарзандони оилаҳои нопурра ба ҳисоб мераванд, имтиёзҳо муқаррар намудааст. Масалан, дар қисми 7-уми моддаи 6-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» омадааст, ки «Давлат таъминот ва хароҷоти таълиму тарбияи кӯдакони ятиму бепарастор, кӯдакони дорои

[118] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» аз 1 августи соли 2003, №44. Моддаи 9. [манбаи электронӣ]. URL: https://majmilli.tj (санаи истифодабарӣ: 23.12.2021)
[119] Ниг.: Шумора ва ҳайати хонаводаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. ҶилдиV. – Душанбе, 2012. – 400 с.

имконияти маҳдуд, маъюбон ва дигар шахсонеро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд, дар муассисаҳои таълимии давлатӣ аз ҳисоби маблағи буҷетӣ кафолат дода, пас аз хатми муассисаҳои таълимӣ онҳоро бо ҷои кор таъмин менамояд». Инчунин хонандагони ятим маълумоти дуюми таҳсилоти ибтидоии касбиро ройгон дастрас намуда метавонанд.

Айни замон дар Тоҷикистон бо мақсади бартараф намудани норасоиҳои мутахассисони маълумоти олӣ дар ноҳияҳои кӯҳистон ва баланд бардоштани мақоми зан бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1997 ҳамаи мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон духтаронеро, ки дар ноҳияҳои кӯҳистон ва деҳотҷойҳо зиндагӣ мекунанд, бо шартҳои имтиёзнок (танҳо гузаронидани суҳбат) ё квота қабул мекунанд. Давоми ин ташаббус бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.1999, №5 ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19.04.2001, №199 «Оид ба тартиби қабули духтарон дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тариқи квотаи президентӣ барои солҳои 2001-2005» расмӣ гардонида шуд. Торафт миқдори чунин квотаҳо рӯз аз рӯз меафзояд *(нигаред ба расми 12)* ва дар солҳои охир нисбати писарбачаҳои ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон низ пешбинӣ мегардад.

**Расми 12.**

**Шумораи духтарони Тоҷикистон, ки дар доираи амали низоми квотаи Президентӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ дохил шудаанд** *(наф., 1998-2010)*[120]

[120]Законодательство и политика Республики Таджикистан в сфере социальной защиты населения: гендерный анализ. – Душанбе, 2012. – С. 134.




Низоми таъминоти иҷтимоии Тоҷикистон аз суғуртаи иҷтимоӣ, дастгирии иҷтимоӣ дар шакли кумакпулиҳо ва имтиёзҳо ва як қатор хизматрасониҳои иҷтимоӣ, мисли нигоҳубини кӯдакон, ёрии ройгони тиббӣ ва субсидиҳо барои ҷубронпулиҳои пардохтҳои манзили коммуналӣ ва кумакпулиҳо барои ҳомиладорӣ ва таваллуд иборат мебошад. Ин хизматрасониҳо ва имтиёзҳо тавассути фаъолияти меҳнатӣ дастрас мебошанд. Низоми давлатии суғуртаи иҷтимоӣ барои таъминоти иҷтимоии шахсони суғурташудае пешбинӣ шудааст, ки бо сабабҳои гуногун, аз ҷумла бо сабаби ҳомиладорӣ ва таваллуд даромади худро аз даст додаанд. Суғуртаи иҷтимоӣ ба пардохти ҳатмии андози иҷтимоие алоқамандӣ дорад, ки аз ҷониби корфармо ва кормандон пардохта мешавад. Дар моддаи 5-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи иҷтимоӣ» омадааст, ки суғуртаи иҷтимоии давлатӣ шахсонеро фаро мегирад, ки тавассути шартномаи меҳнатӣ дар корхонаю муассисаҳо ва ташкилотҳо новобаста аз шакли моликияташон ва мақоми ҳуқуқиашон кор мекунанд. Пас шароити дастрасӣ ба суғуртаи иҷтимоӣ мавҷудияти шартномаи меҳнатӣ ва пардохти андози иҷтимоӣ мебошад. Барои ҳифзи модарӣ як қатор кумакҳо, мисли кумакҳо барои

ҳомиладорӣ ва таваллуд дар давоми рӯхсатӣ, кумакпулиҳои ҳармоҳа барои нигоҳубини кӯдак, кумакпулии якдаъфаина барои таваллуди кӯдак. Ин кумакпулиҳоро корфармо медиҳад. Агар падару модари кӯдак кор накунанд, пас онҳо барои таваллуди кӯдак ҳуқуқи гирифтани кумаки якдаъфаина ва кумакпулии ҳармоҳа барои нигоҳубини кӯдакро доранд. Агар падару модар кор накунанд ва нахонанд ин кумакпулиҳоро шӯъбаи ҳифзи иҷтимоӣ пардохт менамояд. Шахсони суғурташудае, ки ба соҳибкории инфиродӣ машғуланд, ба кумакпулии оилавӣ, ки аз тарафи мақомоти ҳифзи иҷтимоӣ пардохт карда мешавад, ҳуқуқ доранд[121].

Масъалаи суғуртаи иҷтимоӣ ва дастрасӣ ба ҳифзи модарӣ барои заноне, ки дар бахши хоҷагии қишлоқ кор мекунанд, ниҳоят аҳамиятнок аст, зеро 80%-и занони шуғлманди Тоҷикистон дар ин соҳа фаъолият мекунанд. Аксарияти занон дар ин соҳа ба сифати корманди кироя кор карда, ба кумакпулиҳо ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ дастарасии пурра надоранд. Нисбати заноне, ки шартномаи меҳнатӣ набастаанд ва шуғли ғайрирасмӣ доранд, механизмҳои пардохти кумакпулиҳои оилавӣ ва рӯхсатии ҳомиладорию таваллуд кор карда баромада нашудаанд. Ба таври назариявӣ ҳар як зан ҳуқуқи гирифтани кумакпулии ҳармоҳа барои нигоҳубини кӯдак ва кумакпулии якдаъфаина барои таваллуди кӯдакро дорад, аммо дастрасии онҳо ба чунин кумакпулиҳо аз сабаби огоҳӣ надоштан ва паст будани сатҳти донишҳои ҳуқуқӣ маҳдуд мебошад. Агар зан шуғли ғайрирасмӣ дошта бошад, пас кумакпулиҳои ба таваллуд ва нигоҳубини кӯдакро дастрас намекунад.

Инчунин заноне, ки дар хона меҳнат мекунанд, ҳарчанд дар Кодекси меҳнат аз соли 2011 ҳамчун категорияи нави корманд ҳисоб мешаванд, аммо андози иҷтимоӣ дар Кодекси андоз нисбати ин категорияи аҳолӣ пешбинӣ нашудааст. Пас заноне, ки дар кори хона

---

[121] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ», аз 13 декабри соли 1997, № 517. Моддаи 14. [манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj/content (санаи истифодабарӣ: 23.12.2021).

банданд, ба ҳифзи модарӣ таъмин нестанд, ҳарчанд дар Кодекси меҳнат кофолати ҳуқуқи ҳифзи иҷтимоии онҳо пешбинӣ гардидааст.

Дар Тоҷикистон барои ҳифзи модарӣ як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ қабул гардидааст. Дар моддаи 34-уми Конститутсияи Тоҷикистон омадааст, ки модар ва кӯдак аз тарафи давлат муҳофизат карда мешаванд. Дар моддаи 35-уми Конститутсияи Тоҷикистон истифодаи меҳнати занон дар корҳои зеризаминӣ ва корҳои бо шароитҳои барои саломатӣ зараровар манъ карда шудааст[122]. Талаботи ин моддаҳои Конститутсия дар дигар санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ мустаҳкам гардидаанд. Дар моддаи 7-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии ҳуқуқҳои баробари занон ва мардон ва имкониятҳои баробари тадбиқгардии онҳо» омадааст, ки ҳангоми қабул ба кор, боло бурдан дар зинаҳои касбӣ, омӯзишҳои касбӣ, гузоштани режими меҳнатӣ ва аз кор ҷавоб додан бояд талаботҳои қонунгузорӣ дар бораи ҳуқуқ ва кафолатҳои ҳар ду ҷинс бо уҳдадориҳои оилавиашон ба инобат гирифта шаванд[123].

Ҳуқуқ ва кафолатҳо оид ба ҳифзи модарӣ дар Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мустаҳкам гардидаанд. Боби 21-уми Кодекси меҳнатии Тоҷикистон «Хусусияти танзими меҳнати кормандони хонагӣ» ном дорад ва дар моддаи 247-уми он «Хусусияти бастан ва бекор кардани шартномаи меҳнатӣ бо кормандони хонагӣ» чунин омадааст: «1. Кормандони хонагӣ шахсоне мебошанд, ки корро (хизматро) дар хоҷагии корфармо - шахси воқеӣ иҷро менамоянд. 2. Қарор дар бораи ба кор қабул намудан ва ё бекор кардани муносибатҳои меҳнатӣ бо кормандони хонагӣ ва маълумот оид ба кори ӯ дар дафтарчаи меҳнатӣ аз ҷониби корфармо ворид карда намешавад. 3. Намудҳои корҳои хонагиро

---

[122] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Нашриёти Ганҷ, 2016. – С.19.

[123] Закон Республики Таджикистан о государственных гарантиях равных прав женщин и мужчин и равных возможностях их реализации, от 1 марта 2005 года, №89. Статья 7, часть 2. [электронный ресурс]. URL: http://ncz.tj/content (дата обращения: 23.12.2022).

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад. 4. Фаъолияти меҳнатии корманди хонагӣ бо шартномаи меҳнатӣ тасдиқ карда мешавад. 5. Муҳлати огоҳии хаттӣ оид ба бекор (қатъ) кардани шартномаи меҳнатӣ, андозаи ҷуброн ва тартиби пардохти он бо корманди хонагӣ дар шартномаи меҳнатӣ муқаррар карда мешаванд»[124]. Ба кор қабул намудани кормандоне (кормандони хонагӣ ва хонакорон), ки дар назди шахсони воқеӣ кор мекунанд, тавассути бастани шартномаи меҳнатӣ, ки намунааш аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ тасдиқ мегардад, ба расмият даровардa мешавад.

Ба кормандони хонагӣ меъёрҳои давомнокии вақти корӣ ва вақти дамгирӣ, ки Кодекси мазкур ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд, паҳн мегарданд. Реҷаи кор, тартиби додани рӯзҳои истироҳат, рухсатии меҳнатии ҳарсолаи пардохтшаванда, ба изофакорӣ, кор дар вақти шабона, рӯзҳои истироҳат ва иди ғайрикорӣ, ҷалб намудани кормандони хонагӣ бо шартномаи меҳнатӣ танзим мешаванд. Татбиқ ва бекор кардани ҷазои интизомӣ нисбати корманди хонагӣ бо шартномаи меҳнатӣ, ки намунаашро мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ тасдиқ мекунад, муқаррар карда мешавад.

Дигар шакли меҳнат дар Кодекси нави меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон корманди хонакор ном гирифтааст. Корманди хонакор – шахсе, ки корро дар хонаи худ ё ҷойи барои иҷрои кор мувофиқ бо меҳнати шахсӣ анҷом медиҳад. Дар боби 22-уми Кодекси меҳнатӣ, ки «Хусусияти танзими меҳнати кормандони хонакор» ном дорад, дар моддаи 252-уми он омадааст: шахсоне, ки бо корфармо оид ба иҷрои кор

---

124 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 июли соли 2016, №1329 [манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj/content (санаи истифодабарӣ: 23.12.2021).

дар хона бо меҳнати шахсӣ бо истифода аз мавод, таҷҳизот, асбоб ва олотҳои худ ва ё бо олоту воситаҳои аз ҷониби корфармо ҷудокардашуда ё ин ки бо маблағҳои корфармо харидорӣ шуда, барои иҷрои корҳо дар бинои шахсии худ ё ҷойи барои иҷрои кор мувофиқ шартномаи меҳнатӣ бастаанд, ҳамчун кормандони хонакор ҳисобида мешаванд. Иҷрои кори корманди хонакор мумкин аст ҳангоми бастани шартномаи меҳнатӣ, инчунин дар давоми муҳлати амали шартномаи меҳнатӣ бо ворид намудани тағйироти дахлдор ба шартномаи меҳнатӣ муқаррар карда шавад. Реҷаи вақти корӣ ва вақти истироҳат, хусусиятҳои назорати корфармо барои риояи тартиби вақти корӣ, шартҳои таъмини бехатарӣ, ҳифзи меҳнат ва риояи ин шартҳо барои кормандони хонакор бо шартномаи меҳнатӣ муқаррар карда мешаванд.

Дар Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои занон рухсатии ҳомиладорӣ ва таваллуд муқаррар шудааст. Дар моддаи 223, ки рухсатӣ барои ҳомиладорӣ ва таваллуд ном дорад, ба занони ҳомила дар асоси варақаи корношоямии бо тартиби муқарраргардида додашуда пеш аз таваллуд ҳафтод рӯзи тақвимӣ ва баъд аз таваллуд низ ҳафтод (дар ҳолати таваллуди мушкил - ҳаштоду шаш, таваллуди ду ва ё зиёдаи кӯдак - яксаду даҳ) рӯзи тақвимӣ рухсатӣ барои ҳомиладорӣ ва таваллуд дода, кумакпулӣ аз ҳисоби суғуртаи давлатии иҷтимоӣ пардохт карда мешавад. Ба занон рухсатӣ барои ҳомиладорӣ ва таваллуд, новобаста аз рӯзҳои истифодаи воқеӣ то таваллуд ва давомияти кор дар ташкилот дар маҷмӯъ пурра ҳисоб карда, дода мешавад.

Дар моддаи 224-уми ҳамин кодекс рухсатӣ барои нигоҳубини кӯдак муқаррар шудааст. Баъд аз ба охир расидани рухсатӣ барои ҳомиладорӣ ва таваллуд бо хоҳиши зан барои нигоҳубини кӯдак то ба як солу шашмоҳагӣ расидани ӯ рухсатӣ дода, дар ин давра аз ҳисоби маблағҳои суғуртаи давлатии иҷтимоӣ кумакпулӣ дода мешавад. Барои

нигоҳубини кӯдак то ба се солагӣ расидани ӯ рухсатии бемузд бо хоҳиши кормандони зерин дода мешавад:

- бо интихоби падару модар - ба модар ё ки ба падари кӯдак;
- ба падар ё модари танҳое, ки кӯдакро тарбия менамояд;
- бибӣ, бобо, дигар намояндаи қонунии кӯдак, ки кӯдаки бепарастории падару модар мондаро, тарбия мекунанд;
- ба корманд, ки кӯдаки навтаваллудшударо ба парасторӣ (фарзандхондӣ) гирифтааст.

Рухсатии бе нигоҳ доштани музди меҳнат барои нигоҳубини кӯдак то расидан ба се солагӣ метавонад пурра ё қисман дар асоси аризаи хаттии корманд, ки дар қисми 2 моддаи мазкур пешбинӣ шудааст, аз рӯи интихоби ӯ истифода карда шавад. Ҳангоми дар рухсатии нигоҳубини кӯдак будан, онҳо метавонанд рӯзи нопурраи корӣ ё дар хона кор карда, аз ҳисоби маблағҳои суғуртаи давлатии иҷтимоӣ кумакпулӣ гиранд.

Дар вақти рухсатии бе нигоҳ доштани музди меҳнат барои нигоҳубини кӯдак то расидани ӯ ба се солагӣ ба корманд ҷойи кор (мансаб) нигоҳ дошта мешавад. Вақти рухсатии бе нигоҳ доштани музди меҳнат барои нигоҳубини кӯдак то расидан ба сесолагӣ ба собиқаи меҳнатии умумӣ, бетанаффус ва аз рӯи ихтисос дохил карда мешавад, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигарро пешбинӣ накарда бошад.

Мувофиқи моддаи 226-уми Кодекси меҳнатии Тоҷикистон Ба кормандоне, ки кӯдакони навзодро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон фарзандхонд кардаанд ё васии онҳо мебошанд, барои давраи фарзандхондӣ (муқаррар шудани васоят) ва то хатми ҳафтод (ҳангоми фарзандхонд кардани ду кӯдаки навзод - яксаду даҳ) рӯзи тақвимӣ аз рӯзи таваллуди кӯдак барояшон рухсатӣ дода, кумакпулӣ аз ҳисоби суғуртаи давлатии иҷтимоии ин давра пардохта, бо хоҳиши онҳо

барои то расидан ба як солу шашмоҳагӣ ва сесолагӣ нигоҳубин кардани кӯдакашон (моддаи 224 Кодекси мазкур) рухсатӣ дода мешавад. Кафолат ва имтиёзҳои зани кӯдакдор ба падароне, ки кӯдакро бе модар тарбия мекунанд (дар ҳолати фавти модар, аз ҳуқуқи модарӣ маҳрум шудан, дуру дароз дар муассисаи табобатӣ будан ва дар дигар ҳолатҳои кӯдакро парасторӣ карда натавонистани модар), инчунин ба васии (парастори) ноболиғон татбиқ мешаванд.

Дар қонунгузории меҳнатӣ кафолати иловагӣ барои занон ва шахсони дорои уҳдадориҳои оилавӣ муқарар карда шудааст. Масалан, мувофиқи моддаи 225-уми Кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки «Кафолатҳо барои занони ҳомила ва фарзанддор ҳангоми ба кор қабул кардани онҳо» ном дорад, ба кор қабул накардани занон ва кам кардани музди меҳнати онҳо ба сабаби ҳомиладорӣ ё фарзанддорӣ манъ аст. Ҳангоми ба кор қабул накардани зани ҳомила, занон ё дигар шахсони дорои уҳдадориҳои оилавӣ, ки кӯдаки то сесола ё кӯдаки маъюб доранд, корфармо уҳдадор аст, ки сабабҳои ба кор қабул накарданашро хаттӣ хабар диҳад. Шахсони мазкур метавонанд аз саркашии корфармо барои қабул кардан ба кор ба суд муроҷиат намоянд. Корфармо уҳдадор аст, занонеро, ки мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ бо мақсади бо кор таъмин кардани онҳо мефиристад, аз ҳисоби квотаи муқарраршуда ба кор қабул намояд.

Бекор кардани шартномаи меҳнатӣ бо ташаббуси корфармо бо зани ҳомила, занон ва дигар шахсони дорои уҳдадориҳои оилавӣ, ки дар тарбияи худ кӯдаки то се сола ё кӯдаки маъюб доранд, роҳ дода намешавад. Агар зан дар рӯзи ба итмом расидани муҳлати шартномаи меҳнатӣ дар хусуси зиёда аз дувоздаҳ ҳафта ҳомиладор буданаш хулосаи тиббӣ пешниҳод намояд, корфармо уҳдадор аст муҳлати шартномаи

меҳнатиро то рӯзи ба итмом расидани рухсатӣ барои нигоҳубини кӯдак то ба се солагӣ расидан дароз кунад.

Мувофиқи моддаи 216-уми Кодекси меҳнати Ҷумҳури Тоҷикистон дар корҳои вазнин, зеризаминӣ ва шароити меҳнаташон зарарнок истифодаи меҳнати занон манъ аст. Инчунин мувофиқи моддаи 217-уми ҳамин кодекс корфармо ҳуқуқ надорад занони ҳомиларо ба кори шабона, кор дар рӯзҳои истироҳат ва иди ғайрикорӣ, изофакорӣ ҷалб намояд, ба сафари хизматӣ фиристонад, инчунин онҳоро аз рухсатии меҳнатии ҳарсолаи пардохтшаванда бозхонд намояд. Корфармо ҳуқуқ надорад заноне, ки кӯдаки то синни чордаҳ доранд, инчунин дигар шахсоне, ки кӯдаки то синни чордаҳро бе модар тарбия мекунанд ва кормандоне, ки аъзои бемори оиларо нигоҳубин мекунанд ё кӯдакони маъюбро тарбия менамоянд, агар аъзои бемори оила ва кӯдакони маъюб дар асоси хулосаи тиббӣ ба нигоҳубини доимӣ эҳтиёҷманд бошанд бе розигии хаттии онҳо ба кори шабона, изофакорӣ ва ба кор бо усули вахтавӣ ҷалб намояд, инчунин ба сафари хизматӣ фиристонад.

Дар моддаи 218-уми Кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки «Танаффус барои ғизодиҳии кӯдак» ном дорад, ба ғайр аз танаффус барои истироҳат ва истеъмоли хӯрок, танаффусҳои байнибастӣ ва махсус, ба занон, ки кӯдаки то яксолу шашмоҳа доранд, падар ё дигар намояндаи қонунии кӯдак, ки кӯдаки то яксолу шашмоҳаро бе модар тарбия мекунанд, барои ғизо додани кӯдак баъди ҳар се соати кор бо давомнокии муайян (барои як кӯдак - ҳар як танаффус на кам аз сӣ дақиқа ва барои ду ё зиёда кӯдак - ҳар як танаффус на кам аз як соат) танаффус дода мешавад. Танаффус барои ғизодиҳии кӯдак (кӯдакон) дар асоси аризаи кормандони дар қисми 1 моддаи мазкур нишон додашуда, ба танаффус барои истироҳат ва истеъмоли хӯрок ҳамроҳ карда мешавад ё ин ки дар шакли ҷамъшуда дар аввал ё дар охири рӯзи (басти)

корӣ бо ихтисори дахлдори вақти корӣ дода мешавад. Танаффус барои ғизодиҳии кӯдак (кӯдакон) ба вақти корӣ дохил карда мешавад ва дар ин давра музди миёнаи меҳнати зан ё дигар намояндаи қонунии кӯдак нигоҳ дошта мешавад.

Корфармо уҳдадор аст, дар асоси аризаи зани ҳомила ва дигар шахсони уҳдадориҳои оилавӣ дошта, ки кӯдаки то чордаҳсола ё кӯдаки маъюбро нигоҳубин мекунанд, инчунин ба корманде, ки нигоҳубини аъзои бемори оиларо мутобиқи хулосаи тиббӣ амалӣ менамояд, реҷаи вақти рӯзи нопурраи корӣ ё ҳафтаи нопурраи корӣ муқаррар намояд. Истифодаи ҷамъи ҳисоби вақти корӣ барои занони ҳомила иҷозат дода намешавад, агар давомнокии рӯзи корӣ (басти корӣ) аз ҳашт соат зиёд бошад.

Корфармо дар асоси хулосаи тиббӣ уҳдадор аст, зани ҳомиларо бо нигоҳ доштани музди миёнаи меҳнат ба дигар кор гузаронида, таъсири омилҳои истеҳсолии зарарнок ва хавфнокро истисно намояд. То додани кори дигар ба зани ҳомила, ки таъсири омилҳои истеҳсолии номусоидро истисно менамояд, ӯ аз кор бо нигоҳ доштани музди миёнаи меҳнат барои ҳамаи рӯзҳои кории гузаронидашуда аз ҳисоби корфармо озод карда мешавад. Занони кӯдаконашон то як солу шашмоҳа дар ҳолатҳое, ки иҷрои кори онҳо барои модарони кӯдакашон ширмак манъ аст ё ба риояи низоми ширмаконӣ имкон намедиҳад, то ба синни як солу шашмоҳа расидани кӯдакашон ба кори дигар гузаронида шуда, моҳонаи миёнаашон аз рӯи кори пештараи онҳо дода мешавад.

Мувофиқи моддаи 222-уми Кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз рухсатӣ барои ҳомила ва таваллуд ё бевосита баъд аз он ё баъд аз тамом шудани рухсатӣ барои нигоҳубини кӯдак бо хоҳиши зан, новобаста аз собиқаи корӣ дар ташкилоти мазкур рухсатии ҳарсолаи меҳнатии пардохтшаванда дода мешавад. Ба заноне, ки ду ё

зиёда фарзанди то чордаҳсола ё фарзанди маъюб доранд, инчунин ба модарони яккаву танҳо ва дигар шахсони дорои уҳдадориҳои оилавӣ, ки фарзанди то чордаҳсола ё фарзанди маъюб доранд, рухсатии ҳарсола бо хоҳиши онҳо дар фасли тобистон ё дигар вақти барояшон мувофиқ дода мешавад. Занон ҳуқуқ доранд, ки 70 рӯзи тақвими то таваллуд ва 70 рӯзи тақвимии дигар баъди таваллуд ба рӯхсатии ҳомиладорӣ ва таваллуд бароянд. Агар таваллуд мушкил гузарад, рухсатии баъди таваллуди ӯ то 86 рузи тақвимӣ ва агар зан якбора ду ё зиёда аз он таваллуд кунад, рухсатиаш 110 рӯзи тақвимӣ давом менамояд.

Пас аз хотима ёфтани рухсатии ҳомиладорӣ ва таваллуд зан ба рӯхсатии нигоҳубини кӯдак то 1,5 солагӣ ҳуқуқ дорад. Дар ин давра ба зан бо воситаи суғуртаи иҷтимоӣ кумакпулӣ пардохт карда мешавад. Кумакпулии иҷтимоӣ ҳармоҳа бо як нишондиҳандаи барои ҳисобҳо (50 сомонӣ) пардохта мешавад. Агар зарурат пайдо шавад, ба зан рухсатии иловагӣ то ба 3 солагӣ расидани кӯдак дода мешавад, аммо дар ин муддат кумакпулии иҷтимоӣ ва музди меҳнат пардохт карда намешавад. Аммо корфармо вазифадор аст, ки дар муддати рухсатии нигоҳубини кӯдак ва рӯхсатии иловагӣ ҷойи кори занро нигоҳ дорад ва ин муддат дар собиқаи кории зан дохил мешавад.

Дигар масъалае, ки барои модарони танҳо муҳим аст – ин ба муассисаҳои тобактабӣ ҷой додани кӯдакони онҳо мебошад. Мувофиқи моддаи 1-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз 22 июли соли 2013, № 1004 «муассисаи томактабӣ – ташкилоте, ки барои кӯдакони синни томактабӣ пешбинӣ шуда, онҳоро бо таълиму тарбияи аввалия фаро мегирад». Дар Тоҷикистон кӯдакони аз 2 моҳа то 6 сола ҳуқуқи таълиму тарбияи томактабӣ доранд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон намудҳои зерини муассисаҳои томактабӣ: ширхоргоҳ, ширхоргоҳ-кӯдакистон, кӯдакистон, мактаб-интернат, хонаи кӯдакон, маркази

инкишофи кӯдакон, кӯдакистони оилавӣ ва дигар муассисаҳои томактабии кӯтоҳмуддат, рӯзона, шабонарӯзӣ ва муассисаҳои ба онҳо баробаркардашудаи давлатӣ ва ғайридавлатӣ амал менамоянд. Дар қисми 5-уми моддаи 15-и ин Қонун омадааст, ки «Давлат муассисаҳои томактабиро аз ҷиҳати моддӣ ва молиявӣ дастгирӣ карда, дастрасии хизматрасонӣ, таълиму тарбияи томактабиро барои оилаҳои камбизоат таъмин менамояд»[125].

Модарони танҳо бо сабаби камбизоатӣ ва зиёд будани талаботи аҳолӣ фарзандони худро дар муассисаҳои томактабӣ гузошта наметавонанд. Ҳоло дар Тоҷикистон муассисаҳои томактабӣ барои ҳамаи хоҳишмандон намерасад, талабот ба онҳо меафзояд. Дар деҳотҷойҳо бошад чунин муассисаҳо ниҳоят каманд ва ин вазифаро калонсолони хона ва ҳатто кӯдакони калонтари хона иҷро мекунанд. Занони танҳое, ки дар деҳот кор мекунанд, барои нигоҳубини кӯдакони хурдсол кӯдакони нисбатан калонсолтарашонро ҷалб менамоянд. Дар шаҳрҳо ҳамаи модарони танҳо имконияти ба муассисаҳои томактабӣ ҷой додани варзандонашонро надоранд. Муассисаҳои хусусии томактабӣ низ кушода мешаванд, аммо хизматрасониҳои онҳо арзиши калон дорад ва модарони танҳо имконияти дар ин муассисаҳои томактабӣ ҷой додани кудакро надоранд.

Дар муассисаҳои томактабии шаҳр дар навбати аввал бояд кӯдакони занони корманд ва аз ин хизматрасонӣ муҳтоҷро гиранд, аммо на ҳама вақт ин қоида риоя мегардад. Баъзан вақт занони хонашине, ки дар ҳеҷ куҷо кор намекунанд, бо воситаҳоим гуногун кӯдакони хурдсоли худро дар он ҷо ҷой медиҳанд. Ин муассисаҳо аз ҳадди муқарраршуда кӯдакони зиёдтар қабул мекунанд ва бо ин сабаб сатҳи таълиму тарбия дар чунин муассисаҳои томактабӣ торафт поён меравад. Ҳарчанд ин

[125] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз 22 июли соли 2013, № 1004, моддаи 15 [манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj/content (санаи истифодабарӣ: 23.12.2022).

муассисаҳо ройгон бояд хизмат кунанд, аммо барои қабул кӯдак ба муассиса пули алоҳида талаб мешавад, инчунин ҳар моҳ падару модарон пулӣ муайяне месупоранд. Ғайр аз ин барои таъмир, иду ҷашнҳо ва чорабиниҳои гуногун аз волидайни кӯдакон маблағи муайян талаб карда мешавад.

Айни замон зарурате пеш омадааст, ки муассисаҳои томактабиро дар шаҳру деҳот зиёд намуда, сифати хизматрасониҳои онҳоро баланд намудан лозим аст. Инчунин зарур аст, ки барои ҳифзи модарони танҳои камбизоат ва фарзандони оилаҳои нопурра дар қонунгузории муассисаҳои томактабӣ ислоҳот ворид карда шавад. Қонунгузории миллии кишварамон бояд нисбат ба корфармоёне, ки модарони танҳоро ба кор қабул мекунанд, бояд ҳавасмандиҳои иҷтимоӣ ва имтиёзҳои андозӣ муқаррар намоянд.

Модарони танҳо барои таҳсили фарзандони дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ, касбӣ ва олӣ низ мушкилӣ доранд. Давлат барои таҳсилоти фарзандони оилаҳои камбизоати нопурра имтиёзҳо муқаррар намудааст. Дар қисми 3-юми моддаи 62 омадааст, ки «Фонди таълим барои таъмини талаботи моддӣ ва истеъмолии хонандагон аз оилаҳои камбизоат, дигар намудҳои ёрии моддӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, гузаронидани чорабиниҳои солимгардонию маънавӣ, ҳавасмандгардонии омӯзгорону хонандагон сарф карда мешавад». Дар қисми 10-уми моддаи 44-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ба фарзандони оилаҳои камбизоат, аз ҷумла оилаҳои нопурра чунин имтиёз дода шудааст: «Хонандагон ва донишҷӯён аз оилаҳои камбизоат, ки дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбии давлатӣ дар асоси шартнома таҳсил менамоянд ва имтиҳонҳои ҷориро

бо баҳои «4» (хуб) ва «5» (аъло) месупоранд, бо тартиби муқаррааргардида ба гурӯҳҳои таҳсили ройгон гузаронида мешаванд»[126].

Яке аз масъалаҳои муҳим дар замони муосир ченкунии камбизоатӣ, мисли ҳадди ақали зиндагӣ мебошад, ки то ҳол мутахассисони соҳа дар ин масъала ба қароре наомадаанд. Ҳангоми муайян намудани камбизоатӣ дар Тоҷикистон аз меъёрҳои байналхалқӣ (даромад 2,15 доллар дар як рӯз) ё аз рӯйи меъёри ба ҳисоб гирифтани истеъмолӣ маҳсулоти хурока ба инобат гирифта мешаванд, ки ҳарду ин меъёр норасоиҳо доранд. Дар Тоҷикистон 19.05.2019 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳадди ақали зиндагӣ» қабул карда шуд, аммо то ҳол корҳо барои ҳисоби бузургии мушаххаси ҳадди ақали зиндагӣ ба охир нарасидааст, ки имконияти тадбиқи сиёсати муосири иҷтимоӣ дар Тоҷикистонро маҳдуд мегардонад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки модарони танҳое, ки роҳбари оила ҳастанд бо вуҷуди дастгирии давлатӣ хатари ба камбизоатӣ дучор шуданро доранд. Ғайр аз ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатӣ дигар имтиёзҳо, кумакпулиҳо ва ҷубронпулиҳои муайяншуда барои модарони танҳои роҳбари оила аз ҷиҳати иҷтимоӣ ва иқтисодӣ на он қадар самаранок мебошанд. Махсусан, заноне, ки бо сабаби аз тарафи шавҳарони муҳоҷирони меҳнатиашон ба ҳоли худ партофта шудаанд ва модари танҳои роҳбари оила ҳисоб мешаванд торафт дар Тоҷикистон зиёд мегарданд. Аз сабаби таҳсилот ва касбу ихтисоси зарурӣ надоштан, нақш ва амсилаи тақсимоти анъанавии меҳнат, маоши кам ва шуғли ғайрирасмӣ аксарияти ин гуна занон ба гурӯҳи эҳтиёҷманди аҳолӣ дохил мешаванд.

Дар қонунгузории меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми ба кор қабул накардани модарони танҳое, ки фарзандони ноболиғи то 14 сола

[126] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз 22 июли соли 2013, № 1004, моддаи 44 [манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj/content (санаи истифодабарӣ: 23.12.2022).

дорад, корфармо бояд дар шакли хати сабабҳои ба кор қабул накарданро пешниҳод намояд. Модари танҳое, ки кӯдаки ноболиғи то 14 сола дорад ва ба меҳнати касбӣ машғул аст ҳар сол дар вақти барояш мувофиқ рухсатии меҳнатӣ пешниҳод мешавад. Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» модарони танҳое, ки дар ёфтани ҷойи кори мувофиқ ба мушкилӣ рӯ ба рӯ мегардад, ҳуқуқ ба ҷойи кори квотавӣ дорад, ки дар таҷриба на ҳама вақт риоя карда мешавад. Як хусусияти дигари ин категорияи занон дар он аст, ки дар Тоҷикистон баъзе аз модарони танҳо аз шавҳаронашон «талоқи динӣ» мегиранд, аммо дар мақомоти САҲШ ҷудо нашудаанд, онҳо ба таври қонуни модари танҳо ҳисоб намешаванд ва солҳои дароз аз имтиёзҳо, кумакпулиҳо ва ҷубронпулиҳои муқаррарнамудаи давлат нисбат ба ин гуна категорияи занон маҳруманд. Аммо аз сабаби паст будани сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва ночиз будани имтиёзу кумакпулиҳо модарони танҳо барои соҳиб шудан ба ҳақи қонунии хеш он қадар талош намекунанд ва ҳавасманд ҳам нестанд.

Таъиноти асосии сиёсати иҷтимоии давлат нигоҳдошти мувозинати иҷтимоӣ дар ҷомеа мебошад. Дар давраи истиқлолият Тоҷикистон ҳуҷҷатҳои зиёди ҳуқуқии байналхалқиро, ки муносибатҳои соҳаи иҷтимоиро танзим менамоянд, ратификатсия кардааст ва дар қонунгузории миллӣ ворид намудааст. Аз тарафи дигар, дар қонунгузории ҳозираи Тоҷикистон меъёрҳои низоми ҳифзи иҷтимоии замони шӯравӣ низ роҳ ёфтаанд, махсусан, пешниҳоди имтиёзу кафолатҳои иҷтимоӣ. Дар натиҷа доираи уҳдадориҳои молиявии давлат, ки дар соҳаи иҷтимоӣ қабул гардидаанд, аз имконнятҳои воқеии буҷети давлатӣ берун мебароянд. Бо ин сабаб, баъзе аз меъёрҳои қонунгузории иҷтимоӣ дар таҷриба ва амалия тадбиқ намегарданд ва ё миқдори пулии онҳо ночизанд.

Бо пешрафти иқтисоди бозоргонӣ тағйирёбии арзишҳои иҷтимоӣ модарони танҳо дигар ба кумаки атрофиён, муҳити иҷтимоӣ ва хешовандон умед баста наметавонанд. Аз ин рӯ, дар ин гуна шароит давлат ва институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ барои ҳифзу дастгирии модарони танҳо ва оилаҳои нопурра, тарбия ё иҷтимоишавии кӯдакони оилаҳои нопурра тадбирҳои заруриро андешанд.

Масъалаи ба кор таъмин намудани модарони танҳо аз масъалаҳои муҳими сиёсати иҷтимоии мамлакат ба ҳисоб меравад. Дар давоми соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ мазмуну мундариҷаи меҳнати занон дар мамлакат ба куллӣ тағйир ёфт. Занон дар кишвари мо қариб нисфи захираҳои меҳнатиро ташкил намуда, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои касбомӯзӣ ва бо ҷои кор таъмин намудани онҳо пайваста тадбирҳо меандешад. Дар баробари ин, ба мансабҳои роҳбарикунандаи соҳаи иҷтимоӣ низ ҷалб намудани занон диққати ҷиддӣ дода мешавад.

Дар Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ин масъала чунин омадааст: «Мо минбаъд низ мақоми занонро дар ҷомеа баланд бардошта, мавқеи онҳоро дар татбиқи сиёсати иҷтимоии давлат дастгирӣ менамоем. Дар замони соҳибистиқлолӣ як қатор стратегияву барномаҳои давлатӣ дар ин самт амалӣ гардида, барои фаъолияти занон имкониятҳои васеъ фароҳам оварда шуданд. Барои мисол метавон аз ду соҳаи иҷтимоӣ – маориф ва тандурустӣ ёдовар шуд, ки солҳои охир дар ин сохторҳо шумораи занону духтарон ба маротиб афзоиш ёфтааст.

Тибқи маълумоти оморӣ соли 1991 дар соҳаи маорифи кишвар аз 95 ҳазор нафар кормандон ҳамагӣ 52 фоизро занону духтарон ташкил медоданд. Соли 2018 ин нишондиҳанда ба 70 фоиз расидааст. Дар соҳаи тандурустӣ соли 1998 аз 45 ҳазор нафар кормандон 25 ҳазор нафари онҳо занону духтарон буданд. Ин нишондиҳанда соли ҷорӣ аз шумораи

умумии кормандони соҳа, ки 80 ҳазор нафарро ташкил мекунанд, ба 51 ҳазор нафар расидааст, ки нисбат ба солҳои пеш хеле зиёд мебошад. Имрӯз шумораи занон дар сафи хизматчиёни давлатӣ афзоиш ёфта, соли 2018 дар мансабҳои роҳбарикунанда 19 фоиз ва дар ҳайати хизматчиёни давлатии мақомоти марказӣ ва сохторҳои тобеи онҳо 25 фоизро занону духтарон ташкил медиҳанд.

Мо ба азму ирода ва масъулиятшиносии занон ҳамчун нерӯи бузурги ҷомеа эътимоди комил дорем. Баробари ин, медонем, ки зан модар аст, яъне ягона мавҷудест, ки инсонро ба дунё меорад ва ба ӯ ҳаёт мебахшад. Ба ин хотир, мо масъул ҳастем, ки ба ин мавҷуди офарандаи инсоният арҷ гузорем, ранҷу машаққат ва заҳмату хизматҳои ӯро қадр намоем»[127].

Хулоса, оилаҳои нопурра ва модарони танҳо на танҳо эҳтиёҷ ба кумакҳои моддӣ, балки ба талабот ба бехатарӣ ва муҳофизат дар низоми муносибатҳои иҷтимоӣ, эҳтиёҷ ба аз худ намудани роҳҳои мустақилона ҳал намудани масъалаҳои ҳаётӣ, танзими муносибатҳо ба фарзандон ва ва ҷомеаро доранд. Кумаки кормандони иҷтимоӣ ва психологҳо ба модарони танҳо дар ҳолатҳои мушкили зиндагӣ ва дастгирии эмотсионалии онҳо дар ҳолати шиддатҳои равонӣ хело муҳим аст. Мутахассисон бо модарони танҳо барои бартараф намудани мушкилии ҳаётӣ бояд тренингҳои омӯзишӣ гузаронанд, барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоии оилаҳои нопурра ва модарони танҳо бояд хадамоти шуғл, муассисаҳои тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, таҳсилот, хадамотҳои ҳуқуқӣ ва Кумитаи оила ва занони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалб намоянд.

[127]Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [манбаи электронӣ]. URL: http: //www.president.tj/№de/19088 (санаи истифодабарӣ: 26.12.2018).

# ХУЛОСАҲО

Пас аз таҳлили нуктаҳои муҳим ва иҷрои вазифаҳои дар диссертатсия пешбинишуда бо такя ба таҳқиқотҳои ҷомеашиносони ватанию хориҷӣ ва натиҷаҳои таҳқиқотҳои сотсиологии гузаронидашуда хулосаҳои зайл бароварда метавонем:

- Ҷомеаи инсонӣ дар асри навин ба тағйирёбии бесобиқаи арзишҳо ва меъёрҳо, тарзи зиндагӣ ва муносибатҳои иҷтимоӣ рӯ ба рӯ гардидааст. Дар чунин шароит ҳамзистии осоишта ва сазовори одамон, таълиму тарбияи фарзандон, худмуайянкунӣ ва мутобиқшавии иҷтимоии субъектони муносибатҳои иҷтимоӣ ба масъалаи мубрам табдил меёбанд. Тағйир ёфтани сохтори иҷтимоии Тоҷикистон, махсусан, меъёрҳо ва арзишҳои иҷтимоӣ ба муносибатҳои оилавӣ бетаъсир намонданд, зеро оила ҳамчун институти иҷтимоӣ ҳама гуна тағйиротҳои ҷомеаро дар худ таҷассум менамояд.
- Барои иҷтимоишавии муътадили кӯдакон, ҳифзи фарҳанг ва арзишҳои миллӣ, боло бардоштани ҳуввият, худшиносии миллӣ ва ҳисси ватандӯстии ҷавонон накши модарӣ дар оила аз аҳамияти фавқуллода бархурдор мегардад. Аз ин сабаб, неруманд гардонидани иқтидори институти модарӣ, таъмини шароит барои худмуайянкунии ҳаётӣ ва касбии модарон, имтиёзҳо дар меҳнати модарон ва баланд бардоштани мақоми иҷтимоии онҳо аҳамияти калон дорад. Тағйир ёфтани сохтори иҷтимоии Тоҷикистон, махсусан, меъёрҳо ва арзишҳои иҷтимоӣ ба муносибатҳои оилавӣ бетаъсир намонданд, зеро оила ҳамчун институти иҷтимоӣ ҳама гуна тағйиротҳои ҷомеаро дар худ таҷассум менамояд. Дар шароити буҳронҳо ва тағйиротҳои куллии иҷтимоӣ меъёрҳо ва арзишҳои

фарҳангӣ бо шарофати модарӣ аз як насл ба насли дигар таҳвил меёбанд.

- Модарӣ маънои нигоҳдошти ҳаёт, такрористеҳсолии насл ва механизми ҳифзи мероси фарҳангии ҷомеаро дорад. Ҳамзамон, модарӣ сифати биологӣ ва ҳам нақши иҷтимоии зан аст, ки боиси боло рафтани мақоми иҷтимоии зан, эҳсоси иҷро намудани масъулияти иҷтимоӣ ва қаноатмандии шахсӣ мегардад. Дар ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон модарӣ як арзиши бунёдӣ ва интизории нақшии оилаҳои тоҷик ба ҳисоб меравад, ҳатто мафҳумҳои «зан» ва «модар» тавъам дониста мешаванд. Заноне, ки модар намешаванд, интизориҳои иҷтимоиро амалӣ карда наметавонанд, дар натиҷа низоъҳои оилавӣ авҷ гирифта, ба азбайнравии оила ва қатъ гаштани ақди никоҳи ҳамсарон боис мегардад. Бо ин сабаб, то асри XX шакли асосии худтасдиқнамоӣ ва худвоқеъгардонии занон дар ҷомеа вазифаи модарии онҳо ба ҳисоб мерафт.
- Барои шарҳи зуҳуроти модарӣ дар илмҳои ҷомеашиносӣ равишҳои гуногун вуҷуд доранд, ки яке аз онҳо равиши биологӣ мебошад. Аз таълимоти иҷтимоии Шарқ ва Юнони Қадим оғоз гардида, то таълимоти иҷтимоии ибтидои асри XX бештари ҷомеашиносон дар доираи равиши биологӣ масъалаҳои модариро баррасӣ намудаанд. Дар доираи равиши биологӣ вазифаи асосии занон таваллуд, таълиму тарбияи фарзандон ва кори хонагӣ ҳисобида шуда, иҷроиши вазифаи биологӣ воситаи асосии худтадбиқнамоии онҳо эътироф мегардад. Дар таърихи афкори иҷтимоии мутафаккирони халқи тоҷик модарӣ муҳимтарин воситаи нигоҳдошти насли инсоният, таълиму тарбияи насли солим ва ҳифзи арзишҳои иҷтимоӣ медонистанд. Асосгузори илми сотсиология О. Конт

оиларо ячейкаи ибтидоӣ ва мактаби ҳастии иҷтимоӣ номида буд ва ақида дошт, ки танҳо ҳамсари шоиста модари хуб шуда метавонад.

- Бо тағйироти иҷтимоӣ, пешрафти саноат ва истеҳсолот, тағйирёбии низоми арзишҳо ва қолибҳои анъанавӣ равиши иҷтимоии шарҳи модарӣ ташаккул ёфт. Мувофиқи ин равиш модарӣ ҳамчун арзиши иҷтимоӣ фаҳмида шуда, модарӣ на ӯҳдадорӣ, балки яке аз ҳуқуқҳои зан ба ҳисоб меравад. Заминаи маънавии пайдоиши ин равиши фаҳмиши модарӣ ба таълимоти иҷтимоии Афлотун алоқамандӣ дорад, ки иштироки баробари зану мардро дар ҳаёти иҷтимоӣ махсус таъкид намудааст. Сотсиологи рус П.А. Сорокин вазифаи асосии оила ва модариро институти муҳими таълиму тарбия ва худмуайянкунии фарзандон ҳисобида, нақши онҳоро ҳамчун хурдтарин воҳиди иҷтимоӣ дар раванди ҷойивазкунии иҷтимоӣ хеле бузург медонист. Дар таълимоти марксистӣ низ масъалаи модарӣ дар доираи равиши иҷтимоӣ баррасӣ гардидааст. Дар доираи назарияи функсионализми сохторӣ оила ҳамчун воситаи ҳамгироии аъзоён бо ҷомеа дониста шудааст. Яке аз намояндагони ин назария Т. Парсонс ба масъалаи нақшҳои ҷинсӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, барои ҳифзи ҳамбастагии оилавӣ муҳим шуморидааст.
- Дар асри XX олами Аврупоро ҳаракатҳои феминистӣ фаро гирифт, ки дар натиҷа қолабҳои фикрии анъанавӣ нисбати занон тағйир меёбад, таҳсилот ва сатҳи касбияти занон низ рушд меёбад ва дар ҳамаи соҳаи зиндагӣ нақши занон дида мешавад. Чунин дигаргуниҳо дар баробари ҷиҳатҳои мусбат, ба тарзи зиндагии занон, рӯзгордорӣ ва модарии онҳо бетаъсир намонданд. Пайдоиши масъалаҳои оилавӣ, низоъҳои оилавӣ, шиддат гирифтани муносибатҳои байни ҳамсарон, камшавии аҳолӣ, шиддати психологии занон ҳангоми кори хона ва меҳнати берун аз оила,

ҷудошавии ҳамсарон, ятиммонӣ, пайдоиши оилаҳои нопурра ва модарони танҳо аз ҷумлаи таъсири дигаргуниҳои иҷтимоии ба ҳаёт ва тарзи зиндагии занон мебошанд.

- Дар Тоҷикистони Шӯравӣ ба масъалаи модарӣ, баробарии зану мард дар ҷамъият, меҳнати занон ва ҳифзи модару кӯдак таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешуд ва масъалаи озодии занон як ҷузъи ҷараёни умумии озодии инсоният ба ҳисоб мерафт. Бо вуҷуди муваффақиятҳо Ҳукумати Шӯравӣ низ баробарии воқеии занонро таъмин карда натавонист, занон бештар ба корҳои оилавӣ машғул мешуданд, мустақилияти комили иқтисодии занон таъмин карда нашуд. Таҳқиқи масъалаи модарӣ аз тарафи ҷомеашиносони шӯравӣ авҷ мегирад, онҳо модариро на танҳо талаботи зан ба таваллуд ва муносибати эмотсионалӣ ба фарзандон, балки зуҳуроти иҷтимоӣ ва арзиши фарҳангӣ меҳисобиданд. Ҷомеашиноси рус Л.Г. Сологуб масъалаи модариро аз нуқтаи назари сотсиологӣ таҳқиқ намуда, онро яке аз институтҳои иҷтимоии қадимтарин ва устувортарини ҷомеа номида, мустаҳкамкунӣ ва такрористеҳсолнамоии муносибатҳои ҷамъиятиро тавассути низоми қоидаҳо ва меъёрҳои рафтор вазифаи муҳими ин институти иҷтимоӣ номидааст.
- Модари танҳо зане мебошад, ки фарзанд ё фарзандон дорад, аммо шавҳараш бо сабабҳои гуногун (вафот, қатъи ақди никоҳ ва ғайраҳо) дар раванди таълиму тарбия ва таъминоти модии оила иштирок намекунад ё ин ки зан бе никоҳ ва ё фарзандхонӣ соҳиби кӯдак гаштааст. Оилаи нопурра чунин намуди оилаест, ки дар он бо сабаби гуногун падар ва ё модар зиндагӣ намекунанд, ё яке аз онҳо дар қайди ҳаёт нестанд ва масъулияти тарбияи фарзандон масъулияти яке аз онҳо мебошад. Ҳолати модарони танҳо ба

сабабҳои пайдоиши оилаи нопурра алоқаманд буда, модарӣ дар оилаҳои нопурра ба иҷроиши вазифаҳои иҷтимоии оила бетаъсир намемонад.

- Сабабҳои асосии пайдоиш ва паҳншавии зуҳуроти оилаи нопурра ҷудошавии ҳамсарон (қатъи ақди никоҳи ҳамсарон), фавти яке аз ҳамсарон, тавлиди фарзанди берун аз никоҳ, фарзандхонӣ ва дигар зуҳуроти иҷтимоӣ мебошанд. Барои шарҳи сабабҳои пайдоиш ва паҳншавии модарии танҳо ва оилаҳои нопурра назарияҳои гуногун вуҷуд дорад. Мувофиқи назарияи «бозори никоҳӣ» интихоби шарики ҳаётӣ ё аз рӯйи принсипи монандӣ ё вобаста ба пурранамоии якдигарӣ ба амал бароварда мешавад. Намояндагони назарияи иқтисодӣ сабаби пайдоиши модарии танҳо ва оилаҳои нопуррaро дар тавлиди фарзанд берун аз никоҳ ва қатъшавии ақди никоҳ шарҳ медиҳанд, сабаби вайроншавии оилаҳоро ба қонеъ нагаштани манфиатҳо алоқаманд медонанд.
- Дар равиши сотсиологӣ сабабҳои пайдоиш ва паҳншавии оилаи нопурра ба он алоқаманд дониста мешавад, ки ҳар як оила марҳилаҳои муайяни ҳаётии худро мегузарад. Ба андешаи намояндагони равиши сотсиологӣ сабабҳои модарии танҳо ва оилаҳои нопурра ҷудошавии ҳамсарон, марги яке аз ҳамсарон, тавлиди кӯдак берун аз никоҳ ва ҷудоии ҳамсарон бо сабабҳои ба онҳо алоқаманд набуда, мисли ҷангҳо, муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ ва ғайраҳоро мебошанд. Мувофиқи таълимоти намояндагони назарияи демографӣ сабабҳои пайдоиши оилаҳо бо сарварии зан ва тавлиди фарзанд берун аз никоҳ номувозинатӣ дар сохтори демографии аҳолӣ (мисли фавти мардҳо дар давраи ҷанг, муҳоҷирати мардон барои ҷустуҷӯйи ҷойи кор) шуда метавонанд. Таҳкими ҳуқуқҳои занон дар низоми қонунгузории никоҳ ва талоқ ба занҳо имконият дод, ки дар мавриди нобарориҳо дар ҳаёти

оилавӣ аз никоҳ даст кашанд ва ҳаёти худро тағйир диҳанд ва ба манфиатҳои шахсии худ такя кунанд.

- Сабаби асосии пайдоиш ва паҳншавии модарӣ дар оилаҳои нопурра ҷудошавии ҳамсарон мебошад, ки дар Тоҷикистон ба як зуҳуроти номатлуби нигаронкунанда табдил ёфтааст. Мувофиқи натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ ба ҷудошавии ҳамсарон якдигарнофаҳмӣ, дахолати шахсони дигар ба оила, хиёнат, низоъҳои оилавӣ, бефарзандӣ ва ғайраҳо сабаби вайроншавии оилаҳои тоҷикистонӣ мегарданд. Ҳамзамон, арзишҳои оилавии ҷавонон тағйир ёфтааст, сатҳи шуурнокӣ ва касбияти занон боло рафта, онҳо аз ҳуқуқҳои шахсӣ ва оилавии худ васеъ истифода мекунанд. Одатан, пас аз қатъи ақди никоҳ фарзанд (фарзандон) бо модар монда, оилаи нопурра пайдо мегардад.
- Мушкилии асосии оилаҳои нопурра бо модари танҳо таълиму тарбия ва таъминоти фарзандон бе иштироки мард (шавҳар) мебошад. Дар таълиму тарбия ва таъминоти фарзандон нақши мард бағоят бузург аст, зеро мавҷуд будани мард (падар) дар оила ҳам ба таҳсилоти кӯдак ва ҳам ба ҷаҳонбинии муқаррарии ӯ таъсири калон мерасонад. Натиҷаҳои таҳқиқотҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки падар ба фарзандон намунаи нақши оилавӣ ва ҷинсӣ буда, кӯдакон аз падар рафторҳои иҷтимоии барои мутобиқ шудан ба муҳити иҷтимоӣ муҳимро меомӯзанд. Баъдан, модарони танҳо фарзандони худро ба ғамхорӣ ва саробонии худ вобаста карда, дар оянда онҳо мустақилона роҳи зиндагии худро пайдо накарда, зиндагии худро бе кумаки дигарон пеш бурда наметавонанд.
- Таълиму тарбияи фарзандон ба модари танҳо як масъалаи ҷиддӣ буда, ҳам ҷиҳатҳои иқтисодӣ ва ҳам равонию ахлоқӣ дорад. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки аксарияти модарони танҳо касбу

ихтисоси зарурӣ надоранд, хеле барвақт оиладор шудаанд ва барои зиндагии мустақилона омода нестанд. Модарони танҳо на танҳо талаботҳои моддӣ ва маънавии фарзандони ятиммонда, балки зиндагии худашонро пеш бурда наметавонанд, дар танҳоӣ бе кумаку дастгирии давлат, ташкилотҳо ва атрофиён иҷтимоишавӣ ва худмуайянкунии касбии фарзандонро самаранок ба анҷом расонида наметавонанд. Баъзе аз модарони танҳо ягон сарчашмаи даромади иқтисодӣ надоранд, маблағи худро асосан ба хӯрокворӣ ва либоси худ ва фарзандон сарф менамоянд. Онҳо барои таъминоти иқтисодии фарзандони худ ба шаҳрҳо омада, ба ҳама кори вазнини каммаош розӣ мешаванд, дар шаҳрҳо манзили зисти худро надоранд ва иҷора мешинанд, барои таъмини зиндагӣ ва қонеъ гардонидани талаботҳои моддии фарзандон аз каҷрафториҳои нанговар низ рӯй намегардонанд.

